# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИЮЛ-СЕНТЯБРИ 2019

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Шуҳрат Исматуллоев,** бонкдор
**Моҳбону Накатова,** муҳаққиқ
**Фирдавс Толибов,** иқтисодчӣ
**Манучеҳр Асоев,** иқтисодчӣ

## Истиқлолият рамзи пойдории давлат аст!



Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи об, дар айни замон ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа низ нигаронида шудааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*



# Даҳсолаи байналмилалии амал “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР солҳои 2018-2028”

# ДАР ИН ШУМОРА:»


**3**
**МО МЕТАВОНЕМ БО ИФТИХОРУ САРФАРОЗӢ ЭЪЛОН КУНЕМ, КИ ДАСТОВАРДҲОИ…**
Дар зарфи 28 сол мо ба ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ диққати аввалиндараҷа дода, насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ ба камол . . .

**10**
**БМТ МОНИТОРИНГИ ДОИМИИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКИРО ИДОМА МЕДИҲАД**
Ҷаласаи васеи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо раисони бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд, ки …

**20**
**НИЗОМИ БОНКӢ БОЯД РУШДИ МУНАЗЗАМУ…**
Маҳдудияте, ки дар самти пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби Кумитаи қарзии Раёсати бонк муқаррар гардида буд, бардошта …



**42** **БАРҚАРОР НАМУДАНИ ЭЪТИМОДИ АҲОЛӢ БА БОНКҲО ВА КОҲИШ ДОДАНИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ АЗ МАСЪАЛАҲОИ …**

**54**
**НАҚШИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲО ДАР ТАЪМИНИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ**
Мавҷудияти низоми суғуртаи пасандозҳо, тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, маҳз барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо ва мусоидат ба ҳалнамоии бонкҳои муфлисшаванда аҳамият дошта, …

**75**
**ПОРТАЛИ ИНТЕРАКТИВИИ СОҲИБКОР БО СОҲИБКОР – ЁВАРИ БЕМИННАТ…**
Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳайё сохтани шароити мусоид барои субъектҳои соҳибкорӣ ва мусоидат. . .

**14** **ҶСК "ОРИЁНБОНК" САЪЮ ТАЛОШ ДОРАД МАВҚЕИ САЗОВОРИ ХУДРО ДАР…**



**69**
**ИПОТЕКАИ ИСЛОМӢ – ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ИПОТЕКӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**
"Бонкдории исломӣ" бо пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии алтернативӣ, ки аз низоми бонкии анъанавӣ …

**77**
**ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР БМТ**
Ба ифтихори фарорасии 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 сентябри соли равон дар маҷлисгоҳи Бонки миллии Тоҷикистон бо …

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:»



**64 ПИРАМИДАҲОИ МОЛИЯВӢ ВА ХАВФҲОИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТ. ОЁ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО ҚОНУНӢ АСТ?**



**27**

**ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАСТРАСӢ, ИСТИФОДАБАРӢ ВА СИФАТНОКӢ**

Фарогирии молиявӣ ин таъмини дастрасии саривақтии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ва бо арзиши муносиб истифодаи як қатор хизматрасониҳои расмии молиявии сифатнок, ба монанди: пасандоз, …



**50**

**ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ БАЪД АЗ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ВОХӮРӢ БО КОРМАНДОНИ …**

Вазъи аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва риояи меъёрҳои мақбули бонкҳо мусбӣ арзёбӣ гардида, ба ҳолати 31 июли соли 2019 меъёри кифоятии сармоя 22,3 фоизро ташкил дод, ки ин …

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
3 (86) Июл-сентябр, 2019

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҷ.Нурмаҳмадзода
**Аъзои Шӯрои машваратӣ:**
Ҷ.Нуралиев, Ф.Ҳамрализода, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов
Мутахассиси дараҷаи 1: Л.Имомова

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №114/МҶ-97, аз 20 июни 2019 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 382 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



# Мо метавонем бо ифтихору сарфарозӣ эълон кунем, ки дастовардҳои истиқлоли давлатӣ беназиранд

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 08.09.2019, шаҳри Душанбе

**Ҳамватанони азиз!**
Дар таърихи ҳар халқу миллат воқеаҳои бузургу муҳимме рух медиҳанд, ки сарнавишти минбаъда ва роҳи рушди онҳоро барои солиёни зиёд муайян менамоянд.

Истиқлоли давлатӣ барои мардуми тоҷик аз ҷумлаи чунин рӯйдодҳои бузургтарини таърихӣ мебошад, ки дар тақдири халқи куҳанбунёди мо гардиши куллӣ ба вуҷуд овард.

Аз ин лиҳоз, ин санаи сарнавиштсоз барои мо муқаддастарин ҷашн мебошад.

Ба ифтихори 28-умин солгарди ин рӯйдоди таърихӣ сокинони сарбаланди Тоҷикистони азиз ва ҳамватанони бурунмарзиро самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди соҳибватан иқболи нек, рӯзгори пурфайзу баракат, саодат ва комёбиву хушбахтӣ орзу менамоям.

Истиқлол барои мардуми шарафманди тоҷик имконият фароҳам овард, ки ихтиёри давлатдориро ба дасти худ гирифта, ба сӯйи зиндагии осуда, эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ роҳи васеъ кушоянд.

Соҳибистиқлолӣ ба мардуми шарифу заҳматкарини Тоҷикистон рӯҳи нав бахшида, сатҳи худшиносӣ, эҳсоси ватандорӣ ва ифтихори миллии хурду бузурги кишварро ба зинаи нав бардошт.



Тайи даврони соҳибистиқлолӣ миллати куҳанбунёди мо бо таҷрибаву собиқаи давлату давлатдорӣ марҳалаи тақдирсози расидан ба сулҳу ваҳдати миллиро паси сар кард ва дар шоҳроҳи амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ, ки ҳадафашон бо тақдири наслҳои имрӯзаву оянда пайванди мустақим дорад, қадамҳои устувор гузошт.

Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мо барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллиамон ҳамаи заминаҳои заруриро фароҳам овардем.

Ва дар як давраи начандон тӯлонии таърих даҳҳо лоиҳаи ҳаётан муҳимми саноативу энергетикӣ ва иҷтимоиро татбиқ карда, ҳазорҳо километр роҳҳои замонавӣ ва нақбу пулҳо бунёд намудем, ки имрӯз ҳамаи онҳо ба манфиати мардуми шарифи Тоҷикистон хизмат карда истодаанд.

Дар муддати начандон тӯлонӣ чор ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд, ки гувоҳи обрӯи баланди байналмилалии кишвари азизамон ва эътирофи нақши он дар пешбурди масъалаҳои мубрами марбут ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Бо вуҷуди мушкилоти зиёди солҳои гузашта, аз ҷумла бӯҳронҳои шадиди молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ мо муваффақ шудем, ки иқтисодиёти кишварро ба маҷрои рушди устувор равона созем.

Натиҷаи ҳамин аст, ки тайи 15 соли охир суръати афзоиши солонаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоби миёна на камтар аз 7 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин раванд, мо беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар сархати фаъолияти ҳаррӯзаи давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем ва тавре ки ҳамватанони азизамон эҳсос мекунанд, ин сиёсатро бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо устуворона идома дода истодаем.

Қабули рамзҳои давлатдорӣ, аз қабили Парчам, Суруд ва Нишон, ба муомилот баровардани пули миллӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди забон, фарҳанг ва суннату анъанаҳои миллиамон ба мо маҳз ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ муяссар гардид.

Ҳамчунин, тавассути райъпурсии умумихалқӣ қабул шудани санади сарнавиштсоз – Конститутсия, ки барои бунёди давлати муосири демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон замина гузошт, самараи даврони истиқлолу озодии давлати тоҷикон мебошад.

Дар зарфи 28 сол мо ба ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ диққати аввалиндараҷа дода, насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ ба камол расонидем ва имрӯз дилпурона изҳор медорем, ки дар қалби онҳо муҳаббати Тоҷикистони азиз нақши устувор пайдо кардааст.

Ҳоло мо метавонем бо ифтихору сарфарозӣ эълон кунем, ки дастовардҳои истиқлоли давлатӣ беназиранд.

Истиқлолу озодӣ, истиқрори сулҳу суботи сартосарӣ ва ваҳдати миллӣ роҳи моро ба сӯи амалӣ гардонидани дигаргуниҳои бунёдии ҷамъиятиву сиёсӣ боз намуд.

Истиқлоли миллӣ, ҳамчунин, ба ҳайси омили муттаҳидсозандаи халқи Тоҷикистон имкони таърихие пеш овард, ки мо дар кишварамон бо такя ба арзишҳои аз ҷониби умум пазируфташуда таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро гузорем.

Интихоби дурусти роҳи минбаъдаи пешрафт имконият фароҳам сохт, ки Тоҷикистон равобити худро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври муназзаму бомаром рушд дода, дар байни давлатҳои мутамаддини олам мавқеи сазовори худро пайдо намояд.

То имрӯз давлати мо бо зиёда аз 160 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатиро роҳандозӣ намуда, бо онҳо муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судмандро тақвият мебахшад ва пайгирона густариш медиҳад.

Тоҷикистони соҳибихтиёри мо ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва даҳҳо созмони байналмилаливу минтақавӣ дар ҳалли мушкилоту масоили мубрами замон саҳми назарраси худро мегузорад.

Дар муддати начандон тӯлонӣ чор ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд, ки гувоҳи обрӯи баланди байналмилалии кишвари азизамон ва эътирофи нақши он дар пешбурди масъалаҳои мубрами марбут ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Ҷалби ҳарчи бештари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба дарёфти роҳҳои муассири муқовимат ба хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ самти дигари талошҳои пайгиронаи давлати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Ба хотири таъмин намудани пешрафти босуботи иқтисодии мамлакат илова ба се ҳадафи стратегӣ мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем.

Маҳз ҳамин ҳадаф Тоҷикистони моро аз кишвари аграриву саноатӣ ба кишвари саноативу аграрӣ табдил дода, барои рушди бемайлони он роҳи васеъ мекушояд.

Фардо агрегати дуюми иншооти азими аср — нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ба кор андохта мешавад, яъне мо ба сӯи таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ боз як қадами устувор мегузорем.

Ба кор оғоз кардани агрегати дуюми нерӯгоҳи "Роғун" дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон дар соли чорӣ, яъне 28-умин солгарди истиқлоли Ватани маҳбубамон мебошад.

Эътимоди комил дорам, ки халқи бошарафу сарбаланди тоҷик бо азму иродаи қавӣ ва заҳмати бунёдкорона ҳамаи ҳадафу нақшаҳои пешбинигардидаро амалӣ карда, Тоҷикистони азизамонро дар ояндаи наздик ба як кишвари нерӯманду пешрафта табдил медиҳад.

Албатта, мо ҳанӯз бе мушкилоту камбудӣ нестем. Дар назди мо ҳоло вазифаҳои зиёде қарор доранд.

Бовар дорам, ки мо тамоми мушкилоти мавҷуда ва вазифаҳои созандагиро бо сарҷамъиву муттаҳидии халқамон ва бо заҳмати аҳлонаи сокинони сарбаландамон бартараф ва ҳаллу фасл мекунем.

Бо итминон изҳор медорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории навини худ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ беш аз пеш саъю талош карда, ба сӯйи дастовардҳои бештар қадамҳои устувор мегузоранд ва нуфузу эътибори мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам устувор мегардонанд.

Бо чунин нияту орзуҳои нек бори дигар хурду бузурги кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори 28-солагии истиқлол самимона табрик гуфта, ба ҳар фарди Тоҷикистони азиз тандурустӣ, ободии хонадон ва ба Ватани маҳбубамон сулҳу осоиши пойдор ва пешрафту тараққиёти рӯзафзун орзу менамоям.

**Ҷашни истиқлолу озодии Ватан муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!**

**www.president.tj**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ▲ЧСП "КАЗКОММЕРСТБОНК ТОҶИКИСТОН" ЧСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" ШУД




Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси моддаҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" 1 июли соли 2019 ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи (ЧСП) "Халиқ Бонк Тоҷикистон" иҷозатнома барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дода шуд.

Мутобиқи қарори боло иҷозатномаи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи (ЧСП) "Казкоммерстбонк Тоҷикистон" аз 24 декабри соли 2014 бинобар сабаби тағйир ёфтани номи ташкилот аз эътибор соқит гардид.

Бинобар ин, ба Департаменти назорати бонкӣ ва Идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ ва Маълумотномаи "Рамзҳои мушаххаси бонкии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сабтҳои дахлдор ворид намоянд.

## ▲ИҶОЗАТНОМАИ ҶДММ ТАҚХ "БАРАКАТ" БОЗХОНД ШУД

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 2 июли соли 2019тибқи моддаҳои марбутаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" иҷозатномаи ҶДММ ТАҚХ "Баракат", ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон 5 декабри соли 2012, таҳти № 329 дода шудааст, бозхонд карда шуд.

Ҷанбаҳои дигари фаъолияти ташкилоти мазкур дар асоси қарорҳои қабулгардида аз ҷониби масъулини Бонки миллии Тоҷикистон омӯхта ва баррасӣ карда мешаванд.

## ▲ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ БМТ БО БОНКИ "CREDIT SUISSE" ШВЕЙТСАРИЯ



Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев 18 июли соли 2019 бо ҳайати бонки "Credit Suisse"-и Швейтсария - ҷаноби Лахос Фаркас, директор дар бахши Аврупои марказӣ ва шарқӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ҷаҳонгир Атахонов –директор дар бахши Осиёи Марказӣ ва Сергей Таригин - директор дар бахши бозорҳои ҷаҳонӣ, ки бо сафари корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд, мулоқот намуд. Қобили қайд аст, ки бонки "Credit Suisse"- яке аз бонкҳои пешрафта ва дорои таҷрибаи ғанӣ дар соҳаи бонкдорӣ, сармоягузорӣ ва молия ба ҳисоб рафта, дар зиёда аз 50 мамлакати ҷаҳон намояндагиҳо дорад ва фаъолияти онҳо назаррас мебошад.

Дар ҷараёни мулоқоти Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва намояндагони бонки "Credit Suisse" масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, вазъи кунунии низоми бонкии мамлакат, дурнамои рушди соҳа дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Илова бар ин, имконияти ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши молиявӣ тавассути амалиётҳои байнибонкӣ ва барқарор намудани суратҳисобҳои муросилотӣ муҳокима шуданд.

Ҷамолиддин Нуралиев диққати меҳмононро ба самтҳои муҳим ва афзалиятноки низоми бонкӣ ҷалб намуда, таъкид кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкории судманд дорад ва бонки "Credit Suisse"метавонад дар ҷумҳурии мо бо имкониятҳои бештару хубтар ва ба манфиати ҳарду ҷониб ба бозори молиявӣ ворид гардида, дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошад.

Дар ҷараёни суҳбати судманд роҳбари ҳайати "Credit Suisse" ҷаноби Лахос Фаркас омодагии худро ҷиҳати мусоидат дар бахши ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷонибаи судманд изҳор дошт.

## ▲ҶДММ "ПАРДОХТИ ФАВРӢ" СОҲИБИ ИҶОЗАТНОМА ШУД

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори дигари худ аз 18 июли соли 2019 мутобиқи моддаҳои марбутаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Пардохти фаврӣ" барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ба муҳлати 3 (се) сол иҷозат дод.

Ба Идораи низоми пардохт дастур дода шуд, ки оид ба қарори мазкур сабти дахлдорро ба Феҳристи операторони низоми пардохтӣ ворид намояд.

## ▲НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ МУКАММАЛ МЕШАВАД

Масъалаҳои идоракунии корпоративӣ барои саҳҳомон, шӯрои нозирон ва раёсати ташкилотҳои қарзӣ зимни як семинар дар Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ин семинар муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, Намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Ян Петер Олтерс, мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ оид ба идоракунии корпоративӣ Адалят Абдуманапова ва Ержан Токтабаянов, саҳомон, аъзои Шӯрои нозирон ва роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ ҳузур доштанд. Ҷамолиддин Нуралиев, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баромади худ мавзӯъи семинарро муҳим арзёбӣ намуда, зикр кард, ки он ба идоракунии самарабахши корпоративии низоми бонкии кишвар мусоидат хоҳад кард. Ӯ гуфт, ки Бонки миллии Тоҷикистон масъалаи низоми идоракунии корпоративиро дар соҳаи бонкӣ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятнок дар сиёсати ислоҳоти худ қарор дода, дар солҳои охир барои тақвият бахшидани он тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Зикр гардид, ки ҳадафи ниҳоии низоми идоракунии корпоративӣ

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



ташаккул ва баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ буда, он ба устуворӣ ва эътимоднокии фаъолияти минбаъдаи ташкилотҳои қарзӣ мусоидат менамояд.

Дар семинар Ян Петер Олтерс, Намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ҳангоми баромади худ таъкид кард, ки Бонки ҷаҳонӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон барои тавсеаи идоракунии корпоративӣ дар соҳаи бонкӣ ҳамкорӣ намуда, барои мукаммал намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии вобаста ба идоракунии корпоративии ҷавобгӯ ба таҷрибаи байналмилалӣ ҳамроҳ фаъолият мекунанд.
Дар семинар инчунин мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ оид ба идоракунии корпоративӣ Адалят Абдуманапова ва Ержан Токтабаянов баромад намуданд. Онҳо иштирокдоронро бо сохти идоракунии корпоративӣ дар Тоҷикистон, афзалияти он дар ташкилотҳои қарзӣ, фарқияти идоракунии корпоративӣ дар муқоиса бо менеҷмент, нақши Шӯрои нозирон ва мақоми саҳомон, аз ҷумла ҳайат, ухдадорӣ, шакли раванди идоракунӣ ва нақши ҳайати котиботи корпоративӣ дар рушди сазовори идорӣ дар ташкилотҳо ошно сохтанд.

## ▲ИҶОЗАТНОМАИ ҶДММ "ШАРҚ АУДИТ" ТАМДИД НАШУД

Бинобар сабаби риоя нагардидани талаботи иҷозатномадиҳӣ бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2019 дар асоси моддаҳо ва бобҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", дархости Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Шарқ Аудит" дар бораи тамдид намудани мӯҳлати иҷрои иҷозатнома рад карда шуд.

Дар робита ба ин, ба Департаменти назорати бонкии БМТ супориш дода шуд, ки барои ворид намудани сабти дахлдор оид ба хориҷ намудани ҶДММ "Шарқ Аудит" аз Феҳристи иҷозатномаҳои фаъолияти аудиторӣ дар низоми бонкӣ кори заруриро анҷом диҳад.

## ▲ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ АСЪОРӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



Дар ҷаласаи корие, ки 21 августи соли 2019 таҳти роҳбарии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид ва Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо иштироки масъулини ташкилотҳои қарзии кишвар дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид, ба таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи бозори дохилии асъор бахшида шуд.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид, таваҷҷӯҳи аҳли нишасти ҷаласаро ба дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми мулоқот бо кормандони соҳаи молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо санаи 10 майи соли равон ироа гардида буданд, ҷалб намуд. Номбурда изҳор дошт, ки масъалаи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, танзими бозори дохилии асъор, аз байн бурдани омилҳои инсонӣ, пешгирӣ намудани монеаҳои сунъӣ дар бозори дохилии асъори хориҷӣ аз мавзӯъҳои муҳими ҷаласа буданд ва ба беҳтар намудани фазои молиявии кишвар, ҷалби сармояи хориҷӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири худро мерасонанд. Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пурзӯр намудани назорат ва ба таври доимӣ амалӣ намудани ротатсияи кормандони хазинаҳои ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои ҳаннотӣ ба масъулини ташкилотҳои қарзӣ дастур дод.

Сипас, Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев оид ба омилҳои асосии тағйирёбии қурб ва зарурати анҷом додани тасҳеҳи қурбӣ, маҳдуд кардани омилҳои инсонӣ дар амалиётҳои асъорӣ ва таъмини шаффофияти онҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ сухан ронда, барои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ



# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

таъмини талаботи соҳибкорон бо асъори хориҷӣ, ки саривақт аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ таъмин карда мешаванд, ҳамчунин эҷод накардани маҳдудият дар фурӯши асъори хориҷӣ ва аз байн бурдани омилҳои сунъӣ, аз ташкилотҳои қарзӣ даъват ба амал овард.

Ҳамзамон таъкид карда шуд, ки бо мақсади коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, таъсири хавфҳои асъории ҷойдошта ва таъмини риояи меъёри фарқияти то 2 фоиза байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА ва аз байн бурдани чунин фарқият дар бозори ғайрибонкӣ, тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмии доллари ИМА татбиқ карда шуд, ки боиси бештар гардидани воридот ва интиқоли маблағҳо тавассути низоми бонкии кишвар, шаффофияти амалиётҳо бо мизоҷон гардида, фаъолияти ҳаннотонро дар бозорҳои ғайрибонкии нақдӣ маҳдуд месозад.

Дар ҷараёни ҷаласа намояндагони ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоду дархостҳои худро барои беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасонӣ манзури ҳозирин намуда, доир ба мавзӯъҳои мавриди назар фикру андешаҳои хешро баён карданд.

Дар қисмати ҷамъбасти кори ҷаласа Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои бартараф намудани камбудиҳо дар самти роҳ надодан ба қонунвайронкунӣ аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ дар бозори дохилии асъори хориҷӣ, саривақт бо асъори нақди хориҷӣ таъмин намудани воҳидҳои сохтории худ ҷиҳати анҷом додани амалиётҳои асъорӣ, қонеъ гардонидани талаботи шахсони ҳуқуқӣ бо асъори хориҷӣ ва дигар масъалаҳои пурзӯр намудани назорат дар низоми бонкӣ дастурҳои муфид дод.

### ▲ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Семинари сатҳи ҷумҳуриявӣ оид



ба таҳияи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ва Стратегияи миллии тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 августи соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори он мутахассисони Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, , Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Хадамоти алоқа, Агентии омор, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурду миёна, Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон ва дигар созмонҳои байналхалқӣ ширкат варзиданд. Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова оғоз намуда, ба намояндагони Корпоратсияи байналмилалии молиявии Бонки ҷаҳонӣ барои иштирок ва дастгирӣ дар таҳияи стратегияи мазкур изҳори миннатдорӣ намуд. Лола Салимова махсус таъкид кард, ки новобаста ба он ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини суботи устувории молиявии кишвар ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, тадбирҳои зарурро андешидаанду барномаҳои алоҳидаро амалӣ намуда истодаанд, таҳияи стратегияҳои дар боло зикршуда зарур мебошад. Бо пайдо шудани технологияҳои нав дар ҷаҳон хавфҳо низ бештар мегарданд ва барои рафъи хатарҳо бояд сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ баланд бардошта шавад.

Дар ҷараёни семинар намояндагон аз Корпоратсияи байналмилалии молиявии Бонки ҷаҳонӣ ва дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон вобаста ба Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ва Стратегияи миллии тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои ҷолиб пешниҳод карданд.

Малика Ибрагимова, мутахассиси миллӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, намояндаи дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон чунин иброз дошт, ки мо дар самти рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва рушди инфрасохтор бо кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ҳамкорӣ дорем. Дар мавриди таҳияи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ бошад, аз тамоми иштирокчиёни семинар хоҳиш мекунем, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ аз ин стратегия амалан истифода баранд ва бо ҳамдигар кору фаъолият намоянд. Сармушовири бахши молиявии Корпоратсияи байналмилалии молиявии Бонки ҷаҳонӣ Олга Томилова дар робита ба манфиати стратегияи мазкур чунин ёдовар шуд, ки он ба шахсони воқеӣ дар тақсимоти даромад, идоранамоии хавфҳо кумак карда, ба ширкатҳо бошад, дар рушд ва ташкили ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд ва ба коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ ёрӣ мерасонад.

Иштирокдорони ҳамоиш зимни муҳокимаҳояшон вазъи феълии соҳаи фарогирии молиявӣ, рушди дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таҳия ва татбиқи стратегияҳо, монеаҳои асосӣ дар бахши фарогирии молиявӣ ва роҳҳои бартарафсозии онҳоро баррасӣ намуданд.

Дар рафти семинар аз амалӣ шудани стратегия дар кишварҳои Танзания, Филиппин, Гаити, Нигерия, Чин ва Парагвай намунаҳо пешниҳод карда шуданд. Илова бар ин, қайд гардид, ки дар 25 кишвари дигари олам ба таҳияи стратегияи мазкур машғул мебошанд.

Дар фарҷоми ҷаласа иштирокчиён оид ба стратегияи мазкур, нақши он дар ҳалли мушкилотҳои дар кишвар ва дар соҳаи бонкӣ мавҷудбуда ва манфиати он дар баланд бардоштани маърифати молиявӣ дар ҷумҳурӣ ба масъулини семинар савол доданд ва ҷавобҳои мукаммалу дақиқ гирифтанд.

### ▲ ҶСП ТАҚХ "АЗИМӢ-МОЛИЯ" ФАЪОЛИЯТАШРО ҚАТЪ КАРД

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатии худ аз 26 августи соли 2019 дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" ва муроҷиати ҶСП ТАҚХ "Азимӣ-Молия" оид ба барҳамдиҳии ихтиёрӣ дархости ҶСП ТАҚХ "Азимӣ-Молия"-ро қонеъ гардонид.
Тибқи қарори мазкур роҳбарияти ҶСП ТАҚХ "Азимӣ-Молия" вазифадор карда шудааст, ки комиссияи барҳамдиҳиро таъсис дода, расмиёти барҳамдиҳии ихтиёриро бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад.

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ▲ЛОИҲАИ КОДЕКСИ АНДОЗ ВА КОҲИШ ДОДАНИ МЕЪЁРИ ФОИЗИ ҚАРЗ

22 августи соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади баррасӣ ва муҳокимаи натиҷаҳо дар самти паст кардани меъёри фоизи қарз ва монеаҳои ҷойдошта, инчунин баррасии хулосаву пешниҳодҳои ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ вобаста ба Кодекси муқарраротҳои Кодекси андози ҶТ тасҳеҳотро талаб менамояд ва мазҳ бо ин мақсад ҷиҳати баррасии тағйиротҳои воридшаванда ба ин санад чорабинии мазкур бо иштироки ташкилотҳои қарзӣ доир карда мешавад.

Зикр карда шуд, ки Гурӯҳи корӣ фаъолияти худро тибқи Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 22.07.с.2019,№141/фф ба роҳ



андози ҶТ дар таҳрири нав мизи мудаввар дар мавзӯи "Доир ба муҳокимаи натиҷаҳо дар самти паст кардани меъёри фоизи қарз ва лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав" баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо роҳбарии Муовини Раиси БМТ Лола Салимова, сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар ва Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон доир гашт.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова зимни суханронии ифтитоҳӣ аз ҷумла зикр намуд, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати ба танзимдарории андозбандии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳои байни давлат ва андозсупорандаро вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ танзим менамояд. Аммо таҷриба нишон дод, ки барои беҳтар намудани фаъолияти низоми бонкӣ баъзе аз мондааст, ки он ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.с.2019, №АП-1236 равона гардидааст. Гурӯҳи корӣ вобаста ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав як қатор тағйиротҳоро дар моддаҳои марбут ба низоми бонкӣ дар асоси пешниҳодҳои ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ омода намуда, мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дод.

Зимни муаррифии лоиҳа сардори шуъбаи пешбурди китоби асосӣ ва иҷрои сиёсати андозии Департаменти ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон Насим Охунов изҳор дошт, ки ин ташаббус ба рафти низоми бонкӣ махсусан ташкилотҳои қарзӣ сабукӣ оварда, имкони беҳтар намудани хизматрасонии молиявиро ба аҳолӣ таъмин месозад.

Ҷамъомадагон атрофи таносуби пардохтҳои андозии ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба воридоти андозии буҷети давлатӣ, сохтори андозҳои умумии давлатии ҳисобшудаи ташкилотҳои қарзӣ, сохтори андозҳои маҳаллии ҳисобшудаи ташкилотҳои қарзӣ, нишондиҳандаҳои алоҳидаи ташкилотҳои қарзӣ фикру андешаҳои хешро баён доштанд.

Масъулин изҳор доштанд, ки тағйиротҳои мазкур як қатор имкониятҳоро барои рушди низоми бонкӣ ва дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти кишвар фароҳам меорад. Аз ҷумла, ба афзоиши сармоягузориҳо, коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини иҷрои Қарори Ҳукумати ҶТ №565 аз 30 ноябри соли 2018, фароҳам овардани фазои мусоид барои татбиқи фаъолияти бонкдории исломӣ, инчунин таъмини дастрасии молиявӣ мебошанд.

Дар рафти ҷаласа инчунин мавзӯи пешбурди сиёсати қарздиҳӣ дар низоми бонкӣ ва паст кардани меъёри фоизӣ, ки зимни мулоқоти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо санаи 10 майи соли 2019 махсусан таъкид гардида буд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуд. Вобаста ба ин масъала дар ҳузури намояндагони ташкилотҳои қарзӣ директори Департаменти назорати бонкӣ Нурмуҳаммад Шарипов дар мавзӯи "Вазъи қарздиҳии низоми бонкӣ ва меъёри фоизи қарзҳо" баромад намуда, таҳлили муфассалро оид ба паст шудани меъёри фоизи қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ нисбати соли гузашта манзур намуд. Зикр карда шуд, ки меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо дар низом дар 7 моҳи соли 2019 21,6 фоизро ташкил кард, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 7,6 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Дар хотима, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ба иштирокчиёни ҷаласа барои иштироки фаъолона изҳори сипос намуда, аз ташкилотҳои қарзӣ дархост намуд, ки то санаи 30 августи соли ҷорӣ пешниҳодҳои иловагии худро, ки зимни ҷаласа манзур карда шуданд ва барои рушди низом мусоидат хоҳанд кард, ирсол намоянд.

## ▲"MONEYGRAM PAYMENT SYSTEMS, INC." ВА "БЭСТ" ИҶОЗАТНОМА ГИРИФТАНД

30 августи соли ҷорӣ Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси моддаҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" бо қарори худ ба MoneyGram Payment Systems, Inc. (МаниГрам Пеймент Системс, Инк.) барои фаъолияти оператори низоми пардохтии "MoneyGram" ба муҳлати 3 (се) сол иҷозатнома дод.

Ёдовар мешавем, ки низоми пардохтии "МаниГрам" дар 200 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба интиқоли маблағҳо машғул мебошад. Дар кишвари мо низоми пардохтии мазкур интиқоли маблағҳоро тавассути 8 ташкилоти қарзӣ анҷом медиҳад.

Бо қарори дигари Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ҳамин рӯз бар асоси моддаҳои марбутаи қонунҳои дар боло зикршудаи ҷумҳурӣ ба ҶДММ "БЭСТ" барои фаъолияти операторӣ низоми пардохтии "БЭСТ" иҷозатнома ба муҳлати 3 (се) дода шуд. Қайд кардан бамаврид аст, ки низоми пардохтии "БЭСТ" дар ҳамкорӣ бо 5 ташкилотҳои қарзии ватанӣ хизматрасониҳои интиқоли маблағҳоро ба роҳ мондааст.

Тибқи қарорҳои боло Идораи низоми пардохти бонк вазифадор карда шудааст, ки тағйироти мазкурро дар Феҳристи операторони низоми пардохтӣ сабт намояд.

**Ин бахш аз маводи хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ, маҷаллаи "БТҶ" таҳия шудааст.**

# БМТ мониторинги доимии фаъолияти низоми бонкиро идома медиҳад

Ҷаласаи васеи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо раисони бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд, ки 19 июли соли равон баргузор гардид, ба муҳокимаи ҳамаҷонибаи ҷамъбасти нимсолаи якуми соли ҷорӣ ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2019 бахшида шуд.




Дар оғози вохӯрӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар бораи рафти иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо таҳлили амиқи раванди бурду бохти низоми бонкӣ дар давраи нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар назди ҳозирин суханронӣ намуд.

Мавсуф, аз он ҷумла, иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як қатор тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, барои боз ҳам вусъат додани корҳо дар ин самт чораҳои таъхирнопазир андешида истодааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки пешбурди сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ ба воситаи фишангҳои муосир алҳол самараи худро дода истодааст ва нишондиҳандаҳои мусбии макроиқтисодие, ки ба даст омадаанд, шаҳодатгари ин ҳама пешравӣ мебошанд.

> Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 ба 31,3 млрд. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,9 фоиз афзоиш ёфт ва рушди воқеии он 7,3 фоизро ташкил намуд.

Барои мисол, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 ба 31,3 млрд. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,9 фоиз афзоиш ёфт ва рушди воқеии он 7,3 фоизро ташкил намуд.

Нишондиҳандаи дигари муҳими макроиқтисодӣ - сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-июни соли 2019 ба 4,0 фоиз баробар шуд, ки он асосан аз ҳисоби омилҳои мавсимӣ, берунӣ ва таклифотӣ ба амал омад.

Қайд гардид, ки сиёсати қурбӣ ба реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда" идома дода шуда, он барои самаранок идора кардани сиёсати пулию



қарзӣ ва афзун намудани ҳаҷми захираҳои байналмилалӣ дар амал татбиқ гардид. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА дар маҷмӯъ муътадил арзёбӣ гардида, қурби расмии он (қурби миёнавазни хариду фурӯши доллари ИМА дар бозорҳои байнибонкӣ ва дохилибонкӣ) танҳо 0,1 фоиз коҳиш ёфт, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,7 фоиз камтар аст.

Дар баробари ин, бо мақсади таъмин кардани иқтисодиёт бо пули миллӣ дар ин давра 2,3 млрд. сомонӣ ба муомилот

> Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 4 351,8 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 34,6 фоиз зиёд мебошад.

бароварда шуд ва сатҳи монетизатсия 27,1 фоизро ташкил дод. Ҷиҳати пешгирӣ ва паст намудани хавфҳои асъорию қурбӣ, дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 72 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнок ба маблағи 8,4 млрд. сомонӣ гузаронида шуд. Инчунин, аз ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 48,3 млрд. сомонӣ амонатҳои шабонарӯзӣ ҷалб гардиданд. Таъминнокии захираҳои байналмилалӣ ба андозаи 5,2 моҳи воридотӣ расонида шуд ва ин раванд дар соли ҷорӣ низ идома дода мешавад.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор намуд, ки Бонки мил-



лии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва устувории низоми бонкии кишвар дар ҳамкорӣ бо ҳамаи мақомоти дахлдор тамоми чораҳои заруриро андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоӣ кишвар равона месозад. Қайд кардан зарур аст, ки дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 4 351,8 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 34,6 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, бақияи амонатҳо дар ин давра 9 556,2 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 195,1 млн. сомонӣ ё 2,1% зиёд шудаанд. Ҳамзамон таъкид гардид, ки қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 470,4 млн. сомонӣ ва нисбат ба охири соли 2016 ба маблағи 2 393,9 млн. сомонӣ ё 2,1 маротиба кам шудаанд. Гузашта аз ин, фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шаш моҳи аввали соли 2019 бо фоидаи 203,7 млн. сомонӣ ҷамъбаст карда шуд.

Дар рафти ҷаласа қайд гардид, ки 10 майи соли 2019 аввалин маротиба мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо баргузор гардид, ки мақсади воҳӯрии мазкур баррасии фаъолияти сохторҳои марбута ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта буда, дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот ва вазифаҳое мебошанд, ки иҷрои онҳо барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ зарур шуморида мешаванд.

Сипас, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо таъкид ба суханони Пешвои миллат иброз дошт, ки барои ноил шудан ба ҳадафи олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем.

Ба замми ин, Ҷаноби Олӣ қайд намуданд, ки низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд. Бе тадбир нест, ки дар ҷараёни мулоқот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ андешидани чораҳои зарурӣро дар самти татбиқи самараноки ислоҳот доир ба низоми идоракунии молияи давлатӣ лозим дониста, тавсеа бахшидани риояи интизоми давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва масъулияти кормандон ва пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ низоми идораи молияро талаб намуданд. Ҳамзамон Сарвари давлат оид ба камбудиҳои дар низоми бонкӣ ҷойдошта изҳори нигаронӣ намуданд. Ба ибораи дигар, зиёд будани хавфҳо дар низоми бонкӣ ва қарзҳои

ғайрифаъол, қобилияти пардохт ва сармояи бонкҳо, сатҳи баланди долларикунонӣ дар иқтисодиёт, лапишҳои асъорӣ, таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пасти аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ ҳанӯз боқӣ мондаанд.

Ҳамзамон, риоя нагардидани принсипҳои идоракунии корпоративӣ ва сатҳи пасти донишу таҷрибаи мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ба коста гардидани эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ замина гузошт.

Ҷамшед Нурмаҳмазода дар робита ба ин иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати сари вақт иҷро гардидани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Нақшаи чорабиниҳоро оид ба бартараф намудани камбудиҳои низомӣ бонкӣ омода намуд ва барои иҷро ба ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ ирсол намуд. Дар Нақшаи зикргардида самти боз ҳам мукаммал гардонидани низоми назорати бонкӣ ва риояи меъёрҳои қобили қабул аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, таҳкими вазъи молиявии онҳо ва баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, инчунин, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва барои баланд бардоштани савияи касбии онҳо мунтазам роҳандозӣ намудани чораҳои амалӣ қайд карда шудааст. Муҳимтар аз ҳама, ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати иҷрои ҳар як банди Нақша масъул буда, бояд иҷрои саривақтии онро мунтазам таъмин намоянд ва дар рушди низоми бонкӣ саҳми арзандаи хешро гузоранд.

Илова бар ин, номбурда таъкид кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон мониторинги доимии фаъолияти низоми бонкиро идома дода, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва боварию эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ислоҳоти сохторӣ ва солимгардониро идома медиҳад.

Дар идомаи ҷаласа оид ба вазъи низоми бонкии ҷумҳурӣ, натиҷаҳои ноилгардида ва камбудиҳои ҷойдошта, дороиҳо, ӯҳдадориҳо, меъёри фоизии амонатҳо ва қарзҳо, даромаднокӣ ва сармояи низоми бонкӣ, шикоятҳо аз рӯйи ташкилотҳои қарзӣ, чораҳои андешидашуда тайи нимсолаи аввали соли 2019 дар назди ҳозирин бо рӯнамои муфассал Директори Департаменти назорати бонкии БМТ Н. Шарипов суханронӣ намуд.

Дар бахши навбатии ҷаласа роҳбарони бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд бо пешниҳоди фикру андешаҳои ҷолиби худ дар муҳокимаи масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи воҳӯрӣ, ки барои пешрафти бонкдории кишвар ва бахусус барқарор кардани эътимоди аҳолӣ равона карда шудаанд, ширкат варзиданд.

Дар қисмати ҷамъбасти мулоқот роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон масъулини ташкилотҳои қарзии мамлакатро ба пурра, саривақт ва сифатнок таъмин намудани иҷрои Нақшаи чорабиниҳое, ки дар асоси муҳтавои мулоқоти Пешвои миллат бо кормандони низоми бонкӣ таҳия шудаанд, тақвият додани ҳамкориҳо дар самти ҷалби бештари сармояи арзон ва дарозмуҳлат, андешидани чораҳо барои дастрас шудани фоизи қарзҳо, баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ, зиёд кардани ҳаҷми пасандозҳо, кам кардани шумораи қарзҳои ғайрифаъол, такмил ва таҷдиди сиёсати қарзӣ, такмили идоракунии корпоративӣ, тахассуси кормандон, ҷобаҷогузории дурусти онҳо, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, диверсификатсия намудани сандуқи қарзӣ, фаро гирифтани бахшҳои нав, аз ҷумла маблағгузорӣ намудан ба рушди деҳот, соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, мусоидат намудан ба фарогирии молиявӣ бо мақсади баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, васеъ кардани доираи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини соҳибкорон бо терминалҳо даъват намуданд.

**А. Ардамеҳр,**
**“БТҶ”.**

# ҶСК "ОРИЁНБОНК" саъю талош дорад мавқеи сазовори худро дар низоми бонкӣ нигоҳ дорад

Мусоҳиба бо муовини аввали Раиси Раёсати ҶСК “Ориёнбонк” Шуҳрат Исматуллоев

**– ҶСК “Ориёнбонк” яке аз бонкҳои қадимтарин ва бонуфузи Тоҷикистон аст, ки новобаста аз бухронҳои молиявии солҳои охир ба сурати устувор фаъолият мекунад. Ин дар ҳолест, ки дар солҳои охир чандин ташкилотҳои қарзӣ ба бухрону мушкилот гирифтор гаштанд ва ҳатто аз бозори бонкӣ берун шуданд. Шумо сабаби ин муваффақиятро дар чӣ мебинед?**

— Оре, Шумо дуруст қайд намудед, ки ҶСК “Ориёнбонк” яке аз бонкҳои қадимтарини кишвар аст, ки таърихи фаъолияташ аз моҳи апрели соли 1925 (шуъбаи Бонки тиҷоратии осиёимиёнагӣ) ибтидо мегирад.Чӣ дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ва чӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСК “Ориёнбонк” ба мардуми кишвар хизматрасониҳои бонкиро дар сатҳи баланд расонида истодааст. Пӯшида нест, ки солҳои охир вобаста ба омилҳои гуногун якчанд ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолатҳои бухронӣ ва мушкилоти молиявӣ дучор гаштаанд. Новобаста аз душвориҳо дар низоми бонкӣ, ҶСК “Ориёнбонк”

Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” чандест бо мақсади ошно намудани хонандагон бо вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ рубрикаи “Мусоҳибаи муҳим”-ро ба роҳ мондааст, ки дар он суҳбатҳои ҷолиброр бо роҳбарияти бонкҳо ба табъ мерасанд. Ин дафъа маҷалла дар бораи вазъи молиявӣ, мушкилоту дастовардҳо, роҳҳои расидан ба нишондиҳандаҳои иқтисодии мусбат дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ, нақшаҳои корӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолият дар низоми бонкӣ бо муовини аввали Раиси Раёсати ҶСК “Ориёнбонк” Шуҳрат Исматуллоев мусоҳиба анҷом дод ва инак, бо камоли майл онро манзури хонандагони гиромӣ мегардонад.



айни замон устуворона, бо натиҷаҳои назарраси молиявӣ фаъолият намуда истодааст. Ба самаранокии Бонк якчанд омилҳо таъсир мерасонанд, вале муҳимашон – ин, пеш аз ҳама, дуруст ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ, дороиҳо ва уҳдадориҳо, риояи ҳатмии санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ, идоракунии хавфҳои бонкӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои сатҳи баланд ба мизоҷон мебошанд.

**— Бухрони молиявӣ оё ба бонки Шумо низ таъсир расонидааст?**
— Албатта, бухрони молиявии солҳои охир ва коҳиш ёфтани ҳаҷми воридоти маблағ ба кишвар тавассути низоми интиқоли пулӣ,



пастшавии қурби рубли русӣ, коҳишёбии даромад аз хизматрасониҳо, таҳримҳои иқтисодӣ ва таъсири вазъи ноустувори геосиёсию иқтисодии шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ ба ҶСК "Ориёнбонк" низ таъсири манфии худро расонидааст. Вобаста ба мушкилиҳои ҷойдошта дар низоми бонкии мамлакат, айни замон ҷалби сармоя ва маблағҳои қарзии байнибонкӣ аз хориҷи кишвар ба маротиб душвор гаштааст. Лекин новобаста аз вазъи бухронӣ, ҶСК "Ориёнбонк" саъю талош намуда истодааст, ки мавқеи сазовори худро дар низоми бонкии кишвар устувор нигоҳ дорад.

Ба самаранокии Бонк якчанд омилҳо таъсир мерасонанд, вале муҳимашон – ин, пеш аз ҳама, дуруст ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, риояи ҳатмии санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ, идоракунии хавфҳои бонкӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои сатҳи баланд ба мизоҷон мебошанд.

**— Вазъи молиявии бонк ҳоло чӣ гуна аст? Оё Шумо аз он қаноатманд ҳастед?**
— Айни замон вазъи молиявии Бонк хуб аст. Аз рӯи ҷамъбасти натиҷаҳои молиявӣ дар нимсолаи якуми соли 2019, ҳаҷми дороиҳо - 2 813,7 млн.сомонӣ ё 13,1%-и дороиҳои ташкилотҳои қарзии кишвар, сармояи тавозунӣ - 748,6 млн.сомонӣ ё 12,2%-и сармояи тавозунии низоми бонкӣ ва фоидаи соф маблағи 62,4 млн.сомониро ташкил медиҳад, ки аз рӯи ин нишондиҳанда айни ҳол ҶСК "Ориёнбонк" дар низоми бонкӣ дар мақоми аввал ҷой гирифтааст. Новобаста аз ин дастовардҳо, натиҷаҳои молиявии мазкур барои мо қаноатбахш набуда, барои ноил шудан ба дастовардҳои боз ҳам баландтари молиявӣ ва расонидани хизматрасониҳои наву босифати бонкӣ ба аҳолии кишвар, саъю кушиши бештар намудан зарур аст.

**— Дастовардҳои" Ориёнбонк" дар чӣ зоҳир мешаванд?**
— Тӯли фаъолияти чандинсолаи худ "Ориёнбонк" барои фаъолияти босамар дар низоми бонкӣ, рушди бизнес, устувории обрӯву нуфуз, хизматрасонии баландсифат ва бо саҳмгузорию хизматрасонӣ дар назди ҷомеъа, сазовори чандин мукофотҳои давлатию байналмилалӣ гардидааст. Аз ҷумла:
— Бренди соли 2013 "Қуллаи Шараф"
–"QUEEN VICTORIA"
– "EUROPEAN QUALITY"
– "Лидеры XXI столетия"
– "Сократовская премия"
– Чемпион серии "Б"

**— "Ориёнбонк" дар баробари дар минтақаҳои кишвар филиалу намояндагиҳо доштан, аз аввалин бонкҳои Тоҷикистон аст, ки дар хориҷа намояндагиҳо до-**

**рад. Фаъолияти намояндагиҳои Ориёнбонк дар кишварҳои хориҷиро чӣ гуна баҳо медиҳед? Ва онҳо дар хориҷи кишвар ба киҳо хизмат мерасонанд?**

— Имрӯзҳо, баҳри дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ ба аҳолӣ “Ориёнбонк” дар тамоми минтақаҳои кишвар зиёда аз 230 адад Марказҳои хизматрасонии бонкиро таъсис додааст, ки ҳамарӯза тибқи тартибот хизматрасонии саривақтӣ ва босифатро ба аҳолӣ таъмин карда истодаанд. Дар баробари ин, бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои байнибонкӣ ва машваратӣ бо бонкҳои хориҷӣ тасмим гирифтааст, ки дар хориҷи мамлакат Намояндагиҳои худро таъсис диҳад. Айни ҳол, Намояндагии “Ориёнбонк” дар Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ва Аморати Мутаҳидаи Араб (Дубай) фаъолият карда истодаанд. Ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои кушодани Намояндагиҳо дар Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Олмон, Кореяи Ҷанубӣ ва Федератсияи Россия идома доранд. Мақсади асосии фаъолияти Намояндагиҳо ин кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳои хориҷӣ, мусоидат ба ҷалби бештари сармояи арзони дарозмуддат ба иқтисодиёти кишвар ва пешниҳоди хизматрасонии босифат мебошад.

**— Аслан муштариёни бонкатон киҳо ҳастанд ё аз кадом гурӯҳи аҳолӣ мебошанд?**

— Хурсандиовар он аст, ки имрӯз дар қатори мизоҷони “Ориёнбонк”, гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро дидан мумкин аст. Ин ҳам ташкилоту корхонаҳо новобаста аз шакли моликият ва фаъолият, ҳам соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ, ки мехоҳанд бо шартҳои муфид ва дастрас аз хизматрасониҳои муосири бонкӣ истифода намоянд. Маҳсулотҳои бонкие, ки “Ориёнбонк” пешниҳод менамояд, барои табақаҳои гуногуни мизоҷон пешбинӣ гардидаанд ва онҳо аз ин

> Новобаста аз вазъи бухронӣ, ҶСК “Ориёнбонк” саъю талош намуда истодааст, ки мавқеи сазовори худро дар низоми бонкии кишвар устувор нигоҳ дорад.

имкониятҳо ҳамарӯза истифода мебаранд.

**— Ба андешаи Шумо ба шумораи зиёди муштариён хизмат расонидан душвор нест?**

— Ҳар як ташкилоти қарзӣ дар дурнамои худ, пеш аз ҳама, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ, ворид кардани маҳсулотҳои нави замонавиро роҳандозӣ менамояд, ки ҳадаф аз ин корҳо ҷалби бештари мизоҷон, яъне нигоҳ доштани мизоҷони ҷорӣ ва ба даст овардани мизоҷони нав ба ҳисоб меравад. Мо садои дили ҳар як мизоҷи хешро шунида, барои қонеъ намудани дархосту талаботи онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳем ва албатта, хурсандиовар он аст, ки шумораи мизоҷони Ориёнбонк беш аз пеш меафзояд. Ин натиҷаи фаъолияти пурмасъули моро нишон медиҳад. Албатта, дар ҷараёни кор бо душвориҳо низ рӯ ба рӯ мешавем. Аммо ин чиз моро руҳафтода намекунад, зеро бе мушкилиҳо ва бе ҳаллу фасли онҳо фаъолият ғайриимкон аст.

**— Шумо гуфта метавонед, ки чаро мизоҷон маҳз “Ориёнбонк”-ро интихоб мекунанд?**

— Шояд гуфтаҳои боло ва меҳнату кӯшишҳои мо баҳри болидахотирии мизоҷон, сабаби интихоб намудани “Ориёнбонк” аз тарафи онҳо шуда бошад. Дигар омили муҳим, ин заминаи таърихӣ ба ҳисоб меравад ва ба ҳамагон маълум аст, ки бонки мо аз аввалин рӯзҳои фаъолияти худ то ба имрӯз, муносибатҳои дуҷонибаи судмандро бо мизоҷони хеш нигоҳ медорад. Баҳои баланди мизоҷон ва умуман аҳолии киш-

вар ҳадафи асосии мо мебошад. Имрӯз кормандони бонк дарк менамоянд, ки танҳо бо муомилаи нек, хушмуомилагию хушрафторӣ ва саривақт иҷро намудани уҳдадориҳои худ дар назди мизоҷон, Бонк метавонад муваффақ гардад ва боварии аҳолиро ба даст орад. Эътимоди мардум ба “Ориёнбонк”, барои мо хеле муҳим аст ва дар оянда низ мо кӯшиш менамоем, ки мизоҷони Бонк аз хизматрасониҳоямон қаноатманд ва хушҳол бимонанд.

**— “Ориёнбонк” барои фаъолияти хайрия низ маблағ ҷудо мекунад?**

— “Ориёнбонк” сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакатро дар самти рушди бахши иҷтимоӣ ва мусоидат ба табақаи ниёзманди аҳолӣ дастгирӣ намуда, ҳамеша кӯшиш менамояд, ки амру фармон, дастуру супориш ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро саривақт иҷро намояд. Дар баробари пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ба аҳолӣ, яке аз самтҳои фаъолияти Бонки мо - ин расонидани кумакҳои хариявию молиявӣ ба оилаҳои камбизоат, шахсони маъюбу муҳтоҷ, нафақахӯрону донишҷӯён, ятимону бепарасторон, ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, фарҳангу маориф ва варзишу туризм, мебошад. Дар давоми 7 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби ҶСК "Ориёнбонк"

> Мо садои дили ҳар як мизоҷи хешро шунида, барои қонеъ намудани дархосту талаботи онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳем ва албатта, хурсандиовар он аст, ки шумораи мизоҷони Ориёнбонк беш аз пеш меафзояд.

ба маблағи 16,4 млн.сомонӣ кумакҳои хайриявию молиявӣ расонида шудааст. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки иқдоми хайрхоҳонаи Роҳбарияти давлатро мунтазам дастгирӣ намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, саҳмгузор хоҳем буд.

**— Ба назари Шумо, фарқияти бонки Шумо аз дигар ташкилотҳои қарзии кишвар дар чист?**

— Дар робита ба ин савол метавон якчанд хусусияти фаркунандаи фаъолияти Бонкро мисол овард:

1) зиёда аз 90 сол дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дар заминаи боварию эътимоди муштариён устувор будани обрӯву нуфузи Бонк;

2) ҳамкориҳо ва робитаи зич бо истифодабарандагони хизматрасониҳои Бонк;

3) мунтазам пешниҳод кардани намудҳои нави маҳсулоти бонкӣ, хизматрасонии босифат ва фаъолияти ҳайати кормандони баландихтисосу ботаҷриба;

4) дастрасии хизматрасонии қулай ва саривақтӣ ҳафт рӯз дар ҳафта ва 24 соат дар як шабонарӯз (24/7).

**— Мутахассисони бонк барои ҷалби бештари мизоҷон чӣ корҳоро анҷом медиҳанд?**

— Бо боварӣ гуфта метавонем, ки ҳайати кормандони Бонкро мутахассисони лаёқатманд, масъулиятнок ва ботаҷриба ташкил медиҳанд, ки пайваста барои пешравии фаъолияти Бонк ва ҷалби бештари муштариён лоиҳаҳои хизматрасониҳои муосирро пешниҳод менамоянд. Вобаста ба ин, якчанд соли охир дар заминаи барномаи нави автоматикунонидашудаи бонкӣ ORACLE хизматрасонии "Интернет-бонкинг" ҷорӣ карда шуд, ки муштариён метавонанд аз болои ҳисобҳои бонкии худ дар тамоми гӯшаю канори дунё назорат баранд ва 24 соат дар рӯз амалиётҳои заруриро тавассути он анҷом диҳанд.

Барои муштариёни интиқоли маблағҳо Иқдоми "Интиқоли бобарор" роҳандозӣ шудааст, ки ғолибон ҳармоҳа метавонанд соҳиби бурд - 1 000 сомонӣ гарданд.

Инчунин, бо эълон шудани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва ҷалби амонатҳои озоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ба муштариён намуди нави пасандоз - "Сайёҳӣ" пешниҳод гардид,

ки ба пасандозгузор имконият медиҳад соҳиби роҳхат ба шаҳри Дубай (АМА) ва истироҳатгоҳҳои кишвар гардад.

**– Иқдомҳое, ки ҳар сари чанд вақт масъулини бонк мегузаронанд, чӣ гуна самара медиҳанд?**

— Ҳама он саъю талоше, ки масъулини Бонк барои анҷом додани фаъолияти дуруст ва бонизоми бонкӣ карда истодаанд, бе натиҷа намемонанд ва самараи хуби иқтисодию иҷтимоӣ низ медиҳанд. Сол то сол зиёд шудани шумораи ҳисобҳои бонкии муштариён, бештар гардидани шумораи дорандагони кортҳои бонкӣ, афзун шудани истифодабарандагони хизматрасонии фосилавии "Интернет-бонкинг" ва пешравиҳои назаррас дар дигар самтҳои фаъолияти бонк гувоҳи ин гуфтаҳост.

**– Оё мушкилоте ҳастанд, ки барои рушди бештари Ориёнбонк монеа мешаванд? Шумо барои ҳалли ин мушкилот чӣ корҳоеро мехоҳед анҷом диҳед?**

— Албатта, ягон кор бе мушкилӣ намешавад ва барои ҳалли ин гуна корҳо Раёсат ва кормандони Бонк чораҳои зарурири саривақт меандешанд. Солҳои охир "Ориёнбонк" ба идоракунии корпоративӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ба ҷалби мутахассисони баландихтисос ва соҳибтаҷриба таваҷҷуҳи худро равона кардааст, ки ҳадаф аз ин дурбинӣ, маҳз бартараф намудан ва пешгирии ҳолатҳои ғайричашмдошт ба ҳисоб

> Дар давоми 7 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби ҶСК "Ориёнбонк" ба маблағи 16,4 млн.сомонӣ кумакҳои хайриявию молиявӣ расонида шудааст. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки иқдоми хайрхоҳонаи Роҳбарияти давлатро мунтазам дастгирӣ намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, саҳмгузор хоҳем буд.

меравад. "Ориёнбонк" тамоми тарзу усулҳои муосири бонкиро истифода мебарад, то ки мушкилиҳои ҷойдошта ва пеш меомадаро ҳал намояд ва ин раванд зери назорати доимии Роҳбарияти Бонк қарор дорад.

**– Ҳоло қарзҳои ғайрифаъол барои баъзе бонкҳои кишвар мушкили асосӣ шудаанд. Оё бонки Шумо низ чунин қарзҳо дорад? (Агар Ҳа, шумо онро бо кадом роҳ ҳал мекунед?)**

— Дар сохтори "Ориёнбонк" низ қарзҳои ғайрифаъол вуҷуд доранд ва тибқи талаботҳои Дастурамали №215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо" аз рӯи ин қарзҳо фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ташаккул дода шудааст. Идораҳои дахлдори Бонк пайваста аз рӯи қарзҳои мушкилситон назорат бурда, ҷиҳати тоза намудани тавозуни Бонк аз дороиҳои ғайрифаъол ҳаррӯза кор буда истодаанд. Инчунин, дар доираи нақшаи муайяншуда чораҳои зарурӣ андешида шуда, татбиқи нақшаҳои пешбинишуда дар ин самт марҳила ба марҳила таъмин мегардад.

**– "Ориёнбонк" барои ҷалби сармояи хориҷӣ кадом корҳоро анҷом дода истодааст?**

— Яке аз мушкилоти асосие, ки барои рушди низоми бонкии кишвар монеа мешавад, ин душвор гаштани ҷалби сармоя аз хориҷи кишвар мебошад. Барои ҳалли ин масъала ҳамкориҳои Бонк дар оянда бо ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва бонкҳои хориҷӣ дар назар ҳастанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҶСК "Ориёнбонк" аз моҳи марти соли гузашта бо ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон: бо бонкҳои Узпромстройбонк, Асакабонк ва Туронбонк доир ба маблағгузории корхонаҳою соҳибкорони ватанӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро татбиқ намуд.
Дар натиҷаи ин ҳамкориҳо ба маблағи умумии 40,0 млн. доллари ИМА созишномаҳои ҳамкории" Ориёнбонк" бо бонкҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон баста шуданд. Дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ айни замон бо бонкҳои Федератсияи Россия, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон гуфтушунидҳо идома доранд.

**— Барои ҷалби сармояи хориҷӣ барои як ташкилоти қарзӣ чӣ лозим аст?**

— Омили асосии ҷалби сармояи арзон ва дарозмуддат дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ - ин дуруст ва шаффоф дарҷ намудани ҳолати молиявию иқтисодии ташкилот дар ҳисоботҳои пешниҳодшаванда ба шумор меравад. Инчунин, устувор нигоҳ доштани сатҳи пардохтпазирии ташкилоти қарзӣ, риояи меъёрҳои мақбул, таҳлили сатҳи пешниҳоди хизматрасонӣ ба мизоҷон, воқеъбинона таҳлил ва интихоб намудани бахши маблағгузоришаванда ва пешниҳоди маълумоти боварибахшро дар ин самт ба сармоягузорон, зарур мешуморем. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки дар ҳолати амалӣ намудани гуфтаҳои боло, боварию эътимоди ниҳодҳои молиявии хориҷиро ба даст оварда, дар бахши ҷалби сармоя ба иқтисодиёти давлат мусоидат хоҳем кард.

**— Ба назари Шумо барои аз буҳрон баромадани бонкҳои мушкилотдори Тоҷикистон чӣ кор кардан лозим аст?**

— Пеш аз ҳама, баҳогузории воқеӣ ва дурусти ҳолати молиявӣ ва сатҳи менеҷменти ин бонкҳо зурур аст. Яъне зарур аст, ки аз ҷониби аудиторони мустақил ҳолати кунунии ин бонкҳо ва самаранокии корҳои аҷомдодаи онҳо дар ҳолати буҳронӣ ҳамаҷониба санҷида шаванд. Танҳо баъд аз санҷиш ва дар асоси хулосаи беғаразонаи аудити мустақил, нақшаи асоснок ва дақиқи чорабиниҳо оид ба баромадан аз ҳолати буҳронӣ тартиб дода шавад. Дар нақшаи мазкур роҳҳои баргардонидани қарзҳои муҳлатгузашта, барқарорсозии арзиши дороиҳо, кам кардани хароҷотҳои маъмурӣ ва дигар чорабиниҳои зарурӣ ба таври мушаххас бояд нишон дода шаванд.

Ҳамзамон зарур аст, ки дар ин самт гуфтушунидҳо бо ташкилотҳои бонуфузи молиявии байналхалқӣ, Бонки ҷаҳонӣ ва дигар сармоягузорони хориҷӣ вобаста ба ҷалби сармояи дарозмуддат идома дода шаванд. Ба андешаи ман, дар ин самт назорат ва дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон низ ниҳоят муҳим мебошад.

**— Шумо дурнамои фаъолияти “Ориёнбонк”–ро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Оё муштариён метавонанд тағйиротеро дар фаъолияти бонк интизор бошанд?**

— “Ориёнбонк” дар самти татбиқи ҳадафҳои Стратегияи рушди ҶСК “Ориёнбонк” барои солҳои 2017-2021 устуворона қадам ниҳода, бахри ноил шудан ба натиҷаҳои баланди молиявӣ, афзоиши шумораи мизоҷон ва таъмин намудани сатҳи баланди хизматрасониҳои бонкӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Мо ният дорем доираи фаъолиятро васеъ намуда, бо истифода аз имкониятҳои зиёди низоми нави автоматикунонидаи бонкии “Oracle FLEXCUBE” ва дигар технологияҳои муосир намудҳои нави хизматрасониҳоро, аз он ҷумла тавассути кортҳои бонкӣ, ҷорӣ намоем.

Бо мақсади ҳалли вазифаҳои дар назди бонк гузошташуда, дар фаъолияти Бонк риоя ва истифода намудани принсипи асосии идорӣ, яъне барои ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ва муҳим, мутахассиси заруриро дар ҷойи зарурӣ ва вақту соати зарурӣ таъмин намудан лозим аст. Маҳз дар ин сурат, таъмини рушди Бонк тақвият бахшида мешавад ва нақшаҳои гузошташуда амалӣ хоҳанд шуд.

**— Ҷаҳони сипос барои чунин як мусоҳибаи ҷолибу судманд.**

**Мусоҳибон:**
**Аслам Мӯминов,**
**Лоиламо Имомова,**
**“БТҶ”.**

# Низоми бонкӣ бояд рушди муназзаму устувори иқтисодиётро таъмин намояд




Тавре хонандагони гиромӣ огаҳ ҳастанд, 10 майи соли равон аввалин маротиба мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо баргузор гардид. Ончуноне иброз гардид, мақсади асосии вохӯрии мазкур баррасии фаъолияти сохторҳои марбута ва пайдо кардани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ҳалли мушкилоти соҳаҳои зикргардидае ба шумор мерафт, ки барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ зарур мебошанд.

> Маҳдудияте, ки дар самти пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби Кумитаи қарзии Раёсати бонк муқаррар гардида буд, бардошта шуд ва ба тамоми филиалҳои ташкилот дар доираи салоҳияти доштаашон иҷозати қарздиҳӣ дода шуд.

Дар робита ба баррасии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар дода шудаанд, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода 22 июни соли 2019 бо роҳбарон, масъулин ва сардорони шуъбаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои БДА "Амонатбонк" мулоқот баргузор намуд.

Дар оғози ҳамоиш Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо такя ба суханони Пешвои миллат иброз доштанд, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, дар маҷмӯъ рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем. Низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои давлат ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт,

ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд.

Номбурда таъкид кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ андешидани чораҳои зарурииро дар самти татбиқи самаранокки ислоҳот доир ба низоми идоракунии молияи давлатӣ лозим дониста, тавсеа бахшидани риояи интизоми давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва масъулияти кормандон, пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ низоми идораи молияро зарур шумориданд. Ҳамзамон қайд намуданд, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, инчунин, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани идораи як қатор бонкҳо ва ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорат вазъи умумии низоми бонкӣ дар кишвар



бухронӣ гардид. Дар заминаи камбудиҳои мавҷудаи сохторӣ, аз ҷумла зиёд будани хавфҳо дар низоми бонкӣ ва қарзҳои ғайрифаъол, паст будани сатҳи



**Тақрибан 20,2 фоизи дороиҳо, 7,7 фоизи қарзҳо, 25,4 фоизи ухдадориҳо, 35,7 фоизи амонатҳо, аз ҷумла 28,6 фоизи амонатҳои муҳлатнок ва 17,4 фоизи кормандони низоми бонкӣ, аз ҷумла 19,3 фоизи занҳо ба БДА ҶТ "Амонатбонк" рост меояд.**

захираҳои софи байналмилалӣ, қобилияти пардохт ва сармояи бонкҳо, сатҳи баланди долларикунонӣ дар иқтисодиёт, лапишҳои асъорӣ, таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ



ва дастрасии пасти аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ ҳанӯз боқӣ мондаанд. Ҳамчунин риоя нагардидани принсипҳои идоракунии корпоративӣ ва сатҳи пасти донишу таҷрибаи мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ба коста гардидани эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ замина гузошт.

Ба ғайр аз ин, Пешвои миллат диққати ҳозирини ҷаласаро ба тасарруфи маблағҳои қарзӣ даст задани кормандони “Агроинвестбонк” ва дигар шахсони вобастаи он, ба шахсони мансабдори “Тоҷиксодиротбонк” ба таври ғайриқонунӣ додани қарз ва азонихудкунии маблағҳои бонк, аз ҷониби корманди “Амонатбонк” бо истифодаи корти бонкии қалбакӣ тасарруф намудани маблағҳо, ҳолатҳои азонихудкунии маблағҳо ва ғайриқонунӣ додани қарз дар

**Президенти ҷумҳурӣ ҳамчунин таъкид карданд, ки фоизи нисбатан баланди қарз яке аз омилҳои боздорандаи дастрасии соҳибкории истеҳсолӣ ба воситаҳои молиявӣ мебошад ва роҳбарони ташкилотҳои қарзиро вазифадор намуданд, ки дар самти паст намудани фоизи қарзҳо, ҷиҳати осон кардани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.**

«Тоҷпромбонк» ва ғайра ҷалб намуд. Дар баробари ин, қисми бештари амволи ба гарав гузоштаи қарзгирандагон бо ҳар гуна воситаву усулҳои ғайриқонунӣ нодуруст (яъне даҳҳо баробар баланд) баҳогузорӣ гардидааст. Яъне, номукаммал будани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи нархгузорӣ сабаби ба вуҷуд омадани камбудиҳо дар самти баҳогузории молу мулк гардидааст. Дар аксари мавридҳо қарзгирон аз беназоратӣ ва бепарвоии комиссияи нархгузорӣ ва масъулони бонкҳо истифода намуда, амволи ночизро бо мақсади минбаъд ба пул табдил додан бо нархи гарон ба гарав мондаанд. Инчунин, ба сифати гарав амволе қабул шудааст, ки арзиши аслии он ба таври сунъӣ аз арзиши бозорӣ чандин баробар баланд нархгузорӣ шудааст. Ин ҳолат ба фурӯши саривақтии амволи гарав монеа гардида, минбаъд барои мушкилситон шудани қарз замина гузоштааст.

Дар робита ба ин, ҷиҳати боз ҳам мукаммал гардонидани низоми назорати бонкӣ ва риояи меъёрҳои қобили қабул аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, таҳкими вазъи молиявии онҳо ва баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, инчунин, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо мунтазам роҳандозӣ намудани чораҳои амалӣ зарур

шуморида шудааст. Илова бар ин, барои баланд бардоштани саҳми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, махсусан, саноатикунонии кишвар зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ, бахусус, ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда андешидани чораҳои қатъиро талаб намуданд.

Президенти Ҷумҳурӣ ҳамчунин таъкид карданд, ки фоизи нисбатан баланди қарз яке аз омилҳои боздорандаи дастрасии соҳибкории истеҳсолӣ ба воситаҳои молиявӣ мебошад ва роҳбарони ташкилотҳои қарзиро вазифадор намуданд, ки дар самти паст намудани фоизи қарзҳо, ҷиҳати осон кардани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар робита ба ин, раиси Бонки миллии Тоҷикистон қайд кард, ки БДА "Амонатбонк" ҳамчун бонки давлатӣ ва низомсози ҷумҳурӣ бояд дар дастгирии сиёсати давлат пешсаф бошад ва нақши он дар самтҳои зикргардида хеле ҳам муҳим мебошад. Қобили қайд аст, ки дороиҳои умумии БДА ЧТ "Амонатбонк" ба санаи 31 майи соли ҷорӣ маблағи 4,3 млрд. сомониро ташкил дода, уҳдадориҳои он бошад, ба 3,9 млрд. сомонӣ баробар гаштанд. Тақрибан 20,2 фоизи дороиҳо, 7,7 фоизи қарзҳо, 25,4 фоизи уҳдадориҳо,



35,7 фоизи амонатҳо, аз ҷумла 28,6 фоизи амонатҳои мӯҳлатнок ва 17,4 фоизи кормандони низоми бонкӣ, аз ҷумла 19,3 фоизи занҳо ба БДА ЧТ "Амонатбонк" рост меояд.

Бо вуҷуди он ки бонк хизматрасониҳои худро тавассути 75 филиал, 546 маркази хизматрасонӣ ва 2 нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ пешниҳод менамояд, сатҳи хизматрасониҳои воҳидҳои сохтории он паст буда, такмилро талаб менамояд, гуфт дар идомаи суханрониаш Ҷамшед Нурмаҳмадзода. Зикр кардан зарур аст, ки дар фаъолияти Амонатбонк ҳамчун бонки низомсоз як қатор камбудиҳо ва норасоиҳо, ки ба рушди минбаъда метавонанд монеа эҷод кунанд, ҷой доранд, аз ҷумла:

- гарчанде дороиҳои даромаднок 54 фоизро ташкил диҳанд ҳам, 77,1 фоизи он ба коғазҳои қиматнок ва 12,2 фоиз ба сандуқи қарзӣ рост меоянд;
- ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои умумӣ 12,2 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда кам аст.
- қарзҳои додашудаи Бонк дар панҷ моҳи аввали соли ҷорӣ 175,1 млн. сомониро ташкил дода, дар низом ба 5,1 фоиз баробар аст;
- ҳангоми пешниҳоди қарз таҳлили пурраи ҳолати молиявии қарзгир гузаронида намешавад;
- дар Бонк хароҷоти амалиётӣ зиёд мебошад.
- гарчанде дар паст гардидани фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда раванди мусбат ба назар расида бошад ҳам (бо пули миллӣ



22,56 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 13,91 фоиз), корҳо дар ин самт ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нестанд ва бонкро зарур аст, ки фаъолиятро оид ба ин масъала боз ҳам идома диҳад;

- таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Бонк дорои иқтидори зиёди қарзӣ мебошад, (асосан аз ҳисоби амонатҳои муҳлатнок ва маблағҳои ташкилотҳои буҷавӣ) вале онро самаранок истифода намебарад;
- дар филиалҳо азхудкунии маблағҳо (аз ҷумла аз ҳисоби қарз, пасандозҳо, нафақа, кортҳои пардохтӣ ва ғайра) ҷой доштанд (Саридора дар қисмати кортҳо пластикӣ, дар филиалҳои Бонк дар ш.Ваҳдат, н.Сино, н.Панҷ камомади хазина) ва ин ҳолатҳо ҳангоми такроран сар задан хавфи амалиётиро зиёд карда, ба зиёдшавии зарари Бонк оварда мерасонад ва ҳам хавфи нуфузу эътибори Бонкро зиёд мекунад;
- дар тавозун амволе, ки ҳамчун гарав барои бозфурӯш гирифта шудааст, муҳлати тӯлонӣ нигоҳ дошта мешавад;
- рӯз то рӯз шикоятҳо нисбат ба муносибати дағалонаи кормандон бо мизоҷон зиёд шуда истодаанд;

Сипас, раиси БДА "Амонатбонк" Сироҷиддин Икромӣ оид ба корҳои анҷомдодашуда ва нақшаҳои ояндаи бонк бо гузориши муфассал дар наздии ҳозирин суханронӣ намуд. Номбурда иброз дошт, ки ҷиҳати иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Бонк корҳои муайяне амалӣ шуданд. Аз ҷумла, дар ин давра "Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонк барои соли 2019" таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки тибқи он зиёд намудани сандуқи қарзӣ, беҳтар намудани сифати сандуқи қарзӣ, то 3 маротиба зиёд намудани ҳаҷми пардохти интиқоли маблағҳо, кам намудани хароҷоти дуюмдараҷа, такмили сиёсати кадрӣ, бозорёбӣ (маркетинг), рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва хизматрасониҳои фосилавӣ ва идоракунии хавфҳои бонкӣ ба назар гирифта шудааст. Илова бар ин, нақшаи чорабиниҳо иборат аз 16 банд таҳия ва тасдиқ гардидааст ва ҳар як воҳиди сохтории Бонк барои таъмини иҷрои он масъул мебошад. Бо мақсади ривоҷ додани фаъолияти қарздиҳӣ, зиёд намудани ҳаҷми қарзҳои хурд ва беҳтар сохтани сифати сандуқи қарзӣ, бо ҷалби тренерон аз Марказии таълимии АМФОТ курсҳои кӯтоҳмуҳлати бозомӯзӣ ташкил шуд.

Тавре С. Икромӣ зимни суханронии худ қайд намуд, маҳдудияте, ки дар самти пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби Кумитаи қарзии Раёсати бонк муқаррар гардида буд, бардошта шуд ва ба тамоми филиалҳои ташкилот дар доираи салоҳияти доштаашон

иҷозати қарздиҳӣ дода шуд. Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ меъёри фоизи қарзҳои ба ин самтҳо пешниҳодшаванда 2 банди фоизӣ пасттар карда шуда, аз 20% ба 18%-и солона расонида шуд. Ба ғайр аз ин, ҷиҳати дастгирии соҳибкорони ватанӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, меъёри фоизи қарзҳои аз ҳисоби Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ӯзбекистон ҷалбшаванда 8-9 фоизи солона муқаррар гардид, ки нисбат ба фоизҳои қаблан амалкунанда 1-2 банди фоизӣ пасттар мебошад. Ҷиҳати саҳмгузорӣ дар рушди соҳаи сайёҳии мамлакат ва рушди минбаъдаи ҳунарҳои мардумӣ, Бонк аз ҳисоби захираҳои худӣ тавассути филиалҳо 2,8 млн. сомонӣ ҷудо намуд. Ҳамчунин, барои бартараф намудани камбудиҳо ва баргардонидани қарзҳои таъхирафтода гурӯҳҳои корӣ ва сарпарастон ба филиалҳои Бонк сафарбар карда шуданд.

Қайд гардид, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, таъмини шаффофият дар пешбурди амалиётҳо аз рӯи пасандозҳои муҳлатнок, пешгирии хавфи омилҳои инсонӣ, дастрасии хизматрасониҳо ба муштариён ва ба таври муосир мутобиқгардонии ин хизматрасонӣ, аз дафтарчаҳои амонатӣ ба кортҳои пардохтии бонкӣ гузаронидани пасандозҳо

**Дороиҳои умумии БДА ҶТ “Амонатбонк” ба санаи 31 майи соли ҷорӣ маблағи 4,3 млрд. сомониро ташкил дода, ухдадориҳои он бошад, ба 3,9 млрд. сомонӣ баробар гаштанд.**

ҳадафи дигари Бонк дар соли ҷорӣ мебошад. Корҳо дар ин самт бомаром идома доранд. Бонк кӯшиш намуда истодааст, ки ҷиҳати иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат дар самти рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар кишвар, то охири соли ҷорӣ ҳамгироии низоми пардохти Корти миллиро бо НСПК "МИР" ба роҳ монда, имконияти хизматрасонии кортҳоро васеъ намояд. Инчунин, барои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути интернет ва мобайлбонк шартномаи ҳамкорӣ бо ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити" баста шуд, ки тавассути интернетбонк ва мобайлбонк (АмонатОнлайн) пардохтҳои мобилӣ, интернет, коммуналӣ ва хизматрасонии бонкҳои дигарро ба монанди пардохти қарз имконият фароҳам меорад.

Дар ҷараёни мулоқот роҳбарони воҳидҳои сохтории БДА “Амонатбонк” дар муҳокимаи масъалаҳои рӯзмарраи бонкӣ ширкат варзида, фикру андешаҳои худро баён намуданд.

Дар қисмати хотимавии вохӯрӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода қайд намуд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташудаи Пешвои миллат ва таъмини фаъолияти самарнок ба БДА ҶТ “Амонатбонк” андешидани чораҳои самаровар зарур мебошад.

Зиёд намудани сармояи бонк ва пурзӯр кардани фаъолияти он ҳамчун миёнарави молиявӣ, таъмини ҷалби бештари маблағгузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ва тақвияти ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ҷоннок кардани кор дар самти низоми идоракунии корпоративӣ, бо истифода аз имкониятҳои молиявии бонк зиёд кардани дороиҳои даромадноки он аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми сандуқи қарзӣ, вусъат бахшидани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ, махсусан барои истеҳсолот, рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ба роҳ мондани амалияи байналмилалии баҳодиҳии хавфҳо ҷиҳати самаранок намудани фаъолияти низоми идоракунии хавфҳо, беҳтар кардани сифати сандуқи қарзии бонк ва ҷоннок кардани кор дар самти баргар-

донидани қарзҳои батаъхирафтода, гузаронидани инвентаризатсия ва азнавбаҳогузори тамоми амволи ба гарав гирифташуда ва мутобиқ кардани арзиши онҳо ба нархҳои бозорӣ, худдорӣ кардан аз ҳаргуна хароҷоте, ки ба фаъолияти бевоситаи бонк дахл надоранд, баланд бардоштани фаъолияти аудит ва назорати дохилӣ дар самти пешгирии ҳолатҳои талаф, тасарруфи маблағҳои қарзӣ, андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳолатҳои қонунвайронкунӣ ва коррупсионӣ, ҷоннок кардани корҳо дар самти паст намудани фоизи қарзҳо ва осон намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии бонкӣ ва беҳтар намудани этикаи кории кормандон бо муштариён, таъмини муътадили фаъолияти банкоматҳо дар ҳамаи минтақаҳо ва зиёд намудани воситаҳои электронии пардохт дар нуқтаҳои савдо, хизматрасонӣ, филиалҳои бонк, таъмини ҳавасмандии шаҳрвандони дорандаи кортҳои "Амонатбонк" барои пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравfamiliar.

Раиси БМТ ҳамчунин изҳор намуд, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳои низоми бонкӣ омода шуда, барои иҷро ба БДА "Амонатбонк" ирсол карда шуд. Дар робита ба ин, бонкро зарур аст камбудиҳои дар фаъолияташ ҷойдоштаро бартараф карда, иҷрои саривақтӣ ва сифатнокии Нақшаи чорабиниҳоро таъмин намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои баррасии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар ироа шудаанд, ба ҳамин монанд вохӯрию мулоқотҳо аз ҷониби роҳбарият ва масъулини Бонки миллии Тоҷикистон бо кормандони ташкилотҳои қарзӣ гузаронида шуданд, ки барои беҳтар кардани нишондиҳандаҳои мусбии соҳа мусоидат хоҳанд кард.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**"БТҶ".**

# ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАСТРАСӢ, ИСТИФОДАБАРӢ ВА СИФАТНОКӢ



АННОТАТСИЯ

**Мувофиқи барномаи шарикии глобалӣ барои фарогирии молиявӣ (G20 Global Partnership for Financial Inclusion) ва Ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ (феврали 2015) фарогирии молиявӣ бо се нишондиҳандаи асосӣ арзёбӣ ё андозагирӣ карда мешавад:**

**1. дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ;**

**2. истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ;**

**3. сифатнокии маҳсулотҳои молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ.**

**Барои муайян намудани вазъи фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мақолаи мазкур нишондиҳандаҳо зикршуда истифода мешаванд.**

**Калидвожаҳо: фарогирии молиявӣ, дастрасӣ, истифодабарӣ, сифатнокӣ, POS-терминал, банкомат.**

## МУҚАДДИМА

Дар шароити муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ иқтисодиёти ҷаҳон зери таъсири омилҳои гуногуни иқтисодию молиявӣ ва сиёсию геосиёсӣ қарор дошта, таъсири манфии он ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ бештар расида истодааст. Дар ин радиф ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки узви ҷомеаи ҷаҳони муосир мебошад, таъсири манфии ин омилҳо то андозае ба мушоҳида мерасад.

Аз ин лиҳоз, кишварҳои осебпазир ҷиҳати паст намудани таъсири ин гуна омилҳо роҳу усулҳои идоракунии молиявии самараноки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ татбиқшударо истифода бурда, чорабиниҳои гуногуни мақсаднокро барои ноилшавии мақсадҳо амалӣ менамоянд. Яке аз ин гуна чорабиниҳо вусъат додани фарогирии молиявӣ мебошад.

Таҷрибаи кишварҳое, ки фарогирии молиявиро дар иқтисодиёташон ба таври васеъ ба роҳ мондаанд, нишон медиҳад, ки амалӣ намудани он барои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию бонкӣ дар шароити бӯҳронҳои иқтисодӣ ва бо ин роҳ ҳимоя намудани онҳо аз таъсири омилҳои манфӣ

> Фарогирии молиявӣ ин таъмини дастрасии саривақтии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ва бо арзиши муносиб истифодаи як қатор хизматрасониҳои расмии молиявии сифатнок, ба монанди: пасандоз, қарз, пардохтҳо, интиқоли маблағҳо, суғурта ва сармоягузорӣ мебошад.

имконият ва шароити мусоид фароҳам меорад.

## ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ

Мафҳуми фарогирии молиявӣ вобаста ба ҳолатҳои мавҷудаи молиявии кишварҳо гуногун буда, дар маводи таҳлилии мазкур вобаста ба вазъи молиявии имрӯзаи Тоҷикистон ба таври зер тавсиф карда мешавад.

Фарогирии молиявӣ ин таъмини дастрасии саривақтии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ва бо арзиши муносиб истифодаи як қатор хизматрасониҳои расмии молиявии сифатнок, ба монанди: пасандоз, қарз, пардохтҳо, интиқоли маблағҳо, суғурта ва сармоягузорӣ мебошад.

Илова бар ин, фарогирии молиявӣ ба ду қисм тасниф мешавад: расмӣ ва ғайрирасмӣ. Ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои ғайрибонкӣ (суғуртавӣ, ломбардҳо, ширкатҳои мобилӣ, ширкатҳои лизингӣ, биржаи қоғазҳои қиматнок) ба қисмати расмӣ дохил мешаванд. Ба воситаҳои ғайрирасмии фарогирии молиявӣ (гурӯҳҳои қарзӣ, рафиқон, оила, пасандоз кардан дар хона), яъне ҳама намудҳои амалиёти молиявии берун аз низоми расмии бонкӣ дохил мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки фарогирии молиявӣ 4 самти асосиро дар бар мегирад. Он аз саводнокии молиявии аҳолӣ, навоварии молиявӣ, ки ба низоми пардохт ва иқтисодиёти рақамӣ алоқамандӣ дорад, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва рушди маблағгузории хурд иборат мебошад.

> Корти миллӣ дар соли 2013 ба кор оғоз намуда, тайи чанд соли охир фаъолона дар амал татбиқ шуда истодааст. Ба ҳолати моҳи июли соли 2017 тақрибан 30% аҳолии калонсол соҳиби картаҳои дебетӣ гардиданд.

Яке аз самтҳои муҳими таъмини фарогирии молиявӣ саводнокии молиявии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он аҳолӣ дорои донишу малакаи молиявӣ гардида, усулҳои истифодаи самаранокии захираҳои молиявиро аз худ менамояд. Инчунин, ин иқдом дар навбати худ ба равнаки рушди соҳибкории хурду миёна ва дастрасию истифодаи хизматрасониҳои баландсифати бонкӣ, зиёд гардидани миқдори суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути низомҳои пардохтии электронӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ, пасандозҳои аҳолӣ ва гирифтани қарз мусоидат менамояд.

## ЗАРУРАТИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Фарогирии молиявӣ воситаи босамари беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодабарии хизматрасониҳои сифатноки молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, фарогирии молиявӣ дар таъмини устувории бахши молиявии кишварҳо, алалхусус такон додани бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мусоидат ба рушди сармояи инсонӣ ва ба ин васила паст намудани сатҳи камбизоатӣ нақши назаррас дорад. Дар баробари ин, актуалӣ будани ин масъала имрӯз дар он зоҳир мешавад, ки аҳолии аксари кишварҳои ҷаҳони имрӯза аз хизматрасониҳои молиявии расмӣ дар канор мондаанд ва мувофиқи маълумотҳои оморӣ теъдоди онҳо қариб ба 1,7 миллиард нафар мерасад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин масъала истисно нест.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки вусъат додани фарогирии молиявӣ метавонад ба афзоиши рушди иқтисодӣ, ҳалли вазифаҳои диверсификатсиякунонии иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии сиёсати андозу буҷет ва пулию қарзӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва суботи молиявӣ мусоидат намояд. Сиёсатмадорон ё мақомоте, ки масъули қабули қарорҳо мебошанд, дар саросари ҷаҳон аҳамияти фарогири молиявиро бо гузашти солҳо бештар эътироф карда истодаанд.

Ҷониби дигар ва муҳими масъала ин бартараф намудани фарқияти дараҷаҳои фарогирии молиявии соҳибкории хурду миёна дар муқоиса бо кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дорои муносибатҳои ташаккулёфтаи бозорӣ мебошад, ки ба ин васила метавонад афзоиши солонаи рушди иқтисодиро то 1% фоиз баланд бардорад .

Қобили қайд аст, ки фароги-



**М. Накатова,** директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.

рии молиявӣ яке аз омилҳои муҳими мақсадҳои рушди устувор, яъне таъмин намудани хизматрасониҳои сифатноки молиявӣ натанҳо барои як гурӯҳи махсуси аҳолӣ, балки барои тамоми гурӯҳҳои осебпазири мардум маҳсуб меёбад. Тавре маълум аст, кишвари мо ба татбиқ намудани мақсадҳои рушди устувор диққати ҷиддӣ дода истодааст, ки бори дигар аз актуалӣ ва муҳим будани ин мавзӯъ шаҳодат медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи фарогирии молиявӣ дар ҳуҷҷати муҳими давлатӣ - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 матраҳ гардида, инчунин дар он аҳамият, самтҳои асосии фаъолият, натиҷаҳои чашмдошт ва мушкилоти он дарҷ гардидаанд.

Нуқтаи дигар ва ҷолиб ин аст, ки баробари зиёд намудани ҳаҷми қарз ба бахши хусусӣ, махсусан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, беҳтар гардонидани сатҳу сифати хизматрасониҳо, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо, вусъат бахшидани амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани он, инчунин тезонидани кор ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ зарурати ташаккул додани дараҷаи фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Ба ибораи дигар, ҳама нақшаву мақсадҳои стратегии ҷумҳурӣ бо самтҳои асосии фарогирии молиявӣ тавъам мебошанд.

Мувофиқи барномаи шарикии глобалӣ барои фарогирии молиявӣ (G20 Global Partnership for Financial Inclusion) ва Ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ (феврали 2015) фарогирии молиявӣ бо се нишондиҳандаи асосӣ арзёбӣ ё андозагирӣ карда мешавад:

*1. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ.*

*2. Истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ;*

*3. Сифатнокии маҳсулотҳои молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ.*

Нишондиҳандаи дастрасӣ фарогирии (фарогирӣ ба таври физикӣ) амиқи хизматрасониҳои молиявиро инъикос карда, воридшавӣ ё дастрасӣ ба бонкҳо, филиалҳои онҳо, POS - терминалҳо ва монеаҳоро, ки аз талаботи муштариён ҳангоми дастрасии онҳо ба муассисаҳои молиявӣ, ба монанди арзиш ва маълумот оид ба маҳсулотҳои молиявӣ бармеоянд, ифода менамояд.

Тавассути нишондиҳандаҳои истифодабарӣ муайян карда мешавад, ки муштариён чи гуна хизматрасониҳои молиявиро истифода мебаранд, ба монанди: мунтазамӣ ва саривақтии маҳсулотҳо ё хизматрасониҳои молиявӣ (тавозуни миёнавазни пасандозҳо, миқдори амалиётҳо ба ҳар як суратҳисоб, шумораи пардохтҳои электронии анҷомдодашуда).

Шарҳи нишондиҳандаи сифатнокӣ онро ифода менамояд, ки оё маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ба ниёз ё эҳтиёҷоти муштарӣ мувофиқат мекунад (ё талаботи муштариро қонеъ

### ҶАДВАЛИ 1. ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ИНФРАСОХТОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИҚЁСИ ҶУМҲУРӢ ВА МИНТАҚАҲО

| Нишондиҳандаҳо | Ташкилотҳои қарзӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо |
|---|---|
| **дар кишвар** | |
| Миқдори умумӣ, адад | 1816 |
| Ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 3,4 |
| Дар зичии 100 километри мураббаъ, адад | 1,3 |
| **ш.Душанбе** | |
| Миқдори умумӣ, адад | 291 |
| Ба 10 ҳаз.нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 5,2 |
| Дар зичии 1 километри мураббаъ, адад | 2,9 |
| **Вилояти Суғд** | |
| Миқдори умумӣ, адад | 607 |
| Ба 10 ҳаз.нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 3,8 |
| Дар зичии 100 километримураббаъ, адад | 0,9 |
| **Вилояти Хатлон** | |
| Миқдори умумӣ, адад | 477 |
| Ба 10 ҳаз.нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 2,5 |
| Дар зичии 100 километри мураббаъ, адад | 1,9 |
| **НТҶ** | |
| Миқдори умумӣ, адад | 339 |
| Ба 10 ҳаз.нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 2,7 |
| Дар зичии 100 километри мураббаъ, адад | 1,2 |
| **ВМКБ** | |
| Миқдори умумӣ, адад | 102 |
| Ба 10 ҳаз.нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 7,2 |
| Дар зичии 100 километри мураббаъ, адад | 1,6 |

*Сарчашма: маълумотҳои оморӣ аз рӯнамои Вазъи низоми бонкӣ дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 ва маълумотҳо аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

мегардонад), номгӯи вариантҳое, ки барои муштарӣ дастрас аст (доираи имконот), инчунин, сатҳи огоҳӣ ва фаҳмиши муштарӣ оид ба маҳсулотҳои молиявӣ.

Барои муайян намудани вазъи фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар идомаи мақола нишондиҳандаҳои зикршуда таҳлил карда мешаванд.

### ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ

Арзёбии нишондиҳандаи дастрасӣ тамоми нуктаҳои физикии хизматрасониҳои бонкӣ, таҷҳизотҳои пардохтӣ ва мобилиро дар назар дошта, яке аз ҷанбаҳои муҳим ва асосии фарогирии молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади муайян намудани инфрасохтори пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ, индикаторҳои шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолии дар синну соли қобили меҳнат қарордошта ва ҷойгиршавии ташкилотҳои қарзӣ дар зичии 100 км мурабаъ истифода бурда шуд (Ниг. ба ҷадвали 1).

Тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 маълум мегардад, шумораи умумии ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2018 дар сатҳи мамлакат 1816 ададро ташкил дода, ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат 3,4 адад рост меояд ва ба ҳисоби миёна дар зичии 100 километри мураббаъ 1,3 адад ташкилоти қарзӣ фаъолият мекунад, ки ин нишондиҳандаи хуби дастрасӣ ба ҳисоб меравад.

Агар нишондиҳандаи мазкурро дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намоем, он гоҳ чунин вазъиятро мушоҳида кардан мумкин аст:

- дар шаҳри Душанбе 291 адад ташкилоти қарзӣ буда, ба ҳар 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат 5,2 адад ташкилотҳои қарзӣ рост меояд, ки масофаи ҷойгиршавии онҳо ба зичии 1 километри мураббаъ 2,9 адад баробар аст;
- дар вилояти Суғд 607 адад ташкилоти қарзӣ фаъолият намуда, ба ҳар 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат 3,8 адад ташкилоти қарзӣ рост меояд, ки масофаи ҷойгиршавии онҳо дар зичии 100 километри мураббаъ 0,9 ададро ташкил медиҳад;
- дар вилояти Хатлон 477

адад ташкилоти қарзӣ фаъолият намуда, ба ҳар 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат 2,5 адад ташкилоти қарзӣ рост меояд, ки масофаи ҷойгиршавии онҳо дар зичии 100 километри мураббаъ 1,9 ададро ташкил медиҳад;

- дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 339 адад ташкилотҳои қарзӣ фаъолият намуда, ба ҳар 10 ҳаз. нафар 2,7 адад ташкилоти қарзӣ рост меояд, масофаи ҷойгиршавии онҳо дар зичии 100 километри мураббаъ ба 1,2 адад баробар аст;

- дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 102 адад ташкилотҳои қарзӣ фаъолият доранд ва ба ҳар 10 ҳаз. нафар 7,2 адад ташкилоти қарзӣ рост меояд, масофаи ҷойгиршавии онҳо дар зичии 100 километри мураббаъ 1,6 адад баробар аст.

Дар муқоиса бо дигар кишварҳо, аз ҷумла Федератсияи Русия ба 100 ҳаз. аҳолии синну соли қобили меҳнат, 38 адад ташкилотҳои гуногуни бонкӣ, Австралия 30,7 адад, Канада 24,4 адад ва Аргентина 13,4 адад рост меояд.

Бо мақсади муайян кардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ аз рӯи таҷҳизотҳои пардохтии бонкӣ чунин индикаторҳо, ба монанди: банкоматҳо, нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва POS-терминалҳо истифода бурда шуданд (ниг. ба ҷадвали 2).

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, барои муайян намудани дастрасии аҳолӣ ба банкоматҳо дар сатҳи кишвар

## ҶАДВАЛИ 2. ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ТАҶҲИЗОТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ ДАР МИҚЁСИ ҶУМҲУРӢ ВА МИНТАҚАҲО

| Нишондиҳандаҳо | Индикаторҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Банкоматҳо | Нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд | POS - Терминалҳо |
| **дар кишвар** | | | |
| Миқдори умумӣ, адад | 678 | 1485 | 3014 |
| Ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 1,3 | 2,8 | 5,6 |
| **ш.Душанбе** | | | |
| Миқдори умумӣ, адад | 254 | 181 | 1778 |
| Ба 10 ҳаз.нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 4,5 | 3,2 | 31,7 |
| **Вилояти Суғд** | | | |
| Миқдори умумӣ, адад | 183 | 496 | 755 |
| Ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 1,2 | 3,1 | 4,8 |
| **Вилояти Хатлон** | | | |
| Миқдори умумӣ, адад | 138 | 421 | 252 |
| Ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 0,7 | 2,2 | 1,3 |
| **НТҶ** | | | |
| Миқдори умумӣ, адад | 78 | 295 | 190 |
| Ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 0,6 | 2,4 | 1,5 |
| **ВМКБ** | | | |
| Миқдори умумӣ, адад | 25 | 92 | 39 |
| Ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнат, адад | 1,8 | 6,5 | 2,7 |

*Сарчашма: маълумоти оморӣ аз БМТ дар соли 2018 ва маълумот аз Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

миқдори умумии банкоматҳо гирифта шудааст ва шумораи онҳо 678 ададро ташкил дода, ба 10 ҳазор нафар аҳолии синну соли қобили меҳнатбуда 1,3 адад рост меояд. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Душанбе 4,5 адад, вилояти Суғд 1,2 адад, вилояти Хатлон 0,7, НТҶ 0,6 ва ВМКБ 1,8 ададро ташкил медиҳад. Аз ҳама нишондиҳандаи паст дар НТҶ ва вилояти Хатлон дида мешавад.

Дастрасии аҳолӣ ба нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд дар кишвар ба 10 ҳазор аҳолии синну соли қобили меҳнатбуда 2,8 адад рост меояд. Нишондиҳандаи мазкур дар шаҳри Душанбе 3,2 адад, вилояти Суғд 3,1 адад, вилояти Хатлон 2,2, НТҶ 2,4 ва ВМКБ 6,5 адад мебошад.

Агар нишондиҳандаи дар боло овардаро бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ таҳлил намоем, чунин хулоса баровардан мумкин аст: “дар шароите, ки талаботи аҳолӣ ба пули нақд бениҳоят

зиёд аст, шумораи мавҷудбудаи нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд имкони ба таври пурра хизмат расонидан ба аҳолиро надорад”. Барои мисол, ба ҳисоби миёна хизматрасониро барои як моҳ ҳисоб мекунем: ҳар як нуқтаи пешниҳоди пули нақд бояд ба 3571 нафар хизмат расонад, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 119 нафар рост меояд, агар ба ҳар нафар 5 дақиқа вақт сарф карда шавад, дар ин сурат 595 дақиқа ё ин ки 9,9 соат вақт барои хизматрасонӣ зарур мебошад. Дар ҳоле, ки нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд аз рӯи вақти 8 соат фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки шумораи нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд барои дастрасии аҳолӣ кофӣ нест.

Дастрасии аҳолӣ ба POS-терминалҳо низ яке аз индикаторҳои муҳими муайянкунандаи фарогирии аҳолӣ буда, дар сатҳи кишвар ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолии синну соли қобили меҳнатбуда 5,6 адад рост меояд. Ин нишондиҳанда аз ҳама зиёд дар шаҳри Душанбе 31,7 адад буда, дар дигар минтақаҳои кишвар ниҳоят кам аст: дар вилояти Суғд 4,8 адад, ВМКБ 2,7 адад, НТҶ 1,5 адад ва вилояти Хатлон 1,3 адад. Қайд намудан зарур аст, ки маълумоти ҳисобҳои овардашуда бе назардошти ба инобат гирифтани фаъолнокӣ ва ғайрифаъол будани терминалҳои электронӣ оварда шудааст. Вобаста ба

ДИАГРАММАИ 1. **СУРАТҲИСОБҲОИ АҲОЛӢ ДАР МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВӢ (% СИННУ СОЛИ 15+)**




**Сарчашма:** *The Little Data Book on Financial Inclusion. 2018. pp. 64, 83, 88,106,128, 144, 158*

ДИАГРАММАИ 2. **СУРАТҲИСОБҲОЕ, КИ БА ЗАНҲО ТААЛЛУҚ ДОРАНД (% СИННУ СОЛИ 15+)**




**Сарчашма:** *The Little Data Book on Financial Inclusion. 2018. pp. 64, 83, 88,106,128, 144, 158*

ин, бараъло намоён аст, ки дар сурати ҷой доштани чунин ҳолат рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишвар мушкил хоҳад шуд.

## ◙ ИСТИФОДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ

Бо мақсади муайян намудани вазъи истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ дар кишвар, мо аз маълумотҳои расмии Бонки ҷаҳонӣ истифода намуда, таҳлили қиёсии вазъи фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳои ИДМ гузаронидем.

Тавре дар боло қайд намудем, нишондиҳандаи мазкур истифодаи хизматрасониҳои одии молиявиро аз ҷониби шахсони воқеъӣ, ба монанди суратҳисоб, қарзҳо, пасандоз, суғурта ва интиқоли маблағҳо дар бар мегирад.

Маълумотҳои таҳлилшуда шаҳодат медиҳанд, ки ново-

баста аз таъсири буҳронҳои пайдарпайи молиявию иқтисодӣ ва мушкилоти ҷойдошта дар низоми молиявии кишвар, бо татбиқи дурусти сиёсати иқтисодию молиявӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар самти фарогирии молиявӣ як қатор корҳои муайян анҷом дода шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксари нишондиҳандаҳои асосии истифодабарӣ дар соли 2017 нисбат ба солҳои 2011-2014 дар қиёс бо як қатор кишварҳои ИДМ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардидааст, ҳарчанд аз рӯи баъзе аз нишондиҳандаҳо аз онҳо ақиб мондааст *(Диаграммаи 1)*.

Масалан, дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ шумораи умумии дорандагони суратҳисобҳо дар муассисаҳои молиявӣ 47% аҳолии калонсолро ташкил дода, ин шумора ба 2,7 млн. нафар баробар мебошад , ки нисбат ба соли 2014 ба андозаи 35,5% афзоиш ёфтааст ва дар муқоиса бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон 10%, Қирғизистон 8,7% ва Туркманистон 6,4% ва Молдова 3,2% зиёд мебошад.

Бояд қайд кард, ки чунин рушд ба тараққиёбии Низоми миллии пардохти кишвар “Корти миллӣ” асос ёфта, музди меҳнат, нафақа ва дигар пардохтҳои давлатиро ба суратҳисобҳои бонкӣ алоқаманд намуд. Корти миллӣ дар соли 2013 ба кор оғоз намуда, тайи чанд соли охир фаъолона дар амал татбиқ шуда истодааст.

ДИАГРАММАИ 3. **ИСТИФОДАБАРИИ ПАРДОХТҲОИ РАҚАМӢ**




**Сарчашма:** *The Little Data Book on Financial Inclusion. 2018. pp. 64, 83, 88,106,128, 144, 158*

Ба ҳолати моҳи июли соли 2017 тақрибан 30% аҳолии калонсол соҳиби картаҳои дебетӣ гардиданд *(Диаграммаи 2)*.

Агар ба ҳиссаи инфиродии суратҳисобҳои бонкӣ назар афканем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди он ба андозаи 42,1% ба занҳо рост омада, дар муқоиса бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ба андозаи 6,1%, Туркманистон 6,6% ва Қирғизистон 3,2% зиёд мебошад.

Яке аз нишондиҳандаҳои дигаре, ки фарогирии молиявиро муайян мекунад, истифодаи пардохтҳои рақамӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 шумораи ин гуна пардохтҳо 43,9%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2014 ба андозаи 35,6% зиёд гардид. Нишондиҳандаи мазкур дар муқоиса ба ҷумҳуриҳои

ДИАГРАММАИ 4. **ИНТИҚОЛҲОИ ПУЛИИ ДОХИЛӢ ДАР СОЛҲОИ ОХИР (% СИННУ СОЛИ 15+)**




**Сарчашма:** *The Little Data Book on Financial Inclusion. 2018. pp. 64, 83, 88,106,128, 144, 158*

ДИАГРАММАИ 5. **ПАСАНДОЗҲО ДАР МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВӢ (% СИННУ СОЛИ 15+)**




**Сарчашма:** *The Little Data Book on Financial Inclusion. 2018. pp. 64, 83, 88,106,128, 144, 158*

Ӯзбекистон 9,7%, Қирғизистон 7,8% ва Молдова 3,5% зиёд мебошад *(Диаграммаи 3)*.

Вале, ҳамзамон бояд қайд кард, ки истифодаи воситаҳои электронӣ ҷиҳати пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҷумҳурӣ ҳоло ҳам дар сатҳи зарурӣ набуда, қонеъкунанда намебошад.

Бинобар ин, бо мақсади вусъат додани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" аз 30 ноябри соли 2018, таҳти №565 қабул гардид ва аллакай дар самти татбиқи қарори мазкур Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ, вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳои молиявӣ чораҳои зарурӣ андешида истодааст, ки ин барои зиёд гардидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мусоидат хоҳад кард.

Амалиётҳои қабул ё интиқоли маблағҳои пулӣ тавассути ҳисобҳои низоми бонкӣ дар соли 2017 дар Тоҷикистон нисбат ба соли 2014 ба андозаи 11,7% афзудааст, ки ин аз нисбатан зиёд гардидани эътимоду боварии аҳолӣ ва беҳтар гардидани хизматрасонии бонкӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад *(Диаграммаи 4)*.

Ҳиссаи аҳолие, ки пасандозҳои худро дар ташкилотҳои қарзию молиявӣ нигоҳ медоранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 11,3% баробар мебошад, ки ин нисбат ба як қатор кишварҳои ИДМ тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Бар асоси маълумоти расмии Бонки ҷаҳонӣ дар самти фарогирии молиявӣ ҳиссаи аҳолие, ки маблағҳои озоди худро берун аз ташкилотҳои қарзию молиявӣ нигоҳ медоранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 32,8%, дар Ҷумҳуриҳои Молдова 54,6%, Туркманистон 51,0%, Федератсияи Россия 36,2% ва Ҷумҳурии Қазоқистон 35,9%-ро ташкил медиҳад *(Диаграммаи 5)*.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди 15,5% аҳолӣ барои гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода мебаранд, ки дар муқоиса бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон 13,1%, Туркманистон 8,7% ва Қирғизистон 5,3% зиёд мебошад.

Вобаста ба таҳлили дар боло овардашуда, метавон нишондиҳандаҳои фарогирии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

## ҶАДВАЛИ 3. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2018

| Нишондиҳандаҳо | Қимати нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Ҳиссаи аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки кортҳои пардохтӣ доранд, % | 33,8 |
| Самаранокии амалиётии кортҳои пардохтӣ, ба ҳар нафар дорандаи корти пардохтӣ, адад | 9,69 |
| Ҳиссаи аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки суратҳисобҳои бонкӣ доранд, % | 65,4 |
| Ҳиссаи аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки фарогири хизматрасонии бонкианд, % | 58,1 |

*Сарчашма: маълумоти оморӣ аз БМТ дар соли 2018 ва маълумотҳо аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

соли 2018 пешниҳод намуд (ниг. ба ҷадвали 3).

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 баръало маълум мегардад, ки дар кишвар 33,8% аҳолии (1 820 000) синну соли қобили меҳнат соҳиби кортҳои пардохтӣ мебошанд. Агар нишондиҳандаи мазкурро аз нигоҳи самаранокии амалиёти кортҳои пардохтӣ (17 644 000) таҳлил намоем, дар ин сурат ба ҳар як нафар дорандаи кортҳои пардохтӣ 9,7 адад амалиёт ва ба ҳисоби миёна дар як моҳ 0,8 амалиёт рост меояд.

Дорандагони суратҳисобҳои бонкӣ дар кишвар дар соли 2018 ба ҳисоби миёна 65,4% аҳолии (3 520 000) синну соли қобили меҳнатро ташкил доданд. Дар маҷмуъ, аз рӯи ҳисобҳо дар соли 2018 ҳиссаи аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки фарогири хизматрасониҳои бонкианд, ҳамагӣ 58,1%-ро ташкил намуданд.

## ◙ СИФАТИ МАҲСУЛОТ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ

Нишондиҳандаи сифатнокӣ ҷанбаҳои саводнокии молиявии мардум, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва хароҷоти истифодабарии маҳсулотҳои бонкиро дар бар мегирад.

Мувофиқи маълумотҳои расмии омории БМТ меъёри миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ ба ҳолати моҳи апрели соли 2019 ба 25,39 баробар буда, меъёри миёнавазни пасандозҳои муҳлатнок бо пули миллӣ дар ҳамин давра ба 9,63 баробар аст. Яъне маҳсулотҳо бо ин гуна арзиш барои бисёре аз аҳолии Тоҷикистон дастрас буда наметавонад,бинобар ин масъала имрӯз ҳамчун яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар назди низоми бонкӣ боқӣ мондааст.

## ◙ МУШКИЛОТИ АСОСӢ ВА НАТИҶАГИРИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ

Тавре аз маълумотҳои боло бармеояд, дар Тоҷикистон ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнатбуда 3,4 адад рост омадани нуқтаи пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ ин нишондиҳандаи хуб аст, ҳатто дар муқоиса бо мамлакати иқтисодиёти калондошта, ба мисли Россия ки ба 10 ҳаз. нафар аҳолии синну соли қобили меҳнатбуда 3,8 адад рост меояд. Аммо ин нишондиҳанда ниёз ба тасдиқ ва маълумоти бештар дорад, зеро донистани фаъолиятҳои бонкии ин нуқтаҳои хизматрасон зарур аст (баъзе аз онҳо шояд фақат як амалиёт, аз қабилаи интиқоли пулро ба анҷом расонанд), ҳамзамон ҷойгиршавии ин нуқтаҳо ва дастрасии онҳо барои нафароне, ки дар ноҳияҳои дурдаст зиндагонӣ мекунанд, махсусан дар вилояти Хатлон ва НТҶ муҳим мебошад..

Аз ин ҷо бармеояд, ки яке аз мушкилоти имрӯзаи фарогирии молиявӣ дар ҷумҳурии мо ин масофа ва нуқтаи дастрасии молиявӣ махсусан барои нафароне, ки дар ҷойҳои дурдаст ё деҳаҳо зиндагонӣ мекунанд, ба шумор меравад. Вобаста ба ин, яке аз вазифаҳое, ки дар назди низоми бонкӣ истодааст, ин паст кардани фарқияти дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ дар шаҳру деҳот мебошад. Мушкилоти дигар ин маҳсулотҳои молиявии нокифоя барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ, арзиши хизматрасониҳои молиявӣ, паст будани дониши молиявии аҳолӣ, инчунин, худдорӣ намудан аз рафтан ба бонкҳо (масалан, аксари занони хонанишин ва деҳотӣ) ва паст будани эътимоди мардум нисбат ба низоми бонкӣ мебошанд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тамоюли афзоиши сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоту камбудиҳо дар самтҳои асосии фарогирии молиявӣ, аз қабили саводнокии молиявии аҳолӣ (хусусан ҷавонон, занон дар минтақаҳои дурдаст), гузариш ба пардохтҳои ғайринакдӣ ва иқтисодиёти рақамӣ, дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои сифатноки бонкию молиявӣ ба назар мерасанд. Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки ҳалли муваффақонаи онҳо таҳия ва амалӣ намудани Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ бо ҷалбу иштироки ҳамаи тарафҳои манфиатдор, ба монанди мақомоти давлатии идоракунии иқтисодиёт, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, созмонҳои байналмиллалиро тақозо менамояд.

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◘ ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 212 146 117 | 3 889 414 446 | 322 731 671 | 8,3% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 813 713 034 | 2 772 457 222 | 41 255 812 | 1,5% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 021 432 916 | 1 929 432 346 | 92 000 570 | 4,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 784 722 207 | 882 965 533 | -98 243 326 | -11,1% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 798 896 123 | 637 896 114 | 161 000 009 | 25,2% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 545 094 376 | 595 057 460 | -49 963 084 | -8,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 398 864 620 | 280 058 081 | 118 806 539 | 42,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 333 968 140 | 343 056 260 | -9 088 120 | -2,6% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 203 415 254 | 170 506 763 | 32 908 491 | 19,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 192 201 545 | 204 820 557 | -12 619 012 | -6,2% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 153 783 081 | 173 790 566 | -20 007 485 | -11,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 167 631 355 | 94 282 060 | 73 349 295 | 77,8% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 81 716 973 | 95 462 970 | -13 745 997 | -14,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 69 424 925 | 103 878 394 | -34 453 469 | -33,2% |
| ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон" | 20 933 174 | 28 726 231 | -7 793 057 | -27,1% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◘ ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 407 114 118 | 2 061 628 533 | 345 485 585 | 16,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 362 110 048 | 1 305 731 685 | 56 378 363 | 4,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 584 763 292 | 783 770 871 | -199 007 579 | -25,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 345 191 023 | 292 879 403 | 52 311 620 | 17,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 243 091 607 | 212 898 304 | 30 193 303 | 14,2% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 110 072 683 | 110 366 498 | -293 815 | -0,3% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 83 632 731 | 49 111 949 | 34 520 782 | 70,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 69 826 767 | 43 314 160 | 26 512 607 | 61,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 45 313 624 | 23 524 159 | 21 789 465 | 92,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 53 454 845 | 26 839 625 | 26 615 220 | 99,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 31 122 354 | 36 628 348 | -5 505 994 | -15,0% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 21 262 292 | 23 044 459 | -1 782 167 | -7,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 20 937 812 | 11 988 741 | 8 949 071 | 74,6% |
| ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон" | 15 738 851 | 24 591 754 | -8 852 903 | -36,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 10 648 994 | 5 931 891 | 4 717 103 | 79,5% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◘ УҲДАДОРИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 794 920 621 | 3 510 812 636 | 284 107 985 | 8,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 065 093 941 | 2 091 744 371 | -26 650 430 | -1,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 663 028 657 | 1 615 470 063 | 47 558 594 | 2,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 675 677 730 | 799 279 474 | -123 601 744 | -15,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 671 529 769 | 553 492 499 | 118 037 270 | 21,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 436 096 300 | 485 076 918 | -48 980 618 | -10,1% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 280 675 694 | 290 294 419 | -9 618 725 | -3,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 279 590 535 | 177 020 368 | 102 570 167 | 57,9% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 106 074 028 | 84 844 310 | 21 229 718 | 25,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 114 871 084 | 144 016 516 | -29 145 432 | -20,2% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 67 751 857 | 90 529 547 | -22 777 690 | -25,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 115 432 454 | 41 569 928 | 73 862 526 | 177,7% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 41 519 939 | 53 439 995 | -11 920 056 | -22,3% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 22 536 056 | 862 899 | 21 673 157 | 2511,7% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 6 123 462 | 17 568 118 | -11 444 656 | -65,1% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◘ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 340 303 656 | 3 040 504 830 | 299 798 826 | 9,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 479 672 201 | 1 245 214 289 | 234 457 912 | 18,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 919 084 934 | 1 006 974 994 | -87 890 060 | -8,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 591 990 501 | 485 299 499 | 106 691 002 | 22,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 264 845 229 | 379 708 469 | -114 863 240 | -30,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 381 014 784 | 527 878 903 | -146 864 119 | -27,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 261 148 834 | 171 531 128 | 89 617 706 | 52,2% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 101 107 221 | 72 897 338 | 28 209 883 | 38,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 97 735 418 | 24 421 941 | 73 313 477 | 300,2% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 31 251 957 | 48 989 316 | -17 737 359 | -36,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 30 912 006 | 41 690 672 | -10 778 666 | -25,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 15 810 973 | 31 527 108 | -15 716 135 | -49,8% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 4 134 252 | 6 639 589 | -2 505 337 | -37,7% |
| Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 5 566 932 | 2 520 986 | 3 045 946 | 120,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 410 907 | 497 462 | -86 555 | -17,4% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 САРМОЯ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 748 619 093 | 680 712 851 | 67 906 242 | 10,0% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 417 225 496 | 378 601 810 | 38 623 686 | 10,2% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 358 404 259 | 313 962 283 | 44 441 976 | 14,2% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 108 998 076 | 109 980 542 | -982 466 | -0,9% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 119 274 085 | 103 037 713 | 16 236 372 | 15,8% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 127 366 354 | 84 403 615 | 42 962 739 | 50,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 109 044 477 | 83 686 059 | 25 358 418 | 30,3% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 97 341 226 | 85 662 453 | 11 678 773 | 13,6% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 86 031 224 | 83 261 019 | 2 770 205 | 3,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 77 330 461 | 60 804 041 | 16 526 420 | 27,2% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 53 292 446 | 52 761 841 | 530 605 | 1,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 52 198 901 | 52 712 132 | -513 231 | -1,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 46 888 869 | 103 015 495 | -56 126 626 | -54,5% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 40 197 034 | 42 022 975 | -1 825 941 | -4,3% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 14 809 712 | 11 158 113 | 3 651 599 | 32,7% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◘ ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 62 404 536 | 43 104 532 | 19 300 004 | 44,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 36 402 785 | 20 005 404 | 16 397 381 | 82,0% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 20 374 639 | 17 951 251 | 2 423 388 | 13,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 9 615 118 | 3 230 451 | 6 384 667 | 197,6% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 7 914 832 | 16 240 706 | -8 325 874 | -51,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 11 241 833 | 5 231 649 | 6 010 184 | 114,9% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 5 462 047 | 1 969 316 | 3 492 731 | 177,4% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 9 153 043 | 8 455 244 | 697 799 | 8,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 2 009 608 | 2 909 808 | -900 200 | -30,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 2 319 792 | 1 780 420 | 539 372 | 30,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 1 918 485 | -3 457 275 | 5 375 760 | 155,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 196 079 | 59 771 | 136 308 | 228,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 110 173 | -776 113 | 886 286 | 114,2% |
| Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 185 784 | 1 056 869 | -871 085 | -82,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 130 899 | 1 412 826 | -1 281 927 | -90,7% |

# Барқарор намудани эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо ва коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол аз масъалаҳои ҳалталаб мебошанд



Нишасти матбуотии навбатии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо намояндагони Воситаҳои ахбори омма, ки 24 июли соли равон бо иштироки теъдоди зиёди рӯзноманигорони дохилию хориҷӣ баргузор гардид, ба ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкии ҷумҳурӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳои он барои соли ҷорӣ бахшида шуд.

Зимни ифтитоҳи кори нишасти матбуотӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон иброз намуд, ки сиёсати самарабахши пулию қарзӣ ва асъории бонк барои дар амал ҷорӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахусус танзими ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, суботи молиявӣ, нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо ва мусоидат барои ноил гаштан ба рушди инклюзивии (фарогири) иқтисодиёти мамлакат равона гардид.

## СИЁСАТИ ҚУРБӢ ВА АСЪОРӢ

### Сатҳи таваррум ба 4% баробар шуд

Номбурда таъкид кард, ки сиёсати монетарии имрӯзаи бонк бо ҳадафи бартараф намудани таъсири манфии омилҳои берунӣ ва гузаронидани ислоҳоти муваффақ, қабл аз ҳама, дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, баланд бардоштани эътимоднокии низоми бонкӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои нави танзиму идоракунии мутобиқ ба шароити муосири иқтисодию молиявии ҷаҳон, равона гардидааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 сатҳи таваррум ба 4,0 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,1 банди фоизӣ зиёд мебошад. Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки тамоюли сатҳи таваррум бо назардошти интизориҳо, коҳишёбии таъсири омилҳои мавсимию берунӣ ва ба мувозинат омадани талаботу пешниҳодот, дар давоми соли ҷорӣ муътадил гардида, дар ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок ҷамъбаст хоҳад шуд.

Дар робита ба вазъи иқтисоди берунию дохилӣ, таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ва фишорҳои таваррумӣ меъёри бозтамвил дар сатҳи 13,25 фоизи солона муқаррар карда шуд, ки ин ҳамоҳангии воситаҳои муосири монетариро таъмин намуда, сатҳи таваррумро дар доираи нишондиҳандаи якрақама нигоҳ дошт.

Дар нимсолаи аввали соли равон бо мақсади таъмини гардиши пул вобаста ба талаботи иқтисодиёт 2,3 млрд. сомонӣ пули нақд ба муомилот бароварда шуда, ҳамзамон, 1,2 млрд. сомонӣ пули нақд аз муомилот гирифта шуд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади ғайридолларикунӣ ва диверсификатсияи муомилоти пулӣ низ мунтазам тадбирҳои таъсиррасон андешида шуда, талаботи иқтисодиёт бо пул қонеъ гардида истодааст ва вобаста ба ин сатҳи монетизатсия дар ин давра 27,1 фоизро ташкил дод.

Бо мақсади идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо, коҳиш додани фишорҳои қурбӣ ва таваррумӣ, рушди низоми молиявӣ ва бозори аввалияи коғазҳои қиматнок, дар давраи ҳисоботӣ 72 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 8,4 млрд. сомонӣ баргузор гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,7 фоиз кам мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии ташкилотҳои қарзӣ ва тавсеаи бозори пул аз фишангҳои муосири сиёсати монетарӣ – қарзҳои рӯзона (интрадей), шабонарӯзӣ (овернайт) ва музоядаҳои қарзӣ самаранок истифода намуд. Вобаста ба ин, дар моҳҳои январ-июни соли 2019 ба хотири танзими ҳаҷми пул дар муомилот амонатҳои шабонарӯзӣ дар ҳаҷми 48,3 млрд. сомонӣ ҷалб гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,6 маротиба зиёд мебошад.



Тағйирёбии муътадили қурб зери таъсири якчанд равандҳои мусоиди иқтисодию молиявии дар ҷаҳону минтақа, бахусус дар давлатҳои шарикони асосии тиҷоратӣ ҷойдошта ва маҷмӯи чораҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ сурат гирифт.

Дар баробари ин, бо мақсади таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба ташкилотҳои қарзӣ 130,0 млн. сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ҷудо карда шуд. Ба санаи 30 июни соли ҷорӣ ҳаҷми пулҳои захиравӣ 16,0 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 14,1 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол мутаносибан 2,6 фоиз ва 7,4 фоиз зиёд мебошад.

### Афзоиши воқеии ММД 7,5%-ро ташкил намуд

Дар ҷараёни мулоқот бо журналистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор намуд, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 31,3 млрд. сомонӣ ва афзоиши воқеии он 7,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,3 банди фоизӣ зиёд мебошад. Гардиши савдои хориҷӣ дар ин давра 2136,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,8 фоиз ё 77,4 млн. доллари ИМА зиёд мебошад. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои ИДМ 3,6 фоиз ва бо кишварҳои хориҷии дур 4,0 фоиз зиёд шудааст. Мутобиқи маълумоти оморӣ дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба ҷумҳурӣ молҳо ба маблағи 1566,4 млн. доллари ИМА во-

рид ва аз ҷумҳурӣ ба маблағи 570,6 млн. доллари ИМА содир карда шудааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми воридоти мол 2,3 фоиз зиёд ва содироти мол 8,1фоиз зиёд мебошад.

### Тағйирёбии қурби пули миллӣ муътадил сурат мегирад

Ба аҳли нишаст иттилоъ дода шуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати қурбии ба речаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” асосёфтаро идома дод. Дар моҳҳои январ-июни соли 2019 тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА дар маҷмӯъ муътадил арзёбӣ гардида, қурби расмии он (қурби миёнавазни хариду фурӯши доллари ИМА дар бозорҳои байнибонкӣ ва дохилибонкӣ) ҳамагӣ 0,1 фоиз коҳиш ёфт, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,7 банди фоизӣ кам мебошад.

Бояд қайд намуд, ки тағйирёбии муътадили қурб зери таъсири якчанд равандҳои мусоиди иқтисодию молиявии дар ҷаҳону минтақа, бахусус дар давлатҳои шарикони асосии тиҷоратӣ ҷойдошта ва маҷмӯи чораҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ сурат гирифт. Аз ҷумла, устуворшавии қурби пули миллии шарикони асосии тиҷоратӣ, аз қабили рубли русӣ 9,2 фоиз, рубли белорусӣ 5,4 фоиз, тангаи қазоқӣ 1,0 фоиз ва юани чинӣ 0,1 фоиз нисбат ба доллари ИМА ба муътадилии



> “Бояд қайд кард, ки дастуру супоришҳои аз ҷониби Президенти кишвар додашуда масъулияти низоми бонкиро дучанд намуда, дар самтҳои мазкур дар муддати муайян тағйиротҳо ва нишондиҳандаҳои мусбат ба амал омада истодаанд, ки дар хусуси баъзе аз онҳо бароятон маълумоти дахлдор манзур менамоем”

қурби пули миллӣ (сомонӣ) замина гузошт.

Ҳамчунин иброз гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати идоракунии самаранок ва афзун намудани захираҳои байналмилалӣ, ки ба устувории низоми молиявӣ ва иқтисодиёт равона гардидааст, раванди табдил додани тиллои ғайримонетарӣ ба монетарӣ идома дода шуда, амалиётҳои хариди филизоти қиматбаҳо ва асъори хориҷӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ тақвият ёфтанд. Ба туфайли андешидани тадбирҳои зарурӣ, ба санаи 30 июни соли 2019 таъминнокии моҳи воридотии захираҳои умумии хориҷӣ ба 5,2 моҳи воридотӣ расонида шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта тамоюли афзуншавӣ дорад.

## НИЗОМИ БОНКӢ

### Ҳаҷми дороиҳо 3,4% ва сармоя 2,6% зиёд шуд

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар ин бахши суҳбат махсус зикр намуд, ки 10 майи соли 2019 вохӯрии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкҳо баргузор гардида, дар ҷараёни он як қатор камбудиҳои мавҷудаи соҳа қайд карда шуданд ва дар назди низоми бонкӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд. Дар робита ба ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон "Нақшаи чорабиниҳои низоми бонкӣ ва низоми суғурта оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо" таҳияву тасдиқ гардид. Дар асоси ҳуҷҷати мазкур ба ташкилотҳои қарзӣ дастур дода шуд, ки фаъолияти худро дар самти барқарор намудани эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо, баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ, риояи меъёрҳои мақбул, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, паст кардани сатҳи фоизи қарзҳо, ҷудо намудани қарзҳо ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва соҳибкории хурду миёна, афзун намудани шумораи хизматчиёни бонкӣ аз ҳисоби занону бонувон, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо ва дигар масъалаҳои зикршуда тақвият бахшанд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода гуфт: "Бояд қайд кард, ки дастуру супоришҳои аз ҷониби Президенти кишвар додашуда масъулияти низоми бонкиро дучанд намуда, дар самтҳои мазкур дар муддати муайян тағйиротҳо ва нишондиҳандаҳои мусбат ба амал омада истодаанд, ки дар хусуси баъзе аз онҳо бароятон маълумоти дахлдор манзур менамоем".

Дар низоми бонкии кишвар ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ 78 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 24 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 ташкилоти қарзии хурд ва 31 фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Дороиҳо ва уҳдадориҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ мутаносибан маблағи 21,4 млрд. сомонӣ ва 15,3 млрд. сомониро ташкил доданд ва нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ҳаҷми дороиҳо 3,4 фоиз ва уҳдадориҳо 2,6 фоиз зиёд гардиданд. Сармояи тавозунӣ бошад, ба андозаи 5,5 фоиз афзоиш ёфта, ба 6,1 млрд. сомонӣ баробар шуд.

Дар интиҳои давраи ҳисоботӣ аз шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 5731 нафар ё 34 фоизро бонувон (бо афзоиши 390 нафар) ташкил медиҳанд, ки аз ин 10,3 фоиз ё 588 нафари онҳо ба бахши роҳбарикунанда рост меоянд.

## Ҳаҷми қарзҳои додашуда 4,4 млрд. сомониро ташкил намуд

Қайд карда шуд, ки маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Дар нимсолаи якуми соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 4,4 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,5 фоиз (1117,0 млн. сомонӣ) зиёд мебошад. Теъдоди қарзҳои додашуда низ дар давраи ҳисоботӣ раванди мусбат дошта, дар муқоиса ба моҳҳои январ-июни соли гузашта 28,5 фоиз ё 81,1 ҳазор адад афзоиш ёфт ва ба 365,4 ҳазор адад баробар шуд. Рақамҳои боло аз зиёд шудани пешниҳоди қарзҳои хурду миёна ба муштариён, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёна шаҳодат медиҳанд.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 41,3 фоиз (1,8 млрд. сомонӣ) ба соҳибкорони истеҳсолӣ (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 64,6 фоиз ё ҳиссаи он 7,5 банди фоизӣ зиёд мебошад) ва аз рӯи соҳаҳо бошад ба соҳаҳои саноат 13,3 фоиз (65,1 фоиз зиёд), кишоварзӣ 15,5 фоиз (2,1 маротиба зиёд) ва хизматрасонӣ 14 фоиз (2,3 маротиба зиёд) рост меояд.

## Ҳаҷми қарзҳои хурд зиёд ва фоизи онҳо паст шуд

Ҳамзамон, ҳаҷми қарзҳои хурди дар ин давра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ додашуда 2,8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 24,1 фоиз зиёд мебошад. Хусусан ҳаҷми қарзҳои хурди ба ноҳияҳои дурдаст додашуда 22,4 фоиз афзоиш ёфта, маблағи 462,7 млн. сомониро ташкил дод.

Дар натиҷа, гуфт раиси Бонки миллии Тоҷикистон, меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо

асъори хориҷӣ дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ 15,5 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли қаблӣ ба 1,3 банди фоизӣ паст мебошад. Меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо пули миллӣ низ раванди коҳишёбӣ дошта, дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ 21,9 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 7,2 банди фоизӣ паст аст.

Бонки миллӣ дар ин самт шароити мусоид фароҳам овардааст ва дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади гузошташуда корҳои заруриро минбаъд низ идома хоҳад дод.

### Пасандозҳо 2,1 фоиз зиёд шуданд

Тавре маълум аст, пасандоз ҳамчун сарчашмаи маблағгузории дохилӣ ва ташаккул ёфтани пойгоҳи захиравии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад ва ба рушди фаъолияти низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд. Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, бо мақсади баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, рушди қарздиҳӣ ба иқтисодиёт ва вусъат додани миёнаравии молиявӣ фазои мусоид фароҳам оварда, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба ҷалби сармояи иловагӣ (дохилӣ ва берунӣ) ва пасандозҳо пайваста таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

Дар шаш моҳи аввали соли 2019 бақияи умумии пасандозҳо 9,6 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,1 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ 15,6 фоиз афзоиш ва бо асъори хориҷӣ бошад, 9,4 фоиз коҳиш ёфт. Дар таркиби бақияи умумӣ ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 52 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 48 фоизро ташкил медиҳад, ки ин аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Бақияи маблағҳои тавассути барориши коғазҳои қиматнок (векселҳо) аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ (ҶСК "Ориёнбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк") ҷалбгардида 646,7 млн. сомониро ташкил намуд, ки ҳамчун сарчашмаи иловагии ҷалби маблағҳои қарзӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми худро гузошта истодааст.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни суханрониаш изҳор намуд, ки самараи вохӯрии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони



»

Дар нимсолаи якуми соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 4,4 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,5 фоиз (1117,0 млн. сомонӣ) зиёд мебошад. Теъдоди қарзҳои додашуда низ дар давраи ҳисоботӣ раванди мусбат дошта, дар муқоиса ба моҳҳои январ-июни соли гузашта 28,5 фоиз ё 81,1 ҳазор адад афзоиш ёфт ва ба 365,4 ҳазор адад баробар шуд.

соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо аз 10 майи соли ҷорӣ имкон дод, ки дар давраи ҳисоботӣ бо андешидани тадбирҳои зарурӣ устувории вазъи молиявии низоми бонкии кишвар нисбатан беҳтар гардида, иҷрои аксари нишондиҳандаҳои он, аз қабили меъёри кифоятии сармоя, пардохтпазирӣ, сатҳи даромаднокии дороиҳову сармоя, коҳишёбии назарраси қарзҳои ғайрифаъол ва пурзӯр намудани назорати бонкӣ таъмин карда шаванд.

### Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол 470,4 млн. сомонӣ коҳиш ёфт

Дар натиҷаи татбиқи чораҳои солимгардонӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, бахусус нисбат ба бонкҳои муаммодор ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (қарзҳое, ки зиёда аз 30 рӯз ба таъхир афтодаанд) тамоюли камшавӣ дорад. Тибқи маълумотҳо ба ҳолати 30 июни соли 2019 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзӣ 24,8 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 7,2 банди фоизӣ ва ё ба маблағи 470,4 млн. сомонӣ коҳиш ёфт. Вобаста ба ин, меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ, мувофиқан 22,9 фоиз ва 62,8 фоизро ташкил намуданд.

Ҳамчунин қайд гардид, ки дар натиҷаи фаъолияти босамари низоми бонкӣ, дар шаш моҳи соли 2019 ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти молиявии худро бо фоида ба маблағи 203,7 млн. сомонӣ ҷамъбаст намуданд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 54,6 фоиз зиёд мебошад. Аз рӯи дастовардҳои бадастомада, аз ҷониби низоми бонкӣ дар шаш моҳи ҳисоботӣ 282,7 млн. сомонӣ ба буҷет андоз пардохт карда шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 24,3 фоиз (55,2 млн. сомонӣ) зиёд мебошад.

> Дар таркиби бақияи умумӣ ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 52 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 48 фоизро ташкил медиҳад, ки ин аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

## НИЗОМИ ПАРДОХТ

### Вусъати ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифода аз технологияҳои муосири пардохтӣ идома дорад

Ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва инчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” аз 30 ноябри соли 2018, бо мақсади вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ ва рушди инфрасохтори низоми пардохт Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Аз ҷумла, бо мақсади бомуваффақият ва саривақт иҷро намудани қарори мазкур, дар давраи ҳисоботӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон 6 маротиба ҷаласаҳои Гурӯҳи кории байниидоравӣ баргузор гардиданд ва дар ин ҷаласаҳо корӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ масъалаҳои иҷрои қарори зикргардида, яъне ба аҳолӣ фароҳам овардани имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои пулакии давлатӣ ва мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт муҳокима карда шуданд.

Айни замон ташкилотҳои қарзии БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”, ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити”, ҶСК ТАҚХ “Алиф-Сармоя”, ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” бо мақсади зиёд намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ технологияҳои муосири пардохтӣ, аз қабили бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг ва интиқоли маблағҳои электрониро ҷорӣ намуда, бо роҳи татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро ба муштариён фароҳам оварда истодаанд.



Дар рафти нишасти матбуотӣ қайд гардид, ки айни замон дар низоми бонкӣ тамоюли наве ҷорӣ шудааст, ки он аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ татбиқ намудани технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ чунин усули пардохтҳои ғайринақдиро аз соли 2018 ба муштариёни худ фаъолона пешниҳод намуда истодаанд. Дар давраи ҳисоботӣ теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ 401,6 ҳаз. ададро ташкил дода, тавассути ҳамёнҳои электронӣ 486,7 ҳаз. адад пардохтҳои ғайринақдӣ ба маблағи 24,4 млн. сомонӣ анҷом дода шудаанд.

Гузашта аз ин, ба санаи 1 июли соли 2019 миқдори умумии кортҳои пардохтии аз ҷониби бонкҳои ватанӣ ба муомилот баровардашуда зиёда аз 2 185,4 ҳаз. ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 25,1 фоиз (438,8 ҳазор адад) зиёд мебошад. Миқдори дорандагони кортҳои пардохтӣ дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ 24,4 фоиз (418,6 ҳазор нафар) зиёд гардида, 2 132,0 ҳаз. нафарро ташкил намуд. Дар шаш моҳи соли 2019 дар муассисаҳои савдоюю хизматрасонӣ аз тариқи воситаҳои электронии пардохтӣ 17,1 млн. адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 367,8 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 аз рӯи шумора 34 маротиба ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 65,3 фоиз ё 145,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Таносуби амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии мол ва хизматрасониҳо бо воситаҳои электронии пардохтӣ 93,6% ба 6,4% фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта амалиётҳои ғайринақдӣ 1,7 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Илова бар ин, теъдоди банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқан 698 адад ва 4 903 ададро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ банкоматҳо 19 адад ва терминалҳои электронӣ 968 адад зиёд шудаст. Аз ин миқдор дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд 1642 адад ва дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар 3261 адад терминалҳои электронӣ насб гардидаанд.

Ҳамзамон шумораи умумии суратҳисобҳои бонкии муштариён, ки дар ташкилотҳои қарзӣ кушода шудаанд, дар нимсолаи якуми соли 2019 нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 12,0 фоиз афзоиш ёфта, зиёда аз 3,6 млн. ададро ташкил намуд, ки ин аз беҳтар гардидани фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои бонкӣ шаҳодат медиҳад.

### Мурочиати шаҳрвандон бе ҷавоб намемонад

Масъалаи дигаре, ки раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар ҷараёни суханронии худ ба он диққати ҷиддӣ дод, ин татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиати шаҳрвандон"мебошад. Мавсуф иброз дошт, ки ин масъала пайваста зери назорати қатъии Бонки миллӣ қарор дорад ва барои амалӣ гардонидани он чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Барои мисол, дар моҳҳои январ-июни соли 2019 қабули

муроҷиатҳои шаҳрвандон тариқи шифоҳӣ, телефонӣ, хаттӣ ва тавассути сомонаи расмӣ ба роҳ монда шуда, дар маҷмӯъ 1 439 адад, аз ҷумла 35 адад ба воситаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 799 адад тариқи телефони боварӣ, 400 адад ҳангоми қабули шаҳрвандон ва 205 адад муроҷиат бевосита ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардид, ки нисбат ба онҳо дар доираи салоҳияту ваколатҳо дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Дар қисмати охири мулоқот бо рӯзноманигорон Ҷамшед Нурмаҳмадзода таъкид кард, ки сарфи назар аз беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, аз ҷумла пешниҳоди қарз ба иқтисодиёт, амалиёти ғайринақдӣ ва миёнаравии молиявӣ, амалигардонии нақшаҳои стратегии минбаъда Бонки миллии Тоҷикистон худро вазифадор медонад, ки ҷиҳати боз ҳам босамар намудани татбиқи сиёсати устувори пулию қарзӣ ва асъорӣ, истифодаи фишангҳои монетарӣ, идорасозии хавфҳои асъорӣ, танзими сармоя ва таъмини пардохтпазирии бонкҳо, такмили ислоҳот дар низоми бонкӣ ва афзун намудани эътимоднокии мардум ба он, иҷрои тадбирҳои пешбинишуда ва дигар мақсаду вазифаҳоро бо истифода аз имкониятҳои ҷойдошта идома диҳад.

Чун нишастҳои матбуотии собиқ ин дафъа низ рӯзноманигорони дохилӣ ва хориҷӣ ба масъалаҳои низоми бонкии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи хеле зиёд зоҳир намуданд, бинобар ин қисми бештари вақти мулоқотро бахши пурсишу посух дар бар гирифт. Дар ин бахш намояндагони воситаҳои ахбори омма ба саволҳои худ дар мавриди захираҳои байналмилалӣ, ҳаҷми пули дар муомилотбуда, музокирот бо ХБА оид ба барномаи нави ҳамкорӣ, роҳҳои зиёд кардани пардохтҳои ғайринақдӣ, тақдири пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои масоилдор, тағйири меъёри бозтамвил, ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт, дастрасии асъори хориҷӣ дар бонкҳо, ғайридолларикунонӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт, фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, таъмини эътимоднокии мардум ба низоми бонкӣ ва барориши пули нақд ба муомилот ҷавобҳои пурра ва мушаххас гирифтанд.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**“БТҶ”.**

# ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ
## БАЪД АЗ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ВОХӮРӢ БО КОРМАНДОНИ СОҲАҲОИ МОЛИЯ, АНДОЗ, ГУМРУК ВА БОНКДОРИИ КИШВАР

**Дар давраи баъд аз истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти тақрибан 30 солаи низоми бонкӣ 10 майи соли 2019 аввалин маротиба мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо баргузор гардид. Дар мулоқоти мазкур фаъолияти сохторҳои зикршуда муҳокима гардида, камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти онҳо, дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот ва вазифаҳое, ки иҷрои онҳо барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ зарур баррасӣ карда шуд.**

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми



**Фирдавс Толибов,** сардори Идораи таҳлили бонкҳои Департаменти назорати бонкии БМТ.

> Вазъи аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва риояи меъёрҳои мақбули бонкҳо мусбӣ арзёбӣ гардида, ба ҳолати 31 июли соли 2019 меъёри кифоятии сармоя 22,3 фоизро ташкил дод, ки ин аз талаботи муқарраршуда 10,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

идораи давлатӣ, таъмини суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакат бояд таъмин карда шавад.

Ҳамзамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ қайд намуданд, ки фаъолияти низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд.

Зимни мулоқот Пешвои миллат андешидани чораҳои зарурӣро дар самти татбиқи самараноки ислоҳот доир ба низоми идоракунии молияи давлатӣ лозим дониста, тавсеа бахшидани риояи интизоми давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва масъулияти кормандон ва пешгирӣ кардани амалҳои коррупсиониро дар низоми идораи молия зарур донистанд.

Дар баробари ин, Асосгузо-

ри сулҳу ваҳдати миллӣ қайд намуданд, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, инчунин, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани идораи як қатор бонкҳо ва ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорат вазъи умумии низоми бонкӣ дар кишвар бӯҳронӣ гардид. Гузашта аз ин, камбудиҳои мавҷудаи сохторӣ, аз ҷумла зиёд будани хавфҳо дар низоми бонкӣ ва қарзҳои ғайрифаъол, паст будани сатҳи захираҳои софи байналмилалӣ, қобилияти пардохт ва сармояи бонкҳо, сатҳи баланди долларикунонӣ дар иқтисодиёт, лапишҳои асъорӣ, таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пасти аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ ҳанӯз боқӣ мондаанд.

Ҳамчунин, риоя нагардидани принсипҳои идоракунии корпоративӣ ва сатҳи пасти донишу таҷрибаи мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ба коста гардидани эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ замина гузошт.

Пешвои миллат ҳолатҳои ба тасарруфи маблағҳои қарзӣ даст задани баъзе кормандон ва ба шахсони мансабдори худ ба таври ғайриқонунӣ додани қарзро дар баъзе аз бонкҳо эрод гирифтанд. Инчунин, ҳолатҳои амволи ночизро бо мақсади минбаъд ба пул табдил додан бо нархи гарон ба гарав гузоштан ва ба сифати гарав гузоштани амволе, ки арзиши аслии он ба таври сунъӣ аз арзиши бозорӣ чандин баробар баланд нархгузорӣ шударо махсус қайд карданд.

Вобаста ба ин, дар самти боз ҳам мукаммал гардонидани низоми назорати бонкӣ ва риояи меъёрҳои қобили қабул аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, таҳкими вазъи молиявии онҳо ва баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, инчунин, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо мунтазам роҳандозӣ намудани чораҳои амалиро қайд карданд.

Илова бар ин, барои баланд бардоштани саҳми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, махсусан, саноатикунонии кишвар зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ, бахусус, ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда андешидани чораҳои қатъиро талаб намуданд.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки фоизи нисбатан баланди қарз яке аз омилҳои боздорандаи дастрасии соҳибкории истеҳсолӣ ба воситаҳои молиявӣ мебошад ва дар робита ба ин, роҳбарони ташкилотҳои қарзиро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати паст намудани фоизи қарзҳо ва барои осон кардани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 10 майи соли 2019 дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо ироа шудаанд, 15 майи соли равон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ ҷаласаи корӣ баргузор намуда, дар ҷараёни он камбудиҳои ҷойдоштаи низоми бонкии аз ҷониби Пешвои миллат баён гардидаро, ба саҳми ҳозирин расонид.

Вобаста ба дастуру супоришҳо зикршуда лоиҳаи нақшаи чорабиниҳо бо намояндагони ташкилотҳои қарзӣ мавриди муҳокима қарор дода шуда, бо назардошти пешниҳоди тарафҳо Нақшаи чорабиниҳои низоми бонкӣ ва низоми суғурта оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо аз 10 майи соли 2019 тасдиқ карда шуд ва ба ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, бюроҳои таърихи қарз, ассотсиатсияҳои бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд барои иҷро ирсол карда шуд.

Дар баробари ин, аз ҷониби роҳбарият ва кормандони масъули Бонки миллии Тоҷикистон дар худи ташкилотҳои қарзӣ ҷаласаҳои корӣ доир гардида, муҳтавои суханрониҳои Пешвои миллат ба самъи кормандони

ташкилотҳои қарзӣ расонида шуд ва оид ба пешбурди фаъолияти минбаъдаи самараноки онҳо вазифаҳои мушаххас дода шуданд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам мукаммал гардонидани низоми назорати бонкӣ, аз ҷумла ба талаботҳои кумитаи Базелӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мутобиқ намудани санадҳои меъёрӣ вобаста ба кифоятии сармоя, гурӯҳбандии дороиҳо, идоракунии хавфҳо, аз ҷумла хавфҳои қарзӣ, бозорӣ ва амалиётӣ, татбиқи тартиби дохилии баҳодиҳии кифоятии сармоя дар ташкилотҳои қарзӣ ва раванди баҳодиҳии назоратӣ, инчунин баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ чораҳои зарурӣ андешида, дар якҷоягӣ бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии навро таҳия ва якчанд санадҳои дигарро такмил дода истодааст. Дар маҷмӯъ зиёда аз 20 адад санади меъёрии ҳуқуқии ба танзим ва назорати ташкилотҳои қарзӣ вобаста дар сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар айни замон дар низоми бонкӣ хавфи қарзӣ яке аз хавфҳои нигароникунанда буда, ҳаҷми умумии қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ қарзҳои ғайрифаъол, ки зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтодаро дар бар мегирад ба 25%-и сандуқи қарзӣ баробар буда, маблағи 2 245,7 млн. сомониро ташкил медиҳанд. Қарзҳои ғайрифаъол дар давраи баъд аз мулоқоти гузаронидашуда, тақрибан ба маблағи 200 млн. сомонӣ кам шудаанд. Дар давоми дуюним соли охир бошад, дар натиҷаи татбиқи ислоҳотҳои ҷиддӣ ва андешидани чораҳои солимгардонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла нисбат ба бонкҳои муаммодор, ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол тамоюли коҳишёбӣ дошта, қариб ба маблағи зиёда аз 2,3 млрд. сомонӣ кам шудаанд.

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки аз ҷониби Пешвои миллат зимни вохӯрӣ таъкид карда шуд, ин зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад. Қобили қайд аст, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар 7 моҳи соли ҷорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ маблағи 5 207,2 млн. сомонӣ қарзҳо пешниҳод карда шудаанд ва қарзҳои додашуда аз моҳи майи ҷорӣ инҷониб 52,6% зиёд шудаанд.

Теъдоди қарзҳои додашуда дар давраи ҳисоботӣ раванди мусбат доранд ва дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 26,2 фоиз афзоиш ёфта, ба 401,4 ҳазор адад баробар гардид. Нишондиҳандаи мазкур дар се моҳи охир тақрибан 70 фоиз зиёд шудааст, ки ин аз афзун гаштани дастрасии аҳолӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна ба захираҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Ҷанбаи мусбати корро дар он дидан мумкин аст, ки мӯҳлати миёнаи қарзҳои додашуда аз 343 рӯзи ҳамин давраи соли гузашта ба 464 рӯз дар охири моҳи июли соли ҷорӣ баробар гашт, ки ин ба соҳибкорони ватанӣ барои татбиқи лоиҳаҳои дарозмуҳлат имкониятҳои беҳтар фароҳам меорад.

Дар мавриди фоизҳои баланди қарзҳо ҳамчун омилҳои боздорандаи дастрасии соҳибкорон ба хизматрасониҳои қарзӣ қайд кардан лозим аст, ки меъёри фоизи миёнавазни қарзҳо бо асъори хориҷӣ 15,5 фоизро ташкил дода, тамоюли пастшавӣ дорад. Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ низ раванди коҳишёбӣ дошта, 21,6 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳолати пеш аз мулоқот тақрибан 4 банди фоизӣ паст гардид.

Пешвои миллат дар вохӯрӣ масъалаи андешидани тадбирҳои заруриро ҷиҳати осон намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ низ таъкид намуданд. Оид ба ин масъала қайд кардан зарур аст, ки дар давраи баъд аз вохӯрӣ дар низоми бонкӣ раванди кушодани воҳидҳои сохторӣ давом ёфта, дар чор моҳи охир теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ ба 64 адад зиёд шуда, айни ҳол 17 бонк, 24 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 ташкилоти қарзии хурд ва 31 фонди қарзии хурд хизматрасониҳои худро тавассути 327 филиал, 1450 маркази хизматрасонии бонкӣ дар минтақаҳои гуногун пешниҳод намуда истодаанд. Ин ҳама воҳидҳои сохтории бонкӣ барои васеъ намудани доираи амалиётҳои бонкӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифату муосири молиявӣ ва рушди

иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дар робита ба пешравиҳои низоми бонкӣ оид ба дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ метавон гуфт, ки солҳои охир дар ҷумҳурӣ ҳолати дастрасии молиявии аҳолӣ беҳтар шуда истодааст. Ҳолати мазкур дар таҳлили Глобал Финдекс 2017, ки моҳи апрели соли 2018 нашр шудааст, бараъло дарҷ гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати ҳиссаи аҳолии калонсоли дорои ҳисобҳо аз 11,5 фоизи соли 2014 ба 47,0 фоиз дар соли 2017 баланд шуда, 35,5 банди фоизӣ зиёдшавӣ дорад, ки зиёдшавии мазкур яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар ҷаҳон мебошад.

Илова бар ин, ташкилотҳои қарзӣ бо истифода аз технологияҳои муосир, хизматрасониҳои бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг ва интиқоли маблағҳои электрониро ҷорӣ намуда, бо роҳи татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро ба муштариён фароҳам оварда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки чараёни истифодабарии амалиётҳои ғайринақдӣ миёни аҳолӣ рӯ ба зиёдшавӣ дошта, шумораи амалиётҳо тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ба 30, 9 млн. баробар гашта, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,7 маротиба зиёд шудаанд. Ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ бошад, 6,9 млрд. сомониро ташкил намуда, назар ба ҳамин давраи соли гузашта 21,3% афзоиш ёфтаанд.

Ташкилотҳои қарзӣ барои ҳавасманд гардонидани муштариён ҷиҳати бештар анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ якчанд барномаҳои ҳавасмандгардонӣ, аз қабили кэш-бек, пешниҳоди бонусҳое, ки ба муштариён имконияти дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро медиҳанд, бозиҳои мукофотдор ва ғайра татбиқ намуда истодаанд.

Ба таври ғайринақдӣ пардохт кардани хизматрасониҳои гуногун ҷараёнҳои молиявии корхонаю муассисаҳои давлатиро шаффоф гардонида, хавфҳои пайдо гардидани омилҳои коррупсиониро ҳангоми қабули пардохтҳо аз байн мебарад ва боиси зиёд гардидани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар мегардад.

Дар маҷмӯъ вазъи аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва риоя меъёрҳои мақбули бонкҳо мусбӣ арзёбӣ гардида, ба ҳолати 31 июли соли 2019 меъёри кифоятии сармоя 22,3 фоизро ташкил дод, ки ин аз талаботи муқараршуда 10,3 банди фоизӣ зиёд мебошад. Нишондиҳандаи пардохтпазирии низоми бонкӣ бошад, дар ин давра меъёри муқаррарнамударо ба 29,1 банди фоизӣ барзиёд таъмин намуда, 59,1 фоизро ташкил дод. Натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар охири июли соли 2019 бо фоида ба маблағи 230,8 млн. сомонӣ ҷамъбаст гардида, нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо ва сармоя мутаносибан 1,88 фоиз ва 6,47 фоизро ташкил намуданд.

Дар интиҳо қайд кардан зарур аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати таъмини фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва таъмини аҳолии кишвар бо хизматрасониҳои молиявӣ чораҳои дахлдор андешида, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат аз тамоми имкониятҳои ҷойдошта истифода хоҳад бурд.



**Манучеҳр Асоев,**
Муовини Раиси Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

# Нақши низоми суғуртаи пасандозҳо дар таъмини суботи молиявӣ

Пӯшида нест, ки ташкилотҳои қарзӣ аз корхонаҳои тиҷоративу истеҳсолӣ ба куллӣ фарқ мекунанд, зеро сармояи гардони аксари онҳо, пеш аз ҳама, аз пасандозҳои аз аҳолӣ ҷалбшуда вобастагӣ дошта, бинобар сабаби зиёд будани ҳиссаи воситаҳои ҷалбшуда нисбат ба сармоя (сатҳи лэвериҷ) ва уҳдадориҳои кутоҳмуддат, онҳо метавонанд аҳёнан ба мушкилиҳои пардохтпазирӣ ва ҳолатҳои аз ин ҳам бадтар мубтало шаванд. Чунончи, ташкилоти қарзӣ дар ҳолати ба вуҷуд омадани хавфҳо, бадшавии сифати дороиҳо, мушкилоти амалиётӣ ва касодшавии фаъолият метавонад аз иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди пасандоздорон набарояд, ки ба нобоварӣ ва ташвишу ваҳми пасандоздорон (пеш аз ҳама пасандоздорони маблағи хурди пасандоздошта), билохира ба вазъи номуътадил ва муфлисшавии бонк оварда расонад. Бӯҳронҳои молиявии гузашта нишон доданд, ки яку якбора ва дар як вақт аз ҷониби миҷозон бозпас гирифтани пасандозҳо (ба истилоҳи англисӣ “bank runs”) метавонад ба вазъи низоми бонкӣ - молиявӣ ва иҷтимоӣ низ хавфҳо ва пайомадҳои хеле манфӣ дошта бошад.

Аммо, мавҷудияти низоми суғуртаи пасандозҳо, тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, маҳз барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо ва мусоидат ба ҳалнамоии бонкҳои муфлисшаванда аҳамият дошта, ба устувории вазъи низоми молиявӣ ва коҳиш додани шиддатнокии бӯҳронҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Бо назардошти оне, ки низоми мазкур одатан пасандозҳои шумораи аксарият, аз ҷумла зиёда аз 90 фоизи пасандоздоронро пурра ҷуброн менамояд, миҷозон дар сурати доштани маълумот ва боварӣ ҷиҳати бозпас гирифтани маблағҳои худ аз ташкилоти суғуртакунандаи пасандозҳо, барои ба таври оммавӣ бозпас гирифтани пасандозҳо ва ба ин васила бадтар намудани ҳолати бонк ва бошиддат кардани вазъи иҷтимоӣ мароқ зоҳир наменамоянд. Омили мазкури равонӣ метавонад аз ҳолати ғайрипардохтпазир (“illiquid”) ба ҳолати ғайри-

Мавҷудияти низоми суғуртаи пасандозҳо, тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, маҳз барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо ва мусоидат ба ҳалнамоии бонкҳои муфлисшаванда аҳамият дошта, ба устувории вазъи низоми молиявӣ ва коҳиш додани шиддатнокии бухронҳо таъсири мусбӣ мерасонад.



қобили пардохт (“insolvent”) мубаддал нашудан ва билохира солимгардии бонк таъсири мусбӣ расонад. Аз ин ҷо мусаллам аст, ки ташкилотҳои қарзӣ бояд хароҷоти ҷуброни пасандозҳои миҷозони бонкиро тавассути пардохтҳои худ ба ташкилоти суғуртавии пасандозҳо ба ухда гиранд. Таҷрибаи беҳтарини самараноки ҷаҳонӣ низ гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад.

Бинобар ин, дар мадди аввал фаъолияти низоми аз лиҳози молиявию институтсионалӣ босамар ва эътимодноки суғуртаи пасандозҳо, дар муҳити иқтисодиву иҷтимоии дилхоҳ кишвар нақши бениҳоят муҳим мебозад.

**Хусусиятҳои низоми суғуртаи пасандозҳо.** Низоми суғуртаи пасандозҳо бо мақсади ҳимояи пасандоздорон аз талафи пасандозҳо дар ҳолати аз ҷониби бонк иҷро нагардидани уҳдадорӣ дар назди пасандоздор ташкил ёфтааст. Яъне, низоми суғуртаи пасандозҳо хавфи аз тарафи ташкилоти қарзӣ бинобар муфлисшавӣ ба миҷозони худ пардохт карда натавонистани пасандозҳоро дар доираи андозаи ҷубронпулӣ бартараф месозад.

Низоми суғуртаи пасандозҳо ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии низоми нигоҳдории суботи молиявӣ (“financial safety net”) дар баробари танзиму назорати пруденсиалии мақомоти монетарӣ ва сиёсати мақомоти фискалӣ ҳамчун пойдевори бехатарӣ ва устувории низоми молиявӣ баромад менамояд.

Оғози фаъолияти низоми мазкур ба ибтидои асри 20 рост меояд. Аз ҷумла, яке аз ташкилоти бонуфузтарини соҳа, Корпоратсияи федералии суғуртаи пасандозҳои ИМА (FDIC) соли 1933 пас аз буҳрони шадиди молиявӣ-иқтисодӣ таъсис дода шудааст. Танҳо баъди солҳои 1960-ум дигар кишварҳои ҷаҳон низомҳои миллии суғуртаи пасандозҳоро созмон доданд.Таъсири бухронҳои бонкии солҳои 1980-2000 ба он оварда расониданд, ки то ин дам дар зиёда аз 107 кишвари дунё низоми мазкур фаъолият дорад. Албатта, дар ин муддат низоми суғуртаи пасандозҳо якчанд марҳилаҳои ташаккулёбиро паси сар намуд ва то ин дам назари мақбули умум он аст ки низоми мазкур бояд мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ ва ваколати институтсионалӣ ё худ қонуниро дошта бошад.

Як нуқтаро бояд қайд намуд, ки низоми суғуртаи пасандозҳо аз низоми маъмули суғуртавие, ки ҳамагон аз он огаҳӣ доранд (ба монанди суғуртаи иҷтимоӣ, тиббӣ, манзил ва ғ.) фарқ мекунад ва он бо якчанд хусусиятҳои зерин ифода меёбад:

- пеш аз ҳама, мақсади асосии низоми суғуртаи пасандозҳо ин пешгирии паҳншавии ҳолатҳои ба таври оммавӣ бозпас гирифтани пасандозҳо аз ташкилоти бо мушкилии пардохтпазирӣ рӯ ба рӯ

шуда, нигоҳдории боварии аҳолӣ ва ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон бидуни гирифтани фоида мебошад. Баръакси ин, аксари ташкилотҳои маъмули суғуртавӣ сохтори тиҷоратӣ дошта, танҳо бо мақсади гирифтани фоида фаъолият мекунанд;

- дар низоми суғуртаи пасандозҳо бенефитсиар ё худ судбарандагони асосӣ на бевосита ташкилотҳои қарзии аъзо, балки пасандоздорон мебошанд. Дар ҳолати муфлисшавии ташкилоти қарзӣ ҷубронпулии суғуртавии пасандозҳо ба ин ташкилот дода намешавад ва танҳо ба пасандоздорон пардохта мешавад. Дар низоми маъмули суғуртавӣ ҷубронпулӣ бевосита ба объекти суғурташуда дода мешавад;

- дар низоми суғуртаи пасандозҳо иштироки ташкилотҳои қарзӣ бояд ҳатмӣ бошад, аммо дар низомҳои маъмули суғуртавӣ иштирок одатан ихтиёрӣ аст;

- инчунин, таҷрибаҳои пешқадам ва принсипҳои низоми суғуртаи пасандозҳо нишон медиҳанд, ки андозаи маблағи ҷубронпулӣ бояд нисбатан маҳдуд бошад, ҳол он ки ҷубронпулӣ дар мавриди суғуртаи маъмулӣ дар маҷмуъ метавонад пурра бошад.

**Нақши низоми суғуртаи пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тавре маълум аст, дар Тоҷикистон Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд – Хазина) ҳамчун мақоми низомташкилдиҳанда вазифаи суғуртакунандаи пасандозҳои аҳолиро иҷро намуда, ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи ҷалби пасандозҳоро дорад, бояд узви ҳатмии низоми суғуртаи пасандозҳо бошад.

> «Яке аз ташкилоти бонуфузтарини соҳа, Корпоратсияи федералии суғуртаи пасандозҳои ИМА (FDIC) соли 1933 пас аз бӯҳрони шадиди молиявӣ-иқтисодӣ таъсис дода шудааст. Танҳо баъди солҳои 1960-ум дигар кишварҳои ҷаҳон низомҳои миллии суғуртаи пасандозҳоро созмон доданд.

Хазина шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, соли 2004 таъсис дода шудааст. Сохтори ташкилии он аз Шӯрои нозирон, Раис ва кормандони Хазина иборат аст. Мақоми олии идоракунии Хазина Шӯрои нозирони Хазина мебошад, ки барои назорати умумии фаъолияти он масъул мебошад. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Хазина бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» (минбаъд – Қонун) таҳти №758, аз 2 августи соли 2011 муқаррар карда шудааст. Тибқи Қонуни мазкур мақсади асосии Хазина ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина дар фаъолияти хеш як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд. Дар ин раванд вазифаи аввалиндараҷаи Хазина ин сари вақт муайян ва ба пуррагӣ пардохт намудани маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда дар ҳолатҳои суғуртавӣ, яъне ҳангоми бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии маҷбурии он ба ҳисоб рафта, ҳамаи дигар вазифаҳои муайяншуда дар умум тобеи он мебошанд. Вазифаҳои дигари Хазина чунинанд:

- арзёбӣ, ҷамъоварӣ ва ба ҳисоб гирифтани пардохтпулиҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина;

- аз ташкилотҳои қарзӣ талаб намудани маълумот, ҳисобот ва иттилоотеро, ки барои фаъолияти Хазина зарур аст;

- бо мақсади андӯхти дороиҳо сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир намудани маблағҳои Хазина;

- бо мақсади нигоҳдории эътимоди низоми бонкӣ пайваста хабардор намудани аҳли ҷомеа ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки қабл аз ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонун ваколати асосии Хазина танҳо иборат аз пардохти ҷубронпулии пасандоздорон буд ("pay box" mandate). Вобаста ба тағйиру иловаҳои нав ба Қонун (аз 9 августи с.2018, №1551) ваколатҳои Хазина васеъ гардида ("pay box plus" mandate), он иловатан дар раванди батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ низ дар якҷоягӣ бо дигар вазорату

идораҳо иштирок менамояд.

Тавре ки зикр гардид, Хазина барои иҷрои вазифаи асосии худ бояд дорои маблағҳои захиравии дастрас ва кифоя бошад. Аз ин ҷост, ки барои таъмини иҷрои ин ваколат Хазина дорои салоҳияти махсус буда, мувофиқи он узвият будан ба Хазина ва пардохт намудани пардохтҳои тақвимӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ доранд, ҳатмӣ мебошад. Вобаста ба ин, сарчашмаи асосии ташаккули захираҳои Хазина низ аз пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ иборат аст, ки ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта истифода бурда мешавад.

Тибқи тағйиротҳои охирин ба Қонун андозаи пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба намуди асъори пасандозҳо диверсификатсия карда шуда, бо пули миллӣ 0,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 0,3 фоиз муқаррар карда шудааст. Ташкилотҳои қарзии узви Хазина мутобиқан бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ҳар семоҳа бояд пардохтҳои тақвимии бебозгаштро ба Хазина пардохт намоянд.

Ғайр аз ин, яке аз манбаҳои дигари ташаккули дороиҳои Хазина ин фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки барои андухти маблағҳои Хазина, гирифтани даромад ва нигоҳдории арзиши воқеии маблағҳо равона гардидааст. Тибқи Қонун Хазина метавонад маблағҳои худро ба коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии хориҷӣ сармоягузорӣ намояд.

Ба ҳолати 1 июли соли 2019 ба феҳрасти ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 40 ташкилоти қарзӣ ворид карда шудааст, ки аз он 16 адад бонкҳо ва 24 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд мебошад. Аз шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд танҳо БДА ҶТ “Амонатбонк” бинобар сабаби кафолати давлатӣ доштан ба низоми суғуртаи пасандоҳои шахсони воқеӣ шомил нест.

Тибқи ҳисоботҳо ба ҳолати 1 июли соли 2019 маблағи пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ, ки аз ҷониби Хазина мавриди фарогирии суғурта қарор дода мешавад 3013,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки 980,2 млн. сомонӣ ё худ 32,5 фоизи онро ӯҳдадории суғуртавии Хазинаро дар бар мегирад. Шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда бошад, ба 353,7 ҳазор нафар мерасад.

Сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда маблағи пасандозҳои 94,2 фоиз пасандоздорони ташкилотҳои қарзӣ пурра ҷуброн карда мешавад ва ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон (5,8 фоиз), ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулии суғуртавӣ зиёд аст, қисман ҷуброн карда мешавад. Аз рӯи ин нишондиҳандаҳо гуфтан мумкин аст, ки шумораи бештари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда мешаванд.

Бояд хотиррасон кард, ки мутобиқи Қонун андозаи ниҳоии ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ на бештар аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст. Яъне, ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ Хазина барои ҳар як пасандоздор, ки маблағи пасандозҳояш бо пули миллӣ аст то 27 500 сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ бошад то 19 250 сомонӣ пардохт менамояд.

Низоми бонкию молиявии кишвар солҳои 2014-2015 бо таъсири буҳрони шадиди берунӣ дучор гардид, ки оқибатҳои он ба сифати дороиҳо, сатҳи кифоятии сармоя ва вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии заиф бетаъсир намонда, дар натиҷа ба муфлисшавӣ ва барҳамдиҳии онҳо оварда расонид,

Аз соли 2016 то инҷониб 12 ташкилоти қарзии узви Хазина, аз он ҷумла 2 бонк ва 10 ташкилоти амонатии қарзии хурд муфлис шуда, дар онҳо ҳолати суғуртавӣ ба амал омад. Хазина дар ин муддат аз ҳисоби захира барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба зиёда аз чор ҳазор нафар пасандозгузорони

суғурташудаи ин ташкилотҳои қарзӣ тавассути бонк-агентҳои худ (БДА ЧТ “Амонатбонк,” ЧСК “Ориёнбонк” ва ЧСП ТАҚХ “Ҳумо”) 24 млн. сомонӣ маблағ ҷудо намуд. Пардохти саривақти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии муфлисшуда садди роҳи афзоиши норозигӣ дар байни пасандоздорон гардида, шиддати иҷтимоиро дар байни аҳолӣ кам намуд.

**Нақшаҳои минбаъда бахри рушди низоми суғуртаи пасандозҳо.** Дар шароити кунунӣ бо назардошти ҷой доштани мушкилиҳо дар низоми бонкӣ, вазифаҳои Хазина дар таъмини суботи молиявии кишвар ва нақши он дар таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ зиёд мегардад. Зиёд гардидани ваколатҳои Хазина ва иштироки он дар таъмини суботи молиявӣ, низоми аз лиҳози молиявию институтсионалӣ хубфаъолияткунанда ва эътимодноки суғуртаи пасандозҳоро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ҷиҳати минбаъд беҳтар намудани низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва боло бурдани эътимоди аҳолӣ, амалӣ гардидани тадбирҳои стратегии зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1) Баланд бардоштани потенсиали Хазина, таҷдиди сохтори ташкилӣ, аз он ҷумла зиёд намудани ҳайати кормандони Хазина аз ҳисоби ҷалби мутахассисони касбӣ ва болаёқат;

2) Таҳкими сохтори идоракунии корпоративӣ, пурзур намудани баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳо, идоракунии босамари дороиҳо ва зиёд намудани захира барои ҷуброни пасандозҳо;

3) Омодагӣ ба эҳтимолияти амалӣ гаштани ҳолатҳои суғуртавӣ, такмили раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон;

4) Васеъ намудани сатҳи фарогирии суғуртаи пасандозҳо, такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

5) Гузариш ба модели дифференсиалии пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ. Тибқи он андозаи пардохтҳои тақвимӣ дар асоси баркашидани хавфи ҳар як ташкилот муайян карда мешавад, яъне коэффитсиенти хавф барои ташкилоти қарзие, ки фаъолияти хавфнок дорад чи қадаре ки зиёд бошад, андозаи пардохтҳои тақвимӣ ҳамон қадар зиёд муқаррар карда мешавад;

> Дар ҳолати муфлисшавии ташкилоти қарзӣ ҷубронпулии суғуртавии пасандозҳо ба ин ташкилот дода намешавад ва танҳо ба пасандоздорон пардохта мешавад. Дар низоми маъмули суғуртавӣ ҷубронпулӣ бевосита ба объекти суғурташуда дода мешавад.

6) Амалӣ гардонидани механизми маблағгузории касри Хазина ҳангоми норасоии маблағи Хазина. Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати буҳронҳои системавӣ, яъне ҳангоми муфлисшавӣ ва барҳамхӯрии якчанд бонкҳои низомсоз, захираҳои молиявии Хазина барои пардохти ҷубронпулии пасандоздорон ва таъмини суботи молиявӣ намерасад. Аз ин лиҳоз, дар чунин ҳолатҳо Хазина ниёз ба дастгирии (қарзи) молиявии фискалӣ дорад;

7) Пурзур намудани фаъолияти таблиғотӣ ва ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ, беҳтар намудани сатҳи иттилоотнокии омма оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;

8) Таъмини фарогирии пурраи бонкҳо, аз ҷумла БДА ЧТ “Амонатбонк” дар низоми суғуртаи пасандозҳо ва дар ин самт фароҳам овардани шароити мусоид барои рақобати солим ва баробар миёни ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Бахри таъмини устувории низоми миллии суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон Хазина ҳамкориҳои судмандро бо Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ вусъат хоҳад дод.

# ШУЪБАИ МАТБУОТИ БМТ ХАБАР МЕДИҲАД:



## Тафсири сиёсати қурбии БМТ дар соли 2019

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2019 тибқи муқаррароти “Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат” сиёсати қурбии ба речаи “шинокунандаи танзимшаванда” асосёфтаро, амалӣ карда истодааст.

Дар ҳафт моҳи соли 2019 қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА бетағйир боқӣ монда, дар ин давра ба 9,4286 сомонӣ баробар гардида, 0,1 фоиз коҳиш ёфт, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 6,7 банди фоизӣ кам мебошад.

Новобаста аз тағйирёбии муътадили қурби расмӣ дар ин давра, норасоии доллари нақди ИМА дар бозори дохилӣ ва чун натиҷа баланд гардидани қурби фурӯши он дар бозори ғайрибонкӣ, ба амал омад.

Ҳолати мазкур талаботи доимии ба асъор ҷойдоштаро зиёдтар гардонида, ба ҳаннотон ва дигар манфиатдорон имконияти афзун гардонидани фишорҳои қурбӣ ва тезонидани раванди беқурбшавии сомониро муҳайё сохт.

Дар ин асос, фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари ИМА-и нақд дар бозори ғайрибонкӣ, меъёри муқарраршудаи 2 фоизаро гузашта, аз 2,8 фоиз дар санаи 01.02.с.2019 то ба 6,1 фоиз дар санаи 15.05.с.2019 зиёд гардид.

Яке аз сабабҳои асосии зиёд шудани талабот ба доллари нақди ИМА, ин афзоиши тавозуни манфии савдои кишвар, коҳишёбии воруди интиқолҳои пулӣ ва вобаста ба ин кам шудани пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозор ва ғайраҳо, мебошад.

Аз муроҷиати корхонаву ташкилотҳо ва истеҳсолкунандагони ватанӣ маълум мегардад, ки масъалаи норасоии асъори хориҷӣ яке аз мушкилоти асосии пешбурди фаъолияти самараноки онҳо гардидааст. Дар ҳаҷми пурра қонеъ нагардидани талаботи мизоҷон ба доллари ИМА аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, онҳоро маҷбур месозад, ки бо мақсади нагирифтани зарар аз фаъолият ба бозори ғайрибонкии асъор рӯ оваранд.

Айни замон, бинобар зиёд будани фарқияти байни қурби расмӣ ва қурбҳои ғайрибонкӣ аксари мизоҷон хоҳиши мубодила кардани маблағҳои асъории дар суратҳисобҳои бонкӣ доштаи худро надоранд, ки ин боиси ғайрифаъол ва берун аз гардиш мондани ҳаҷми муайяни маблағҳои асъорӣ мегардад.

Чунончӣ, аз оғози сол то имрӯз ҳаҷми фурӯши доллари ИМА (ғайринақдӣ ва нақдӣ) аз ҷониби мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ба андозаи 25,1 фоиз ва аз ҷониби аҳолӣ ба андозаи 28,6 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, камтар шудааст.

Боиси қайд аст, ки намояи қурби самараноки воқеии (НҚСВ) сомонӣ ба ҳолати 1 июли соли 2019 дар натиҷаи мутобиқшавии қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои асосии хориҷӣ тамоюли болоравиро нишон дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 6,5 банди фоизӣ устувор гардид. Раванди мазкур ба рақобатпазирии истеҳсолоти дохилӣ нисбат ба шарикони асосии савдо ва ба ин васила ба вазъи тавозуни пардохт таъсири манфӣ мерасонад.

Тибқи маълумоти ҷамъбастии оморӣ сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-июни соли 2019 ба 4,9 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,9 банди фоизӣ зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар сохтори таваррум болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 8,1фоиз, маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 1,2 фоиз ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,3 фоиз саҳмгузорӣ намуданд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки раванди дарозмуддат ва бидуни лаппишҳои кӯтоҳро нишон медиҳад бо ифодаи солона ба 2,1 фоиз баробар гардид, ки ин аз маҳдуд будани таъсири омилҳои монетарӣ гувоҳӣ медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2019 бо истифода аз тамоми манбаъ, имконияту

# ШУЪБАИ МАТБУОТИ БМТ ХАБАР МЕДИҲАД:



воситаҳо, аз ҷумла аз механизми хариду фурӯши рубли русӣ, норасоии асъор ва фишорҳои қурбиро коҳиш дода, дар баробари ин иҷрои уҳдадориҳои бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи давлатро таъмин намуда истодааст.

Қайд намудан зарур аст, ки гузариш ба реҷаи “ҳадафгирии таваррум” дар амалӣ гардонидани сиёсати пулию қарзӣ, ки аз соли 2018 оғоз гардидааст аз Бонки миллии Тоҷикистон истифодаи механизм ва усулҳои ба он мутобиқро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон дахолатҳои асъории худро, тавассути татбиқи усулу воситаҳои иқтисоди бозоргонӣ, аз ҷумла бо истифода аз механизми мутамаркази хариду фурӯши рубли русӣ ва барориши коғазҳои қиматнок анҷом дода, фаъоляти бозорро ба танзим медарорад.

Ба ин нигоҳ накарада, фарқияти аз меъёр зиёди қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар бозори ғайрибонкӣ боқӣ мондааст ва бинобар ин, барои бартараф кардани он амалӣ кардани як қатор чораҳои иловагӣ, зарур аст.

Аз ҷумла, барои коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, таъсири хавфҳои асъории ҷойдошта ва таъмини риояи меъёри фарқияти то ба 2 фоизаи байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА ва аз байн бурдани чунин фарқият дар бозори ғайрибонкӣ, тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмии доллари ИМА ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки воридот ва интиқоли маблағҳо тавассути низоми бонкии кишвар бештар гардида, шаффофияти амалиётҳо бо мизоҷон таъмин карда шавад ва фаъолияти ҳаннотон дар бозорҳои ғайрибонкии нақдӣ маҳдуд гардад. Ҳамзамон, мутавозунии қурби пули миллӣ ба зиёд шудани ҳаҷми содирот ва воридот мусоидат намуда, бевосита боиси афзудани даромади буҷети давлатӣ низ мегардад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки соли гузашта коҳишёбии қурби асъорҳои миллӣ дар минтақа назаррас буд ва аксар кишварҳои шарикони асосии тиҷоратӣ, тавассути тасҳеҳи сиёсати қурбӣ, тағйирёбии арзиши пули миллияшонро ба танзим даровардаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо тамоми масъулияти вазъияти сиёсати қурбиро зери мушоҳидаю таҳлил ва назорат қарор дода, барои таъмин кардани суботи бозори дохилии асъор ва муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ воситаю имконият ва захираҳои заруриро истифода хоҳад бурд.

## Вокуниши БМТ ба изҳороти Палатаи ҳисоби ҷумҳурӣ

Рӯзи 18 июли соли 2019 Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ изҳор доштааст, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва БДА “Амонатбонк” санҷида шуда, дар натиҷа ба маблағи 9,1 миллион сомонӣ хисороти молӣ ошкор карда шудааст.

Маълумоти мазкур, ки дар назди намояндагони воситаҳои ахбори омма ба таври расмӣ аз ҷониби роҳбарияти Палатаи ҳисоб эълон шудааст, дар аксари саҳифаҳои хабаргузории давлатӣ ва ғайридавлатӣ нашр шуда, боиси ба амал омадани афкори нодуруст дар ҷомеа мегардад ва ба нуфузу эътибори Бонки миллии Тоҷикистон таъсири манфӣ мегузорад.

Бояд тазаккур дод, ки изҳорот марбут ба ошкор гардидани зарари молиявӣ дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон саҳеҳ набуда, асоси воқеӣ надорад.

Воқеият ин аст, ки дар ягон санади санҷиши Палатаи ҳисоб оид ба ошкор гардидани зарари молиявӣ қайд карда нашудааст. Вале сарфи назар аз ин, дар баъзе изҳорот ва маълумотҳои Палатаи ҳисоб дар хусуси ба маблағи умумии 8,3 млн.

сомонӣ ошкор гардидани зарари молиявӣ қайд карда мешавад, ки он асосманду собитшуда набуда, ба унсурҳои зарари молиявӣ ҳаргиз мутобиқат намекунад.

Дар таркиби маблағи мазкур 6,2млн. сомонӣ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгарди аз ҷониби худи Бонки миллӣ ҳисобкардашуда ва 1,5 млн. сомонӣ андоз аз фоидаи ҳисобкардашуда ва тасдиқнашуда дар назар дошта шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи маблағгузориҳои дохилӣ бо назардошти талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, мустақилона ва бе дахолати санҷишгарони Палатаи ҳисоб захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил намуда, тибқи тартиби муқарраршуда аз он ба маблағи қариб 6,2 млн. сомонӣ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт намуд, ки супоришномаҳои пардохтӣ онро тасдиқ менамоянд. Ин маблағи андозҳои супоридашуда аз ҷониби санҷишгарони Палатаи ҳисоб ҳамчун барқароркунии андоз ва зарари молиявӣ арзёбӣ карда шудааст. Ҳол он ки ин ҷо ягон барқароркунии андоз ҷой надошта, дар доираи пардохтҳои ҷории Бонки миллӣ сурат гирифт ва чунин арзёбӣ намудани Палатаи ҳисоб ба ҳақиқат дуруст намеояд, зеро чуноне ки дар боло таъкид намудем, Бонки миллии Тоҷикистон маблағи андозро мустақилона ва бо тасмими худ, бе ягон тавсияву пешниҳоди санҷишгарони Палатаи ҳисоб ба буҷети давлатӣ интиқол додааст.

Ҳамчунин, дар таркиби маблағи дар боло зикршудаи зарари молиявӣ ба қавли санҷишгарони Палатаи ҳисоб “маблағи андозҳои кам ҳисобигардида ва рӯйпӯшшуда дар ҳаҷми 1,5 млн. сомонӣ” (аз он 1,2 млн. сомонӣ андоз аз фоидаи соли 2016) ба ҳисоб гирифта шудааст, ки он ҳам ба воқеият мутобиқат намекунад. Зеро зимни санҷиши маҷмӯии аз ҷониби мутахассисони Кумитаи андоз гузаронидашуда бо дархости Бонки миллии Тоҷикистон масъалаи мазкур пурра санҷида шуда, ягон ҳолати кам ҳисоб намудани андоз аз фоида ошкор нагардид ва дурустии тартиби ҳисоби андозу пардохтҳо тасдиқ карда шуд (санад аз 08.04.с.2019). Яъне, аз ҷониби санҷишгарони Палатаи ҳисоб ба зарари молиявӣ мансуб донистани маблағи мазкур заминаи воқеӣ надорад.

Зимнан, роҷеъ ба масъалаи мазкур баъд аз санҷиши гузаронидашуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ба худи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи асоснок пешниҳод гардида буд, вале сарфи назар аз ин, аз ҷониби Палатаи ҳисоб асосу далелҳои зикрнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ба инобат гирифта нашудааст.

Салоҳи кор ин аст, ки ҳолатҳои дар боло зикршуда, ки дар ягон санади санҷишии Палатаи ҳисоб расман ҳамчун зарари молиявӣ сабт нашудаанд, минбаъд дар изҳороту маълумотҳои расмии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда нашаванд.

## Татбиқи дастуру супоришҳои Президенти кишвар дар амал



Дар доираи иҷрои дастуру супориш ва тавсияҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 10 майи соли 2019 дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо ба низоми бонкии кишвар додашуда, 20 июли соли равон дар шаҳраки Ғарм бо иштироки Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Раиси Раёсати БДА ЧТ “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ ва роҳбарону кормандони масъули филиалҳо, марказҳои хизматрасонии филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурди дар минтақаи Рашт фаъолияткунанда ҷаласаи васеъ баргузор гардид.

# ШУЪБАИ МАТБУОТИ БМТ ХАБАР МЕДИҲАД:





Ҷаласаро Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ҳусни оғоз бахшида, диққати иштирокдоронро ба дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми мулоқот бо кормандони соҳаи молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо санаи 10 майи соли 2019 ва зимни сафари корӣ ба навоҳии минтақаи Рашт рӯзҳои 24-26 июни соли равон дода шуданд, ҷалб намуда, иброз дошт, ки мо бояд эродҳои гирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нисбат ба низоми бонкӣ сари вақт бартараф намуда, таҳти иҷрои қатъӣ қарор диҳем.

Ҷ.Нурмаҳмадзода дар идомаи чорабинӣ ба роҳбарони филиалу марказҳои хизматрасонии бонкии мустақили ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд ва фондҳои қарздиҳии дар минтақа фаъолияткунанда тавсия дод, ки дар самти паст кардани фоизи қарзҳо, равона кардани воситаҳои қарзӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ, соҳибкорӣ, рушди деҳот, тақвияти ҳунарҳои мардумӣ, дастгирии соҳаи кишоварзӣ, рушди сайёҳӣ ва ғайра чораҳои дахлдор андешанд.

"Новобаста аз мусбат арзёбӣ гардидани нишондиҳандаҳои омории бонкӣ дар ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2019 дар минтақа, ҳоло ҳам камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд. Бинобар ин, бо истифода аз шароити мусоид ва малакаю истеъдоди баланди касбӣ моро зарур аст, ки ба муваффақиятҳои бештар ноил гардем"- таъкид намуд Ҷ.Нурмаҳмадзода.

Раиси Раёсати БДА ЧТ "Амонатбонк" Сироҷиддин Икромӣ дар навбати худ иброз дошт, ки баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкию молиявӣ ба кормандони низоми бонкӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ ба мардум, бахусус соҳаҳои буҷавӣ бояд чораҳои амалӣ андешида шавад.

Дар идомаи ҷаласа мудири Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳраки Ғарм Мустафо Ниёзов тавассути рӯнамоӣ ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкии минтақаи Раштро дар нимсолаи якуми соли 2019 ба таври васеъ шарҳ дода, барои беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкию молиявӣ як қатор пешниҳоду тавсияҳоро мавриди муҳокимаи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва БДА ЧТ "Амонатбонк" қарор дод.

Ҷаласаро Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ.Нурмаҳмадзода ҷамъбаст карда, ба роҳбарону кормандони низоми бонкии минтақа барои меҳнати содиқонаашон нисбати халқу диёр бурдбориҳо таманно намуд.

## Мулоқоти Ҷамолиддин Нуралиев бо ҳайати Агентии байналмилалии рейтингии "Standard & Poor's"



8 июли соли 2019 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев таҳлилгарони Агентии байналмилалии рейтингии "Standard & Poor's" ҷаноби Тревор Куллинан ва Шоҳрух Темуровро, ки барои муҳокимаи интишори навбатии рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафари корӣ дар шаҳри Душанбе қарор доштанд, ба ҳузур пазируфт.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз ташрифи меҳмонон ба Ҷумҳурии

# ШУЪБАИ МАТБУОТИ БМТ ХАБАР МЕДИҲАД:

Тоҷикистон хуш истиқбол карда, аз фаъолияти таҳлилӣ ва баҳодиҳии онҳо нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуд. Ҷамолиддин Нуралиев ба намояндагони Агентии байналмилалии рейтингии “Standard & Poor’s” оид ба вазъи иқтисодии кишвар, аз ҷумла зиёд шудани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар баробари ин боло рафтани рушди стратегӣ иттилоъ дода, ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосӣ қарор додани саноатикунонии босуръатро дар сиёсати иқтисодии кишвар махсусан қайд намуд.

Сипас, таҳлилгари “Standard & Poor’s” ҷаноби Тревор Куллинан барои ҳамкорӣ ва пешниҳоди саривақтии маълумотҳои зарурӣ ҷиҳати омода намудани таҳлил ва баҳодиҳии кишвар ба Бонки миллии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, аз самарабахшии нишондиҳандаҳои рейтингӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ ибрози назар кард.

Зимни машварат ҷонибҳо оид ба масоили молиявию буҷетӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, татбиқи сиёсати монетарӣ ва асъорӣ, омори тавозуни пардохт, идоракунии захираҳои байналмилалӣ, назорати бонкӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт табодули назар намуда, масъалаҳои матраҳшударо барои баҳодиҳии рейтингии минбаъдаи кишвар мавриди муҳокима қарор доданд.

Дар идома, ҷаноби Тревор Куллинан оид ба методологияи гузаронидани баҳодиҳии рейтинг ва омилҳои асосии муайянкунии он, аз ҷумла аз рӯи



фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таркиби нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, сиёсати буҷетӣ ва андозӣ, бориши вомбаргҳои давлатӣ (евробонд), низоми назорати бонкӣ ва сифати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, бозори қарзӣ ва низоми молиявӣ, инчунин сиёсати пулию қарзӣ ва ҳадафгирии таваррум сухан ронда, иброз дошт, ки ҳадафи асосии онҳо таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ аз рӯи маълумотҳои оморӣ ва иттилоотӣ, бо назардошти нақшаҳои дар оянда пешбинишаванда мебошад.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз ҳамкорӣ бо Агентии мазкур изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд кард, ҳар як баҳодиҳӣ, таҳлил ва ё рейтинг, ки аз берун ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, басо муҳим буда, барои ташаккули афкори ҷомеа, аз ҷумла ҷомеаи ҷаҳонӣ нақшгузор аст. Дар баробари ин, рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишвар барои ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун омили асосӣ (катализатор) ба ҳисоб рафта, дар муайянкунии эътибор ва нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ муассир арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, Ҷамолиддин Нуралиев аз намояндагони Агентии байналмилалии рейтингии “Standard & Poor’s” даъват ба амал овард, ки зимни гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии кишвар таъмини шаффофият бо назардошти тамоюли рушди самтҳои муваффақ ба инобат гирифта шавад.

Дар робита ба муқаррароти Протоколи ҷаласаи XIII-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 30 майи соли 2014 таҳти №1с/22-3, Бонки миллии Тоҷикистон барои гузаронидани раванди интишори рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон муваззаф шудааст.

Раванди интишори рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамасола дар асоси созишнома бо Агентии байналмилалии рейтингии “Standard & Poor’s” ба роҳ монда мешавад. Агентии мазкур дар баробари баҳогузории хавфҳои қарзӣ, инчунин рейтинги бозори қарзӣ, молиявӣ ва маълумоти расмиро таъмин намуда, маводҳои таҳлилӣ ва иттилоотиро ба нашр мерасонад. Ҳамасола рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Агентии байналмилалии рейтингии “Standard & Poor’s” ду маротиба таҳия ва нашр шуда, нашри навбатии рейтинг, ки мавриди муҳокима қарор дода шудааст, моҳи августи соли равон дар назар аст.

# Пирамидаҳои молиявӣ ва хавфҳои он ба иқтисодиёт. Оё фаъолияти онҳо қонунӣ аст?

**Ҳарчанд дар аксари давлатҳои ҷаҳон фаъолияти пирамидаҳои молиявӣ мамнуъ эълом шудааст, баъзан дар ин ё он кишвар боз ҳам пирамидаҳои молиявӣ дар шаклҳои нав зуҳур меёбанд ва зарари худро ба иқтисодиёт мерасонанд. Муассисони пирамидаҳои молиявӣ маблағҳои мардумро бо ваъдаи дарёфти даромади калон ҷамъ меоранд ва дар охир нопадид мешаванд. Ба хотири пешгирӣ аз афтодан ба доми пирамидаҳои молиявӣ зарур аст, ки маърифати молиявии мардум баланд бардошта шуда, онҳо аз ин навъи қаллобӣ огоҳӣ пайдо намоянд, то ки худро аз онҳо канор бигиранд.**



## ▲ЧАРО ПИРАМИДАИ МОЛИЯВӢ МЕГӮЯНД?

Дар иқтисодиёт истилоҳи “пирамидаи молиявӣ” то ҳанӯз ба таври мушаххас тавсиф нашудааст. Ин гуна пирамидаҳо вобаста ба кишвару минтақа аз ҳам фарқ мекунанд. Унсури аз ҳама фарққунандаи пирамидаи молиявӣ фоизи бениҳоят баланди фоида ё худ дивиденд ва пардохти пули зиёд, ки асосан аз ҳисоби пули иштирокдорон ва ё сармоягузорони нав ҷалб мешавад, ба шумор меравад. Умуман, муассисаи молиявиеро метавон пирамидаи молиявӣ гуфт, ки аз ҳисоби сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисод

фоида надида, балки аз ҳисоби ҷалби сармоягузорон фоида мебардорад ва расман мавриди таъқиби қонунӣ дар як қатор кишварҳои олам қарор дорад.

Услуби кори пирамидаи молиявӣ ин гуна аст, ки даромади иштирокдор ё сармоягузори аввал аз ҳисоби маблағ ё саҳми дар ширкат гузоштаи иштирокдорони баъдӣ пардохта мешавад. Ба ҳамин тартиб иштирокдорони баъдӣ аз ҳисоби овардани иштирокдорони нав ба ширкат даромад мегиранд. Агар иштирокдори баъдӣ нафари навро бо маблағ ба ширкат ворид накунад, маблағи супурдаи худро бозпас гирифта наметавонад ва зарари молиявӣ дида, аз ширкат берун карда мешавад.

Хусусияти дигари фарқкунандаи пирамидаҳои молиявӣ дар он аст, ки дар аксар ҳолат пирамидаҳои молиявӣ сарчашмаи даромадро пинҳон медоранд ва ин масъаларо беаҳамият арзёбӣ мекунанд. Чунин тартиби кор аз нигоҳи қонун тақаллубкорӣ ва ё авомфиребӣ унвон мешавад.

Дар пирамидаи молиявӣ ба муштариён даромаднокии ниҳоят баланд ваъда дода мешавад, ки иҷро ва ё пардохти он ба муддати дароз аз имкон берун аст ва дар ниҳояти кор пардохти ӯҳдадориҳои пирамида дар назди ҳамаи иштирокдорони он тадриҷан иҷронашаванда мегардад.

Фарқи навбатии пирамидаи молиявӣ аз лоиҳаи тиҷоратӣ дар он аст, ки пирамидаи молиявӣ манбаъи пардохти даромад дониста мешавад. Агар ҳаҷми пардохти даромад ба таври устувор аз ҳаҷми арзиши изофие, ки ин тиҷоратро таъмин мекунад, бештар шавад, он гоҳ ин лоиҳа пирамидаи молиявӣ ҳисобида мешавад.

> Нахустин пирамидаи молиявӣ дар шакли имрӯза ҳануз дар соли 1711 бо номи "Ширкати Баҳрҳои Ҷанубӣ" дар Британиёи Кабир пайдо шуд ва тӯли даҳ сол бо ҳимояти гурӯҳе аз қонунгузорони фасодкор ва расонаҳои иттилоотӣ даҳҳо миллион фунти мардуми сармоягузоринамударо ба кисаи муассисонаш ворид намуд.

### ШАКЛИ МАЪМУЛИИ ПИРАМИДАИ МОЛИЯВӢ КАДОМ АСТ?

Муассисони пирамидаҳои молиявӣ ширкати худро ба унвони ширкати тиҷоратӣ ба қайд гирифта, фаъолияти хешро қонунӣ ҳисоб мекунанд ва ҳеҷ гоҳ ширкаташонро пирамидаи молиявӣ наменоманд. Шакли маъмулии пирамидаи молиявӣ дар замони муосир ин аст, ки муассисони он вонамуд мекунанд гӯё маҳсулот истеҳсол мекунанд ва барои ин ба онҳо маблағ зарур аст. Дар асл, онҳо чизе истеҳсол намекунанд. Ё онҳо ба таври дигар, бар ивази маблағгузории муштариён маҳсулоти арзонеро бо нархи гарон ба муштариён ба истилоҳ "тухфа" мекунанд.

Баъзан муассисони пирамидаи молиявӣ барои он, ки одамон ба онҳо зуд бовар кунанд, фаъолияти худро "тиҷорати шабакавӣ" ва ё "маркетинги шабакавӣ" низ меноманд.

Пирамидаҳои молиявӣ ҳамчун муассисаи тиҷоратӣ баъди аз қайди давлатӣ гузаштан бо баҳонаи маблағгузории ягон лоиҳа маблағ ҷамъ мекунад. Агар даромаднокии воқеии лоиҳа аз даромади ваъдашуда ба маблағгузорон камтар бошад ва ё тамоман вуҷуд надошта бошад, ин маънои онро дорад, ки як қисми пули ғундошташуда, барои пардохт ба маблағгузорони нав равона шудааст. Бо боварии комил метавон гуфт, ки охири ин ҳолат бо муфлисшавӣ ва зарар дидани маблағгузорони давраи охир анҷом мeёбад.

Таҷрибаҳои зиёд нишон додаанд, ки баъд аз пош хӯрдани пирамидаи молиявӣ танҳо 10-15 фоизи маблағҳои ҷамъшуда баргардонида мешаванд. Зеро агар як қисми маблағҳои ҷамъшуда барои пардохти иштирокдорон ё маблағгузорони пешина истифода шуда бошанд, як қисми дигари он барои таблиғот ва даромади ташкилкунандагони пирамида сарф шудаанд.

Бинобар ин, ҳар қадаре, ки ширкати пирамидаи молиявӣ бештар кор кунад, ҳамон қадар

фоизи баргардонидани маблағҳои иштирокдорон ҳангоми барҳамдиҳӣ камтар мешавад.

### ▲АВВАЛИН ПИРАМИДАИ МОЛИЯВӢ КАЙ ПАЙДО ШУД?

Ташкили пирамидаҳои молиявӣ дар шакли имрӯза ихтироъи асрҳои миёна аст. Аввалин пирамидаҳои молиявӣ баробари пайдоиши пули коғазӣ, саҳмия ва коғазҳои қимматнок ба вуҷуд омадаанд.

Нахустин пирамидаи молиявӣ дар шакли имрӯза ҳануз дар соли 1711 бо номи "Ширкати Баҳрҳои Ҷанубӣ" дар Британиёи Кабир пайдо шуд ва тӯли даҳ сол бо ҳимояти гурӯҳе аз қонунгузорони фасодкор ва расонаҳои иттилоотӣ даҳҳо миллион фунти мардуми сармоягузоринамударо ба кисаи муассисонаш ворид намуд.

Ин ширкат ҳуқуқи инҳисории кашонидани молу коло ва мусофиронро ба кишварҳои Амрикои Ҷанубиву Марказӣ, ки бояд дар оянда кашф мешуд, дар ихтиёр дошт. Дар он замон рӯзномаҳои британиёӣ дар бораи ба зудӣ кашф шудани роҳҳои нави рафтуомад ба Амрико маводҳоро нашр мекарданд ва таъкид менамуданд, ки саҳмдорони ширкат соҳиби фоидаи бениҳоят бузург мешаванд. Вале дар ниҳояти кор роҳи нав ба Амрико пайдо нашуд ва ширкат барҳам хӯрду саҳмияҳои сармоягузорон ба коғази беарзиш табдил ёфт.

Пирамидаҳои молиявӣ аз ибтидои пайдоишашон худро

> Мутахассисони аврупоӣ бар онанд, ки пирамидаҳои молиявӣ аслан дар кишварҳое пайдо мешаванд, ки имкони пулҷамъкунӣ аз аҳолӣ фароҳам омада бошад. Яъне замоне, ки кишвар ба давраи наздик ба некӯаҳволӣ мерасид, пирамидаҳои молиявӣ ҳам зуҳур мекунанд.

ҳамчун сармоягузори лоиҳаи мушаххас нишон медоданд. Яке аз пирамидаҳои молиявии машҳур "Ширкати муттаҳидаи сохтмони канали байниуқёнусии Панама" ба ҳисоб меравад, ки солҳои 1880 то 1889 дар Фаронса ташкил шуда буд

Раҳбари ширкат Фердинанд Лесепс дар давоми нуҳ сол ваъда медод, ки базудӣ канали пайвасткунандаи Уқёнуси Орому Атлантик бунёд гардида, саҳмдорони ин ширкат соҳиби даромадҳои бузург мешаванд. Ин ширкат то лаҳзаи муфлис эълон шуданаш, се маротиба силсилаи саҳмияҳояшро ба фурӯш баровард ва ҳамаи онҳоро сармоядорон хариданд. Роҳбари ширкат он замон аллакай ба боварии мардум даромада буд. Зеро то ин вақт, ӯ сохтмони канали Суэтсро анҷом дода буд. Ин роҳи обӣ дар соли 1869 аз ҷониби ширкати ӯ сохта шуда буд. Канали Суэтс баҳри Миёназаминро бо баҳри Сурх пайваста, зарурати дар гирди Африқо давр зада гаштани киштиҳоро аз байн бурд ва бо ҳамин роҳ вақту масофаи ба Аврупову Осиё рафтану омаданро қариб панҷ маротиба кӯтоҳ кард. Маҳз натиҷаи ҳамин кор мардумро бовар кунонид ва онҳо саҳмияҳои "Ширкати муттаҳидаи сохтмони канали байниуқёнусии Панама"-ро харидорӣ карданд.

### ▲МММ-Е, КИ МИЛЛИОНҲО НАФАРРО ФИРЕБ ДОД

Дар минтақаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ширкати МММ-и Сергей Мавродӣ бузургтарин ва машҳуртарин пирамидаи молиявӣ маҳсуб меёфт, ки доираи зиёди одамонро ба худ ҷалб карда буд. Ин Ширкат соли 1993 аввалин саҳмияҳояшро бо қиммати 1000 рубл ба фурӯш баровард. Як сол баъд дар Русия маълум шуд, ки ширкати МММ пирамидаи молиявӣ аст. Дар он вақт, нархи ҳар саҳмияи ӯ алаккай то 125 ҳазор рубл расида буд. Он замон Сергей Мавродӣ вакили Думаи Давлатӣ интихоб гардида, аз ҳабс шудан халос шуд.

Бо ин ҳол, ӯ ширкаташро набаста, то баҳори соли 1995 ду маротибаи дигар саҳмияҳои нав нашр намуда, пул ҷамъ кард. Ӯ танҳо моҳи феврали соли 2003 боздошт шуд ва бо қарори суд ба муддати 4 солу 6 моҳ равонаи зиндон шуд.

Ҳамин тавр, миллионҳо нафаре, ки аз ин ширкат саҳмия харида буданд, зарар диданд.

### ▲ПИРАМИДАҲОИ МОЛИЯВИИ АЛБАНӢ

Таҷрибаҳои зиёд нишон додаанд, ки пирамидаҳои молиявӣ барои иқтисодиёти давлат хавфи калон доранд. Онҳо метавонанд, то ҳадде вазъи иқтисодиётро бухронӣ кунанд. Мисоли инро метавон, дар пирамидаҳое, ки солҳои навадум дар Албания ташкил ёфтанду қариб 80 фоизи пули аҳолии ин кишварро дар дасти худ ҷамъ оварданд, дид. Ин ширкатҳо пули муҳоҷирони кории албанӣ, хонаву мошин ва моликияти дигари ба гарав гузошташудаи аҳолии Албанияро дар давоми чанд сол дар ихтиёри худ гирифтанд.

Ҳамаи ин ширкатҳо хусусӣ буданд, вале аҳолии Албания гумон мекарданд, ки онҳо пули худро ба давлат месупоранд. Аммо мақомоти давлатии Албания ба ин ширкатҳо тамоман сарукор надоштанд. Мушкилот бо он сабаб ба миён омад, ки мақомоти давлатӣ саривақт фаъолияти ин пирамидаҳои молиявиро манъ накарданд. Соли 1996 бошад, онҳо тавони қатъи ин чораёнро надоштанд, зеро то он вақт аксари аҳолӣ пули худро ба ширкатҳо супорида буданд. Кор ба ин ҳадде расида буд, ки ин ширкатҳо аллакай тамоми муомилоти пулии Албанияро дар зери назорати худ гирифта буданду қатъ намудани фаъолияти онҳо хатарнок буд.

Дар натиҷа худи ҳамон сол мардум даст ба эътироз зада, аз мақомоти давлатӣ пули худро талаб карданд. Вале пули онҳоро баргардонидан аз имкон берун буд. Танҳо ду ширкати хурд тахминан 10 фоизи сармоягузориҳои хурдтарини аҳолиро баргардониданду халос.

### ▲ПИРАМИДАИ МОЛИЯВӢ ВА МАКОНИ ПАЙДОШАВИИ ОНҲО

Мутахассисони аврупоӣ бар онанд, ки пирамидаҳои молиявӣ аслан дар кишварҳое пайдо мешаванд, ки имкони пулҷамъкунӣ аз аҳолӣ фароҳам омада бошад. Яъне замоне, ки кишвар ба давраи наздик ба некӯаҳволӣ мерасид, пирамидаҳои молиявӣ ҳам зуҳур мекунанд.

Асосан ба таъкиди мутахассисон барои ташкил намудан ва пешбурди фаъолияти пирамидаҳои молиявӣ се шарти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ бояд мавҷуд бошанд. Шарти иқтисодӣ ин аст, ки маълумоти аҳолӣ дар бораи вазъи иқтисоди кишвар, лоиҳаҳои сармоягузории эҳтимолӣ ва фаъолияти ҳукумату соҳибкорон нокофӣ бошад.

Бар асоси шарти иҷтимоӣ бояд тамоми мардум ба сафи раҳбарони пирамидаи молиявӣ шомил гарданд ва бо истифода аз воситаҳои ахбори омма суҳбатҳои ҳамсояву наздикон ва намунаҳои сарватмандшавии баъзе аз аъзои ширкат боварии мардум ба ширкат сохта шавад.

Шарти дигар, шарти равонӣ аст, ки дар аксар ҳолат ба зудбоварии сармоягузорони пирамидаҳо вобаста аст. Аз ин ҷост, ки одатан дар байни сармоягузорони пирамидаҳо занон, ба хусус занони хонашин зуд ҷалб карда мешаванд.

### ▲ОЁ МЕТАВОН АЗ ПИРАМИДАҲОИ МОЛИЯВӢ ПЕШГИРӢ КАРД?

Айни замон дар аксари давлатҳо ташкили пирамидаи молиявӣ манъ аст. Дар Австралия, Австрия, Албания, Бразилия, Британияи Кабир, Булғористон, Олмон, Дания, Эрон, Исландия, Испания, Италия, Канада, Чин, Колумбия, Малайзия, Мексика, Непал, Нидерланд, Зеландияи нав, Норвегия, Полша, Португалия, Руминия, ИМА, Тайланд, Тайван, Туркия, Филиппин, Фаронса, Швейтсария, Шведсия, Шри-Ланка, Эстония, Африқои ҷанубӣ ва Ҷопон таъсис намудани пирамидаи молиявӣ расман манъ карда шудааст.

Дар Тоҷикистон чунин навъи фаъолият мувофиқи моддаҳои авомфиребӣ, қаллобӣ ва тиҷорати ғайриқонунии Кодекси ҷиноӣ баррасӣ мешавад. Мақомоти дахлдори Тоҷикистон барои пешгирӣ аз пирамидаҳои молиявӣ ҳамеша талош мекунанд.

Соли 2003 дар Тоҷикистон ширкати муҳрафурӯшие ба

фаъолият пардохт, ки дар муддати шаш моҳи фаъолияташ тақрибан 60 ҳазор нафарро ҷалб карда, миллионҳо сомонии онҳоро ба ихтиёри худ гирифт. Дар ниҳояти кор тафтишоти Прокуратураи генералии Тоҷикистон фаъолияти авомфиребии ин ширкатро нишон дод ва соли 2004 роҳбари он бо ҳукми Суди олии Тоҷикистон ба муддати 20 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд.

Бо кумаки мақомоти интизомӣ танҳо як қисми пулҳои иштирокдорони ин пирамидаи молиявӣ бозпас дода шуданд. Онҳое, ки ба умеди дарёфти даромади калон хонаву чизҳои қиматбаҳои худро фурӯхта, аз ин ширкат мӯҳра харида буданд, бо халтаҳои мӯҳра монданд.

Мисолҳо дар бораи ин гуна фаъолиятҳои авомфиребонаи ширкатҳо зиёданд. Ширкати "Ҳафт бурҷ", ки аз ҷумлаи онҳост, 25 январи соли 2011 расман ба фаъолият шурӯъ карда, дар тули зиёда аз дуним соли кораш наздик ба 6 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон муштарии он шуда буданд ва дар ниҳояти кор ба доми фиреби онҳо афтиданд.

Додситонии кулли Тоҷикистон бо қарори худ аз 18 июли соли 2013 фаъолияти ширкати «7 бурҷ»-ро манъ кард ва ҳисобҳои онро баст. Баъд аз чаҳор соли баррасиҳо ба баҳси ширкати "Ҳафт бурҷ" дар Тоҷикистон нуқта гузошта шуд ва шаш масъули ин ширкат бо гуноҳи қаллобӣ, сӯистифода аз боварии мизоҷ мутаносибан аз 8 то 11 сол маҳкум ба зиндон шуданд. Ҳамон вақт Додситонии Тоҷикистон ҳам гуфта буд, ки "раҳбарони "Ҳафт бурҷ", бо машварати пешакӣ ва бо мақсади аз роҳи фиреб, сӯистифодаи боварӣ тасарруф намудани молу мулки ғайр, фаъолияти корхонаро дар шакли пирамидаи молиявӣ ба роҳ монда, якчанд хизматрасониҳо, аз қабили маркетинги шабакавӣ, хизматрасонии маркетингӣ, омӯзиши забонҳои англисӣ, дарсҳои компютерӣ, ронандагӣ ба шаҳрвандон пешниҳод намудаанд."

Бинобар ин, барои пешгирӣ намудан аз фаъолияти ширкатҳое, ки мехоҳанд пирамидаҳои молиявӣ созанд, бояд қонуни нав қабул шуда, ин амалҳо мамнуъ дониста шаванд. Ҳамчунин зарур аст, ки сатҳи дониши молиявии аҳолӣ баланд бардошта шавад, то ки онҳо пирамидаҳои молиявиро аз тиҷорати аслӣ фарқ карда тавонанд.

**Аслам Мӯминов,**
**"БТҶ".**

***Мақола бахшида ба 5-умин солгарди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" таҳия ва ба чоп омода карда шудааст.***

# Ипотекаи исломӣ – яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти ипотекӣ дар Тоҷикистон

"Бонкдории исломӣ" бо пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии алтернативӣ, ки аз низоми бонкии анъанавӣ фарқ мекунад, ба тақсимоти самаранокӣ захираҳо мусоидат намуда, ба суботи молиявӣ ва рушди бемайлони иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи кишвари азизамон нақши бориз мегузорад.



Қарздиҳӣ ё худ маблағгузорӣ яке аз самтҳои калидии соҳаи бонкдорӣ ба ҳисоб рафта, то имрӯз аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ҳама намуди гуногуни ин самти хизматрасонӣ пешкаши мизоҷон гаштааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешниҳоди ин намуди хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии мамлакат тамоми соҳаҳоро фаро гирифта, бо шартҳои гуногун дар амал татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, аз қарзҳо барои харидани хона сар карда, то асбобҳои хурдтарини рӯзгор аз ширкатҳои сохтмонӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва савдо мавриди баҳрабардории аҳолии мамлакат қарор ёфтааст.

Вобаста ба натиҷабардорӣ аз гуфтаҳои боло диққати хонандаро ба он ҷалб карданиям, ки дар байни ин намуди хизматрасонӣ қарзҳои ипотекӣ то ҳол ба таври мукаммал ба аҳолӣ пешкаш намегарданд ва рушди он назаррас нест. Албатта, ин ҳама бесабаб нест, зеро ҚонуниҶТ "Дар бораи ипотека"ҳанӯз соли 2008 қабул гардида, қарзҳои ипотекиро дар Тоҷикистон танҳо бонкҳои калони низомсоз ба мизоҷон ва ё ба кормандони худ пешкаш мекунанд ва дар кишвар ҳаҷми умумии он мувофиқи нишондиҳандаҳо дар соли 2018 зиёда аз 1 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, шумораи

истифодабарандагони ин намуди қарз атрофи 100 нафарро дарбар мегирад.

Сабаби дигари рушд наёфтани ин намуди хизматрасонӣ ин аст, ки дар бозори қарзии Тоҷикистон он бо арзиши миёна бо доллари ИМА 15% ва бо асъори миллӣ (сомонӣ) 20%-ро ташкил медиҳад, пешниҳод мегардад, вале агар бо сатҳи даромаднокии аҳолӣ нигарем, ин ниҳоят гарон аст.

Дар робита ба ин агар ба таҷрибаи мамлакатҳои тариқҷикарда назар афканем, чунин бармеояд, ки қарзҳои ипотекӣ бо арзиши 1-3%-и солона пешниҳод мегарданд ва муҳлаташон низ хело дароз аст ва зиёда аз 15 то 20 солро ташкил медиҳанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки қарзҳои ипотекӣ танҳо барои хариди манзили нав дода шуда, хонаҳое, ки ҳолати техникии онҳо ба талабот ҷавобгӯ нестанд, сарфи назар карда мешаванд.

Нуқтаи назари дигар ин аст, ки қарзҳои ипотекӣ бояд аз сарчашмаҳои арзону дарозмуддат пешниҳод гарданд, вале чунин имконияро аксари бонкҳои кишварамон надоранд ва шояд бинобар сабаби даромади баланд надоданашон барои бонкҳо пешниҳоди чунин қарз чандон ҷолиб набошад. Вале бо мақсади диверсификатсияи сандуқи қарзӣ, бартараф намудани хавфи таҷамӯъи соҳавӣ ва дар мавриди мавҷудияти воситаҳои озоду дарозмуҳлат бонкҳо ба пешниҳоди чунин намуди қарз машғул мешаванд. Бонкҳои



**Манучеҳр Раҳимов,** и. в. Сардори шуъбаи мониторинги хавфҳои бонкии ҶСК "Тавҳидбонк", унвонҷӯи кафедраи молияи ДМТ.

хориҷие, ки дар кишвари мо фаъолият доранд, метавон гуфт, ки то ҳанӯз пешниҳоди қарзи ипотекиро шурӯъ накардаанд.

Тибқи нишондиҳандаҳои солҳои 2008-2009 тамоми иқтисодиёти мамлакатҳои Ғарб ба буҳрони молиявӣ рӯ ба рӯ гашта, дар натиҷа зарари молии хеле бузург дидаанд. Сарчашмаи ин буҳрони иқтисодӣ аз ИМА ва маҳз аз қарзҳои ипотекӣ оғоз гардида, алангаи ин оташ дар як муддати кӯтоҳ ба иқтисодиёти Иттиҳоди Аврупо, Русия, Ҷопон ва Чин низ густурда шуд. Олами сармоя ба мушкилиҳо мувоҷеҳ гардида, тибқи маълумоти мавҷуда, 12 бонки ИМА варшикаста эълон шуданд. Вобаста ба ин Ҳукумати Амрико ба бонкҳо ва бозорҳои фондӣ аз ҳисоби захираҳои мухталифи давлатӣ ҷиҳати кумак 850 миллиард доллар ва ҳукумати Русия 1,5 триллион рубл, ҷудо намуда буданд. Ба ин нигоҳ накарда, вазъ ба тезӣ ба танзим наомада буд ва буҳрон бонкҳо ва ширкатҳои нав ба навро ба коми худ мекашид.

Сабаби асосиаш ин аст: чуноне дар боло қайд намудем, ин буҳронҳо маҳз аз қарзҳои ипотекӣ маншаъ гирифтаанд ва ин ҷо суоле ба миён меояд, чаро маҳз аз қарзҳои ипотекӣ буҳрон аланга зад? Шояд бинобар сабаби номукаммалии низоми қарздиҳӣ ё риоя нагардидани принсипҳои адолат дар муомила бошад?

Аз шарту шароити низоми муқаррарии бонкӣ, ки ҳамаи хавфҳоро ба зиммаи соҳибкор ё қарзгир вогузор мекунад, хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳар ду омилҳои болозикр сабабҳои калидии сар задани буҳрон буда метавонанд. Ин ҳолатҳо моро водор месозанд ва аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нигоҳи иқтисодии худро таҷдиди назар намуда, роҳҳои муосир ва алтернативии раҳоӣ аз буҳронро ҷӯё бошем.

Хушбахтона, дар баробари низоми бонкии анъанавӣ дар ҷаҳон низоми бонкии дигаре ҷойгузин аст, ки тавонист, дар баробари буҳронҳо мавқеи хосаи худро нигоҳ дошта, ҳатто тамоюл ба рушд дорад, ки ин ҳам низоми молиявии исломӣ ё худ низоми бонкдории исломӣ мебошад.

Дар айни замон иқтисодиёти бархе аз кишварҳоро буҳрони молиявӣ фарогир аст ва кишвари мо низ аз он дар канор нест. Зеро дар баробари буҳрон баъзе бонкҳои кишвар талаботҳои муштариёни худро қонеъ гардонида натавониста, мавқеи

худро дар бозор аз даст доданд ва рақобатнопазир гаштанд, ки ин омил ба коҳиш ёфтани эътимоди аҳолии мамлакат ба низоми бонкии кишвар овар- да расонид. Назари банда ин аст ва ҳолати кунунӣ аз он далолат мекунад, ки низоми иқтисодӣ, алалхусус низоми бонкии кишвар ба таҷдид ниёз дорад. Нақши бонкҳоро дар иқтисодиёт, ба рагҳои хунгарди ҷисми инсон шабоҳат додаанд, ки дар ҳақиқат ҳолати буҳрони молиявии кунунӣ далели ин гуфтаҳост. Бонкҳо, ки имрӯз дучори мушкилиҳо гаштаанд, ба иқтисодиёти кишвар низ таъ- сири манфии хешро бевосита гузошта истодаанд.

Қобили қайд аст, ки гуфтаҳои боло аз суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад, ки гуфтаанд, ***“Системаи самарбах- ши бонкӣ шарти муҳимтарини рушди босуръати иқтисодӣ мебошад”.***

Вобаста ба ин, дар кишвар ҳадди ақал дар баробари низоми бонкии анъанавӣ ҳамчун алтер- натива татбиқи низоми бонкии исломиро бояд ба роҳ монд. Зимнан бояд таъкид кард, ки низоми молиявии исломӣ ё ни- зоми бонкдории исломӣ соҳаи фаъолияти динӣ набуда, танҳо як низоми иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Бонкҳои исломӣ низ ба монанди дигар бонкҳо ҳамчун миёнарав амонатҳои мардумро ҷалб намуда, дар навбати худ ба соҳибкорон барои амали-

Хушбахтона, дар баробари низоми бонкии анъанавӣ дар ҷаҳон низо- ми бонкии дигаре ҷойгузин аст, ки тавонист, дар баробари буҳронҳо мавқеи хосаи худро нигоҳ дошта, ҳатто тамоюл ба рушд дорад, ки ин ҳам низоми молиявии исломӣ ё худ низоми бонкдории исломӣ мебошад.

гардонии лоиҳаҳои тиҷоратӣ маблағгузорӣ менамоянд. Фаъолияти чунин бонкҳо дар иқтисодиёти кишвар, натанҳо барои мусалмонон, балки барои тамоми намояндагони дину мазҳабҳои гуногун метавонад судманд ва қобили қабул бошад. Аз ин рӯ, ҳар фарди ҷомеа ме- тавонад мизоҷи бонки исломӣ бошад.

Дар ин замина бонкҳо ё дигар ташкилотҳои қарзии мамлакат вобаста ба стратегия ва истифо- да аз маҳсулотҳо ва принсипҳои маблағгузории исломӣ метаво- над бо нигоҳи ҷадид ва пешни- ҳоди хизматрасониҳои ҷолибу қобили қабул вориди ин бозор гарданд. Маҳсулотҳои бонкии исломӣ тамоми соҳаҳои иқти- содиётро фаро гирифта, ба манфиатҳои комили қарзди- ҳандаву қарзгиранда мувофиқат мекунанд ва захираҳои пулӣ дар ин низом баҳри манфиати кулли ҷомеа равона мегарданд. Татбиқи низоми молиявии исломӣ ё бонкдории исломӣ

ҷалби захираҳои бефоизро аз шахсони воқеӣ ва бонкҳои бай- налмиллалии исломӣ, инчунин роҳи воқеии кам кардани андо- заи фоизҳои қарз ва амонатро дар ҷумҳурӣ таъмин менамо- яд. Зеро меъёрҳои эътиқодиву ахлоқии он шаҳрвандоне, ки истифодаи фоизро қабул надо- ранд, вайрон карда намешавад ва ҳамаи амалиётҳо вобаста ба маҳсулоти бонкии исломӣ мувофиқи қонунҳои шаръӣ қатъиян риоя карда мешаванд. Дар натиҷа маблағҳои озоде, ки аз гардиши бонкӣ дур мондаанд, дубора вориди низоми бонкӣ гардида, дар иқтисоди кишвар ба нафъи миллату давлат кор хоҳанд кард.

Вобаста ба бозори дохилии кишвар мавқеи хизматрасо- ниҳои бонкӣ баҳри хариди мо- шин, техника ва мебелу таҷҳи- зоти рӯзгор аз ҷониби аксар ташкилотҳои қарзӣ ба таври васеъ фарогирӣ шудааст. Аммо мавқеи қарзҳои ипотекӣ дар бозор холӣ арзёбӣ мегардад ва моро водор месозад, ки бо пешниҳоди маҳсулотҳои ҷолиби диққат ва мувофиқ ба сатҳи да- ромаднокии мардуми кишвар, андеша намуда баҳри рушди ин бозор чораҳои зарурӣ андешем.

Дар айни замон дар Тоҷикис- тон алалхусус дар пойтахти кишвар тамоюли сохтмони биноҳои баландошёна хеле на- заррас аст. Аз ин рӯ, ташкилот- ҳои қарзӣ метавонанд бо ис- тифода аз маҳсулотҳои бонкии исломӣ қарзҳои ипотекиро бо навъҳои гуногун ба мизоҷони потенсиалӣ таҳия ва пешкаш на-

муда, мавқеи хуберо дар бозори ватанӣ соҳиб гарданд. Низоми молиявӣ ё бонкии исломӣ дар ин ҷода имконоти хеле васеъро фароҳам меорад ва бонк метавонад бо истифода аз маҳсулотҳои бонкии исломӣ бо аҳдҳои **Муробаҳа, Иҷора, Истисно ва Мушорака** қарзҳои ипотекиро таҳия намуда, сандуқи қарзии худро ташаккул диҳад. Шарҳи мухтасари ин маҳсулотҳо ва истифодаи онҳоро ҳамчун маблағгузории ипотекӣ дида мебароем:

**1. МУРОБАҲА** – аҳдест, ки мутобиқи он бонки исломӣ бо дархости муштарӣ молеро аз фурӯшанда харидорӣ намуда, бо иловаи изофапулӣ (наценка) ба муштарӣ мефурӯшад. Муштарӣ имкон дорад, ки арзиши молро дар муҳлатҳои баъдӣ, давра ба давра (в рассрочку) пардохт намояд.

Дар аҳди Муробаҳа нархи хариди мол ва андозаи изофапулӣ (наценка) ба муштарӣ ҳатман нишон дода мешавад.

Дар ин замина истифодаи аҳди Муробаҳа барои хариди манзили истиқоматӣ хеле қулай ва оддӣ аст.

**Шарҳ:** Муштарӣ манзили истиқоматӣ ва фурӯшандаи онро интихоб намуда, ба Бонки исломӣ барои маблағгузории (харидорӣ) он манзил муроҷиат мекунад. Бонк баҳри муайян намудани пардохтпазирии муштарӣ таҳлили молиявии муштариро анҷом медиҳад. Дар сурати пардохтпазир будани муштарӣ Бонк шартҳои маблағгузориро пешниҳод менамояд. Дар ҳолати ба мувофиқа омадан Бонк аз номи худ он манзилро харидорӣ менамояд ва бо назардошти изофапулӣ (наценка) ба муштарӣ мефурӯшад. Муштарӣ арзиши он манзилро мутобиқи ҷадвали пардохт дар як муҳлати муайяни мувофиқашуда давра ба давра пардохт менамояд. Пас аз пурра пардохт гардидани арзиши манзили истиқоматӣ ҳуқуқи моликият аз бонк ба муштарӣ мегузарад.

**Мисоли татбиқи амалии Муробаҳа:** Аҳмад мехоҳад манзили истиқоматӣ харад. Арзиши он манзил маблағи 200 000 сомониро ташкил медиҳад. Аҳмад айни замон наметавонад он манзилро харидорӣ намояд ва ба Бонки исломӣ барои харидорӣ намудани манзили истиқоматӣ муроҷиат мекунад. Бонки исломӣ он манзилро аз номи худ бо нархи 200 000 сомонӣ харидорӣ намуда, онро ба Аҳмад бо назардошти изофапулӣ бо нархи 300 000 сомонӣ бо пардохти давра ба давра ба муҳлати 5 сол мефурӯшад. Аҳмад дар муддати 5 сол давра ба давра арзиши манзилро, ки 300 000 сомониро ташкил медиҳад, пардохт намуда, дар натиҷа соҳиби он манзил мегардад.

**2. ИҶОРА** - тибқи ин шартнома иҷорадеҳ амволашро ба иҷорагир барои ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ дар муҳлати мувофиқашуда бар ивази иҷорапулӣ медиҳад. Хусусиятҳои фарққунандаи аҳди иҷораи исломӣ аз иҷораи (лизинг) анъанавӣ инҳоянд:

- дорои ҳангоми бастани аҳд бояд моликияти иҷорадеҳ бошад;
- хавфи нуқсонҳои техникӣ ба зиммаи иҷорадеҳ вогузор мегардад;
- то дастрас гардидани дорои ба иҷорагир, аз вай иҷорапулӣ ситонида намешавад;
- аҳд бевосита ҳангоми додугирифти дорои баста мешавад;
- иҷорагир ҳангоми корношоям гаштани дорои (агар аз вай вобаста набошад) аз пардохти иҷорапулӣ озод мегардад.

**ИҶОРА МУНТАҲИЯ БИТТАМЛИК** (гузашти ҳуқуқи моликӣ ба амвол) – яке аз намудҳои шартномаи иҷора мебошад, ки тибқи он иҷорадеҳ ваъда медиҳад, ки пас аз ба охир расидани муҳлати шартнома ҳуқуқи моликияти объекти иҷора ба иҷорагир мегузарад.

**Шарҳ:** Аз ин бармеояд, ки дар низоми молиявӣ ё бонкии исломӣ ду навъи иҷора ҳамчун алтернативаи иҷораи **молиявӣ** ва **амалиётӣ** дар низоми анъанавӣ истифода мегардад. Дар иҷораи молиявӣ баъд аз ба охир расидани муҳлат объекти иҷора ба Иҷорадеҳ (соҳибмулк) баргардонида мешавад, ки ин дар молияи исломӣ ба **Иҷора** мувофиқ меояд. Дар иҷораи амалиётӣ бошад, пас аз ба охир расидани муҳлати иҷора ҳуқуқи моликият ба объект ба иҷорагир мегузарад, ки алтернативаи он дар молияи исломӣ **"Иҷора мунтаҳия биттамлик"** мувофиқ меояд.

Аз рӯи аҳди **Иҷора** мо метавонем барои маблағгузории

ипотекӣ навъи дуюми он **"Иҷора мунтаҳия биттамлик"**-ро истифода намоем, ки аз рӯи он дар асоси ваъдаи пешакии Иҷорадеҳ, объекти иҷора баъди ба охир расидани мӯҳлати аҳд ба Иҷорагир ё фурӯхта ва ё ҳадя карда мешавад.

Истифодаи аҳди мазкур дар маблағгузории ипотекӣ хеле қулай буда, ба вазъи молиявӣ ва пардохтпазирии аҳолии мамлакат бисёр мувофиқ аст.

**3. ИСТИСНОЪ** (истеҳсол аз рӯи фармоиш) - аҳд оид ба фурӯши молу мулке, ки бояд аз ҷониби истеҳсолкунанда ё пудратчии сохтмон дар оянда истеҳсол ё сохта шуда, баъди анҷомёбии кор ба фармоишгар супорида шавад.

Аҳди истисноъ бар хилофи дигар маҳсулотҳои бонкдории исломӣ, дар ҳолати мавҷуд набудани мол баста мешавад. Фарқият танҳо дар он аст, ки ҳангоми бастани аҳди истисноъ мушаххасоти маҳсулот ба таври пурра муайян карда мешавад.

**ИСТИСНОЪИ МУВОЗӢ (параллелӣ)** - аҳди истисноъи мувозӣ тариқи ду шартномаи алоҳида амалӣ карда мешавад. Дар шартномаи аввал бонки исломӣ ҳамчун таҳвилгар амал карда, бо фармоишгар шартнома мебандад. Дар шартномаи дуюм бонки исломӣ ҳамчун харидор амал карда, бо истеҳсолкунанда, пудратчии сохтмон ё таҳвилгар барои иҷро кардани ӯҳдадориҳо дар назди фармоишгар, аз рӯи шартномаи якум, аҳди дигар мебандад. Яке аз шартномаҳо фавран баста мешавад (яъне

> Зимнан бояд таъкид кард, ки низоми молиявии исломӣ ё низоми бонкдории исломӣ соҳаи фаъолияти динӣ набуда, танҳо як низоми иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Бонкҳои исломӣ низ ба монанди дигар бонкҳо ҳамчун миёнарав амонатҳои мардумро ҷалб намуда, дар навбати худ ба соҳибкорон барои амалигардонии лоиҳаҳои тиҷоратӣ маблағгузорӣ менамоянд.

шартномаи истисноъ, ки ташкилоти қарзии исломӣ бо истеҳсолкунанда, пудратчии сохтмон ё таҳвилгар мебандад), шартномаи дуюм бошад (яъне шартнома бо фармоишгар) баъдтар баста мешавад.

**Шарҳ:** Аҳди Истисноъро метавон барои сохтмони манзили истиқоматӣ мувофиқи дархости муштарӣ мавриди истифода қарор дод. Дар ин аҳд муштарӣ дар ҳолати надоштани маблағи кофӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ, метавонад ба бонк муроҷиат намояд. Бонк дар навбати худ дархости муштариро қабул намуда, аз рӯи мушахасоте, ки муштарӣ пешниҳод менамояд бо ширкати сохмонӣ шартномаи **Истисноъи мувозӣ** баста, сохтмони он манзилро маблағгузорӣ менамояд. Маблағгузорӣ аз ҷониби бонки исломӣ вобаста ба давраҳои анҷомёбии кор (таҳкурсӣ, ошёнаи аввал,ошёнаи дуюм ва ғ.) сурат мегирад. Пас аз анҷоми сохтмони манзили истиқоматӣ бонки исломӣ мувофиқи аҳди истисноъ манзили сохташударо ба муштарӣ пешниҳод менамояд. Муштарӣ маблағи онро давра ба давра ва ба мӯҳлати муайяншуда пардохт менамояд.

Чуноне, ки аз моҳияти аҳд ба мо маълум гашт, аҳди Истисноъ танҳо барои сохтмони манзили истиқоматӣ истифода гардида, объекти маблағгузоришаванда дар асоси дархосту хоҳиши муштарӣ сохта мешавад. Яъне бо истифода аз ин аҳд мо наметавонем манзили мавҷударо харидорӣ намоем.

**4. МУШОРАКА** (араб. – ҳамкорӣ, шарикӣ) - лоиҳаи якҷояи бонк ва муштариён буда, ба гурӯҳи амалиётҳои фаъоли бонки исломӣ шомил аст. Мутобиқи он тарафҳо бо мақсади маблағгузории лоиҳаи тиҷоратӣ, аҳди шарикӣ мебанданд. Фоида мутобиқи шартномаи басташуда тақсим мегардад. Зарар вобаста ба ҳаҷми саҳми шарикон байни онҳо тақсим карда мешавад.

**МУШОРАКАИ МУТАНАҚИСА** - шартномаи шарикӣ, ки мутобиқи он яке аз тарафҳо (шарик/шарикон) ҳиссаи тарафи дигарро (шарик/шарикон) мувофиқи шартҳои шартнома харидорӣ менамояд.

**Шарҳ:** Аҳди Мушорака навъҳои гуногунро доро мебошад ва мо дар ин ҷо танҳо он навъеро шарҳ медиҳем, ки барои маблағгузории ипотекӣ мувофиқ аст. Мувофиқи ин аҳд

муштарӣ дар ҳолати доштани як қисми маблағ метавонад ба бонки исломӣ муроҷиат намояд. Бонк дар навбати худ метавонад арзиши боқимондаи манзили истиқоматиро аз ҳисоби худ ҳамчун ҳисса барои харидории манзили истиқоматӣ ҷудо намояд. Дар натиҷа бонк ва муштарӣ ҳамчун шарик манзилро харидорӣ менамоянд ва муштарӣ имкон пайдо мекунад, ки ҳиссаи бонки исломиро давра ба давра харидорӣ намуда, пас аз ба охир расидани муҳлати муайяншуда ва дар ҳолати пурра харидорӣ намудани ҳиссаи бонк, соҳиби манзил гардад. Дар ин аҳд моҳиятан ҳолате дар назар аст, ки ду ва ё зиёда шахс молики як объект ҳастанд ва дорои ҳиссаҳои гуногун ё баробар мебошанд.

**Татбиқи амалии Мушоракаи мутанақиса:** Аҳмад мехоҳад манзили истиқоматиеро, ки арзишаш маблағи 300 000 сомониро ташкил медиҳад, харидорӣ намояд, аммо дар даст ҳамагӣ 150 000 сомонӣ маблағ дорад. Дар ин ҳолат ӯ ба бонк барои харидории шарикӣ (якҷоя) муроҷиат менамояд. Дар ҳолати розигии тарафайн он манзил бо ҳиссаи баробар харидорӣ мешавад. Фарз кардем, ки шартнома ба муҳлати се сол баста шуда, Аҳмад ҳар сол ба андозаи 33% ҳиссаи бонкро харидорӣ менамояд ва дар ҳолати пурра харидорӣ намудани ҳиссаи бонк Аҳмад ҳуқуқи соҳибмулкиро ба даст оварда, соҳиби манзил мегардад. То ба охир расидани муҳлати шартнома бонк ҳуқуқ дорад аз Аҳмад иҷорапулӣ барои истифодаи манзили истиқоматӣ талаб кунад (то пурра харидорӣ шудани ҳиссаи бонк).

Ин буд чаҳор маҳсулоти бонкии исломӣ, ки дар самти маблағгузории ипотекӣ бевосита метавонем, мавриди истифода қарор диҳем ва рушди бозори ипотекиро дар мамлакат таъмин намоем.

Ҳамзамон бо амалӣ намудани ин мақсад бонкҳо метавонанд аз институтҳои молиявии исломии бонуфуз, алалхусус аз Бонки исломии рушд захираҳои дарозмуддатро ҷалб намуда, дар рушди соҳа саҳим гарданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки айни замон дар Бонки исломии рушд ду барнома мавриди амал қарор дорад ва барои кишварҳои аъзо татбиқ гардида истодааст. Вобаста ба он, тариқи ин барномаҳо метавон барои рушди бозори ипотека дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ намуд:

**1. Awqaf Program;**

**2. Lives and Livelihood Program**

Нуқтаи назари дигар ин аст, ки Бонки исломии рушд тариқи гирифтани кафолати давлат ё ҳукумат ба кишварҳои аъзо маблағгузорӣ менамояд. Дар робита ба ин, хуб мешуд, агар Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушди бозори ипотекӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи соҳа бо Бонки исломии рушд ҳамкориҳои густурдаро роҳандозӣ намояд. Баҳри амалӣ намудани ин мақсад ҳукумат метавонад бо таҳия, тарҳрезӣ ва қабули як барномаи махсуси давлатӣ тариқи ин барномаҳои болозикр маблағҳои инвеститсиониро ҷалб намуда, ба воситаи ташкилотҳои қарзии мамлакат онро дар амал татбиқ намояд ва бо ин роҳ бозори ипотекиро дар кишвар рушд диҳад. Дар сурати бомуваффақият амалӣ гаштани ин нақшаю барномаҳо, имкони пайдо шудани бонкҳои нави махсусгардонидашудаи ипотекӣ дар бозори иқтисодии мамлакат ба миён меояд.




# ПОРТАЛИ ИНТЕРАКТИВИИ СОҲИБКОР БО СОҲИБКОР — ЁВАРИ БЕМИННАТ

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳайё сохтани шароити мусоид барои субъектҳои соҳибкорӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд. Бо ин мақсад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Нақшаи чорабиниҳо асосан фарогири масъалаҳои таҳкими заминаи қонунгузорӣ дар бахши танзими фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани малакаи касбии соҳибкорон, ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагон, ҷорӣ намудани усулҳои нави пешбурди соҳибкорӣ, тақвият бахшидан ба рушди муколамаи давлат ва бахши хусусию ҷалби сармоягузорӣ мебошад.

Бо мақсади муаррифии молу маҳсулотҳо, пайдо намудани шариконы тиҷоратӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дар доираи Нақшаи 300 рӯзи ислоҳот аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷинвест” дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии шарикони рушд портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) дар сомонаи «www.b2b.tj» ташкил карда шуд.

Ҳадафи портали мазкур дастгирии иттилоотии субъектҳои соҳибкорӣ барои рушди фаъолияти онҳо, тақвияти содирот ва ҷалби

сармоя ба шумор меравад. Портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ин майдон барои ҷустуҷӯ, фурӯш ва бароҳмонии ҳамкорӣ байни ширкатҳо мебошад.

Дар портал маълумотҳои зарурӣ вобаста ба фазои соҳибкорию сармоягузорӣ, фаъолияти ширкатҳои ватанию хориҷӣ ва маҳсулотҳои истеҳсолии онҳо дар Тоҷикистон пешкаши ҳамагон гардидааст. Маълумотҳо дар портал бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дастрас мебошанд. Дар оянда ҷойгир намудани маълумотҳо забонҳои арабӣ ва хитоӣ низ дар назар дошта шудааст.

Портали мазкур роҳ ба олами муносибатҳои тарафайни тиҷоратии ҷаҳонӣ мебошад, ки дар навбати худ аз сомонаҳои зиёд иборат аст. Он ҳамчун як макони дастрасӣ ба иттилооти дар интернет ва сомонаҳо мавҷудбуда мебошад, ки ба истифодабарандагон ҷиҳати ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ кумак мерасонад.

Бизнес-портал ҷиҳати ҷустуҷӯи шарикони нав, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар дохил ва хориҷи кишвар имкониятҳои навро фароҳам меорад. Дар баробари ин, ба таври шаффоф вазъи иқтисодии Ҷумҳуриро барои сармоягузорон муаррифӣ менамояд. Ҳамзамон, он ба ҳайси роҳнамои тиҷоратӣ барои шиносоӣ бо имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон хизмат менамояд.

Дар баробари ин, портали соҳибкор бо соҳибкор ба технологияи муосир, талаботи ҷаҳонӣ ва тамоюли замон ҷавобгӯ буда, истифодабарии он дар фаъолияти соҳибкорон соддаву қулай мебошад. Портал аз 5 бахш иборат буда, дар онҳо маълумот оид ба фазои соҳибкорию сармоягузории Тоҷикистон, хабарҳои иқтисодии мамлакат, маълумот оид ба ширкатҳои ватанию хориҷӣ ва молу маҳсулотҳои истеҳсоли онҳо ҷойгир карда шудааст.

Соҳибкорон метавонанд мустақилона ширкатҳо, маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои худро дар портал ба қайд гиранд. Танҳо мизоҷони бақайдгирифташуда имкон доранд аз тамоми имтиёзҳои портал бархӯрдор шаванд.

Инчунин, дар портал ширкатҳо соҳиби саҳифаи шахсӣ буда, он имконияти пайвастшавӣ ба интернетро бидуни созмон додани сомонаи махсус фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, портал ба ширкатҳои бақайдгирифташуда вобаста ба масъалаҳои гуногун, аз ҷумла, ҳуқуқӣ, андозбандӣ, ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра кумакҳои машваратӣ мерасонад.

Дар назар аст, ки дар заминаи Бизнес-портал маҷаллаи «Тиҷорати Тоҷикистон» ба таври электронӣ ва чопӣ нашр гардад.

Дар портал бахши "Сохтани дархост" мавҷуд аст, ки ин ба соҳибкорон имкон медиҳад вақти худро сарфа намоянд ва дар портали мазкур дархости худро оид ба хариди мол ва ё хизматрасонӣ ҷойгир кунанд.

Бахши дигар ва ҷолиби портал "Роҳнамои тиҷоратӣ барои сармоягузорон" мебошад, ки он саҳифаи роҳнамои тиҷоратӣ буда, тавсифи имкониятҳои сармоягузорӣ ва шароитҳои сармоягузорӣ вобаста ба бахшҳоро дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар он феҳристи ягонаи тамоми лоиҳаҳои сармоягузории Тоҷикистон, маҳзани қонунҳо ва феҳристи байнидоравии лоиҳаҳои сармоягузории мавҷудбуда, ҷойгир карда шудаанд.

Ва ниҳоят, бо боварӣ метавон гуфт, ки портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ин воситаи муосире дар дасти соҳибкор мебошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тиҷоратии он хизмат хоҳад кард.

**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Таҷлили ҷашни Истиқлоли давлатӣ дар БМТ

Ба ифтихори фарорасии 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 сентябри соли равон дар маҷлисгоҳи Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарият ва ҳайати кормандони бонк ҷамъомади тантанавӣ ва хотирмон баргузор гардид. Чорабинии идона дар фазои тантанавӣ бо ба толори маҷлис ворид намудани Парчами давлатии кишвар ва садо додани Суруди миллӣ оғоз шуд

Нахуст Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни ифтитоҳи ҷамъомади муҳими давлатӣ ҳозиринро ба муносибати ин ҷашни бошукӯҳ - 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният намуда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон комёбиҳои назаррас таманно кард.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар ибтидои суханрониаш изҳор намуд, ки дар тӯли 28 соли сипаришуда Тоҷикистон аз имтиҳонҳои ҷиддии таърих бо сари баланд гузашта, роҳи мураккаби инкишофро тай кард ва дар сиёсати дохилию берунӣ ба натиҷаҳои назаррас соҳиб шуд. Воқеан, бо давлати мустақил эълон шудани Тоҷикистон дар таърихи 9-уми сентябри соли 1991 дар китоби таърихи миллати куҳанбунёди мо саҳифаи наве бо номи даврони Истиқлолият оғоз гардид.

Аммо, – гуфт Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, – тавре аз таҷрибаи таърихи сиёсии бисёр кишварҳои ҷаҳон мебинем, бунёди давлати миллӣ марҳилаи бисёр душвор ва ҳассос аст ва андак беэҳтиётӣ ва саҳлангорӣ дар ин масъала метавонад фоҷеаи бузург ва пайомади ногуворро ба бор оварад. Ҳамин буд ки аз нахустин рӯзҳои эълони Истиқлолият мушкилоти бешумори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, ки хоси ҳамин марҳила мебошанд, дар Тоҷикистон низ пеш омада, домангири ҷомеаи мо гаштанд ва мамлакат ба гирдоби буҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ кашида шуд.

Хушбахтона, бо амри тақдир дар он айёми ниҳоят сангин ва сарнавиштсоз масъулияти роҳбарии Тоҷикистони азиз ба дӯши фарзанди дилсӯзу ватанпарасти миллат, сиёсатмадори барҷаста Эмомалӣ Раҳмон вогузор гардид. Пешвои миллати мо бо такя ба Худованди мутаол рӯҳи поки бузургони гузаштаву имрӯзаи миллат, имону виҷдон ва донишу хиради мардуми шарифи Тоҷикистон тавонист оташи ҷангро дар мамлакат фурӯ нишонад ва зиндагии орому осударо дар мамлакат таъмин намояд.

Илова бар ин, – қайд намуд Ҷамшед Нурмаҳмадзода, – сулҳи байни тоҷикон, ки бо шарофати хиради







азалии мардуми шарафманди мо ба вуқӯъ пайваст, на танҳо аҳамияти умумимиллӣ, балки ҳамчунин аҳамияти фаромиллӣ ва байналмилалӣ пайдо кард. Ин таҷриба, дар таърихи башарият падидаи беназир маҳсуб гардида, метавонад барои фурӯ нишондани оташи ҷанг ва низоъҳои дохилӣ дар дигар минтақаҳои даргири ҷаҳон ҳамчун намунаи барҷаста ва нотакрори сулҳофаринӣ истифода гардад.

Дар рафти ҷаласа таъкид карда шуд, ки дар айни замон мо ҳама шоҳиди онем, ки чор ҳадафи стратегии мамлакат – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар бо роҳбариву раҳнамоии Пешвои миллат амалӣ шуда истодаанд ва вазифаи ҷомеаи шаҳрвандии мо иштироки фаъолона дар иҷрои муваффақонаи ин ҳадафҳои стратегӣ мебошад.

Воқеаи дигари фараҳбахши даврони Истиқлолияти давлатӣ, ки Раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо ифтихор дар бораи он сухан ронд, ин бо ташаббус ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои муаззами миллат соли гузашта ба истифода додани чархаи аввали Неругоҳи барқи обии Роғун ба шумор меравад. Ҳамчунин таъкид кард, ки имсол дар рӯзи таҷлили ҷашни фархундаи Истиқлолият чархаи дуюми ин иншооти бузурги аср ба истифода дода мешавад, ки саҳифаи заррин дар китоби таърихи давлатдории нави мо буда, барои ободонии мамлакат ва таъмини истиқлолияти энергетикии он заминаи мусоид мегузорад.

Номбурда дар идомаи чорабинии идона иброз намуд, ки низоми бонкии мамлакат низ ҳамқадами Истиқлолият пеш меравад ва бо вуҷуди душвориҳо вобаста ба вазъи бӯҳронии замони муосир ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад. Вазифаи ҷонии ҳар кадоми мо гузоштани саҳми назаррас дар пешрафти низоми бонкии мамлакат, аз ҷумла баланд бардоштани эътибори Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати бонки танзимгари сиёсати пулию қарзӣ дар қаламрави мамлакат аст. Ба қавли Пешвои миллат мо ҳамеша бояд шукронаи ин миллату давлат ва Истиқлолияти он намоем. Халқу Ватани азизамонро ба ҷон дӯст дорем ва барои ободию шукуфоии он содиқонаву самимона заҳмат кашем.

Дар қисмати ниҳоии ҷамъомад як зумра кормандони соҳибтаҷриба ва фаъоли БМТ барои фаъолияти босамар ва софдилона аз ҷониби роҳбарияти бонк қадрдонӣ карда шуданд. Муовини директори Департаменти ҳисобдорӣ – муовини сармуҳосиб Ҷобирова Санавбар ва муовини мудири Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Сираева Зебо бо нишони сарисинагии "Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон" ва як қатор кормандоне, ки ба нишондиҳандаҳои баланди меҳнатӣ ноил гардидаанд, бо Ифтихорномаи Бонки миллии Тоҷикистон дар фазои тантанавӣ сарфароз гардонида шуданд.



**Л. Имомова,**
**"БТҶ".**

# ДАЛЕЛҲОИ ҶОЛИБИ ОЛАМИ БОНКДОРӢ

## КАЛИСОҲО АВВАЛИН НИГОҲДОРАНДАГОНИ АМОНАТҲО



Дар қадим маъбадҳо аввалин муассисаҳое буданд, ки нигоҳдории пул ва дороиҳои гаронбаҳоро ба роҳ монда буданд. Масалан, сокинони Афинаи қадим пасандозҳои худро дар маъбадҳои Акропол нигоҳдорӣ мекарданд ва ё ба амонат месупориданд. Дар асрҳои миёна мардуми сарватманди Аврупо дар аксар ҳолатҳо пулҳои худро дар калисоҳо нигоҳдорӣ мекарданд.

## “БАНКРОТ” АЗ КУҶО ПАЙДО ШУД?



Вожаи "бонк" решаи итолиёгӣ дошта, аз калимаи banco, ки дар забони итолиёгӣ маънои харак ва мизро дорад, ба вуҷуд омадааст. Дар асрҳои XV-XVI дар Венетсия саррофон тангаҳои худро дар рӯйи чунин мизҳо гузошта, амалиётҳои пулию қарзӣ мегузаронданд. Истилоҳи “банкрот” низ аз ин вожаи ҳаммаънои хараку миз пайдо шудааст. Агар сарроф муфлис шуда, уҳдадориҳояшро дар назди мизоҷонаш иҷро карда наметавонист, ин харакро дар сари ӯ зада мешикастанд. Ба ин тартиб истилоҳи муосири “банкрот” аз вожаҳои итолиёвии “banco rotto” пайдо шудааст, ки тарҷумаи таҳтулафзиаш “хараку мизи шикаста» мебошад.

## ТАНГАИ ВАЗНИНТАРИН ВА КАЛОНТАРИНИ ДУНЁ



Дар айни замон тангаи вазнинтарин ва калонтарини дунё тангаи тиллоии як миллиондолларии амрикоӣ, ки дар Австралия сохта шудааст, ба шумор меравад. Он аз 1000 кило тиллои навъи аъло тайёр карда шуда, дорои диаметри 80 см ва ғафсии 12 см мебошад. Барои сохтани он якуним сол вақт сарф шудааст. Мегӯянд, ки арзиши он ба 57,34 миллион доллари амрикоӣ баробар аст. Дар як тарафи он расми маликаи Британияи Кабир ва дар тарафи дигари он расми генгуруи сурх ҷой дода шудааст. Пеш аз ин тангаи истеҳсоли Канада бо арзиши 1 миллион доллари амрикоӣ тангаи вазнинтарини олам ба шумор мерафт, ки 100 кило вазн дорад.

## ҚАРЗ БАР ИВАЗИ ПАНИР



Бонкҳои шимоли Италия ба деҳқонон бар ивази ба гарав гирифтани панир қарз медиҳанд. Бонкҳо барои он ки панирҳо вайрон нашаванд, онҳоро дар муддати 2-3 сол дар анборҳои махсус нигоҳ медоранд,. Агар қарздор дар муҳлати муайяншуда маблағи қарзро пардохт накунад, бонк панирро фурӯхта, зарари худро ҷуброн мекунад.

## ПОПҲОИ РУМ БАР ЗИДДИ САРРОФОН



Дар асрҳои миёна дар Аврупо попҳои Рум ба таври қатъӣ додани қарз бо фоизро манъ карда буданд. Ба андешаи онҳо, фоида гирифтан аз рӯи мушкилоти молиявии ҳаммазҳабони худ гуноҳи бузург дониста мешуд. Бинобар ин, дар соли 1179, Поп Александри III саррофон ва бо фоиз қарздиҳандагонро гунаҳкорони бузург эълон карда, воридшавии онҳоро ба маъбадҳо манъ кард. Ба ғайр аз ин, ба хонаводаи саррофон иҷозат дода намешуд, ки онҳоро дар заминҳои муқаддас дафн кунанд. Барои ҳамин ҳам онҳоро ҳамчун афроди худкушинамуда, дар паси деворҳои қабристон гӯр мекарданд.

## ЯҲУДИЁН-БОНКДОРОНИ АСРҲОИ МИЁНА

Бо фарқ аз дини насронӣ дини яҳудӣ ба имондорон машғул шудан ба саррофӣ ва қарздиҳиро манъ намекард. Бинобар ин, дар асрҳои миёна дар Аврупо асосан яҳудиён ба фаъолияти қарздиҳию саррофӣ сарукор доштанд. Дар зимн, дар он замон бо ин сабаб бисёр яҳудиёни сарватмандгардида, аз ҷониби афроди аз онҳо қарздоршуда мавриди ҳамла ва сӯиқасду куштор қарор мегирифтанд.

## БОНКҲОИ ҚАДИМТАРИНИ ДУНЁ



Бонки итолиёвии Banca Monte dei Paschi di Siena қадимтарин бонки фаъол дар ҷаҳон ҳисобида мешавад. Он соли 1472 дар шаҳри Сиена кушода шудааст. То чанд сол пеш бонки швейтсариягии Wegelin & Co, ки дар соли 1466 таъсис ёфта буд, бонки қадимтарини дунё дониста мешуд, вале ин бонк дар моҳи январи соли 2013 фаъолияташро қатъ кард.

## СУРАТҲИСОБИ ЛЕНИН ДАР ШВЕЙТСАРИЯ



Дар Швейсарияи муосир ҳоло тақрибан 400 бонк фаъолият мекунанд, ки дар онҳо тақрибан дар ҳаҷми 52 триллион доллари амрикоӣ сармоя нигоҳдорӣ мешавад. Ҷолиб аст, ки дар яке аз онҳо суратҳисобе вуҷуд дорад, ки бо 13 франки Швейтсария ба номи пешвои комунистон Владимир Ленин дар соли 1902 кушода шудааст. Ин суртаҳисоб то ҳол вуҷуд дорад.

## БУЗУРГТАРИН ҲОДИСАИ ҒОРАТГАРИИ БОНК



Тибқи маълумоти китоби рекордҳои Гиннес дуздии захираҳо ва ашёҳои қиматбаҳо аз Рейхсбонки Олмон дар соли 1945 дар таърих бузургтарин ғоратгарии бонк ба ҳисоб меравад. Дар он вақт захираҳои тиллои Рейхи сеюм ва бисёр асарҳои фарҳангии гаронбаҳо, ки аз тарафи фашистон аз осорхонаҳои Аврупо ғорат гардида буданд ва дар ин бонк нигоҳдорӣ мешуданд,, ба самти номаълум кашонида шуданд. Қимати асарҳои фарҳангии гаронбаҳои ба яғмо бурдашуда, 5 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

**Таҳияи А. Мӯминов, “БТҶ”.**

СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ 2018
2018 YEAR OF TOURISM DEVELOPMENT AND FOLK CRAFTS

Мо барои ҳар шахсе, ки мехоҳад касбу ҳунар, нияту нақша ва қобилияту истеъдоди худро амалӣ гардонад, яъне ҷиҳати худтатбиққунии шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам меорем.

Эмомалӣ Раҳмон

# 2019–2021

# “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»



# ХОНАНДАГОНИ АЗИЗУ ГИРОМӢ!

**Ба маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”, ки нашрияи Бонки миллии Тоҷикистон ба шумор меравад, обуна шуданро аз ёд набароред!**




**Зеро маҷаллаи “БТҶ” ягона нашрияи ранга бо мазмуну мундариҷаи баланди низоми бонкӣ ба шумор рафта, имкониятҳои васеъ ва воқеии огоҳ шудан бо тамоми навгонию дигаргуниҳо, бурду бохти соҳаро бароятон муҳайё месозад.**

**Чандест, ки маҷаллаи “БТҶ”дар фазои иттилоотии мамлакат худро ба ҳайси нашрияи иттилоотию таҳлилӣ, ҳисоботиву бонкӣ ва инъикосгари комёбиҳои нав ба нави низоми бонкии кишвар муаррифӣ кардааст.**

**Бешубҳа, маҷаллаи “БТҶ”вазъи воқеии низоми бонкии ҷумҳуриро инъикос менамояд, мақолаҳои хонданибоби иқтисодию бонкиро нашр мекунад ва барои амалӣ шудани сиёсати пулию қарзӣ саҳми назаррас мегузорад.**

**Имрӯз маҷаллаи “БТҶ” ба минбари озоди ибрози андешаи олимони соҳаи иқтисод ва бонкӣ, мутахассисон ва коршиносони бонкӣ табдил ёфта, мақолаҳои илмӣ ва амалии онҳоро дар саҳифаҳои нашрия нашр менамояд.**

**Ва ниҳоят, нашри мунтазами ҳисоботи нишондиҳандаҳои асосии омории бонкҳои ҷумҳурӣ, маҷаллаи “БТҶ”-ро ба сарчашмаи боэътимоди омори бонкии кишвар табдил додааст.**